ОСОРИ МУНТАХАБ





Адиб Собири Тирмизи

# ОСОРИ МУНТАХАБ

НАШРИЁТИ «ИРФОН»

# Адиб Собири Тирмизӣ

## ОСОРИ МУНТАХАБ

ДУШАНБЕ 1981

Точик 1
А 30

*Ба чоп тайёркунандаи матни маҷмӯа, муаллифи муқаддима ва мураттиби луғату тавзеҳот Аҳмад Абдуллоев.*

А 30

**Адиб Собири Тирмизӣ.**

Осори мунтахаб. — Тарт. А. Абдуллоев. Душанбе:, «Ирфон», 1981.

416 саҳ.

Маҷмӯае, ки ҳоло дар даст доред, ашъори мунтахаби нисбатан комилтари шоири маъруфи форсу тоҷик Адиб Собири Тирмизиро дарбар гирифтааст. Дар маҷмӯа беҳтарин шеърҳои лирикии шоир дохил шудаанд, ки мазмунан аҳамияти баланди таълимию тарбиявӣ, иҷтимоию ахлоқӣ ва эстетикӣ доранд.

**Адиб Собири Тирмизи.**

Избранное.

**Точик 1**

**А** $\frac{70403-933}{М\ 501(13)-81}$ **—91—81**

© Нашриёти «Ирфон», 1981

КИТОБХОНА
ДПОТ ба номи С. АЙНӢ

* * *

**Ба 900-солагии
шоир бахшида мешавад.**

* * *

## МУҚАДДИМА

Адабиётшиноси маъруфи Эрон Саид Нафисӣ дар мақолаи махсусе, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Адиб Собири Тирмизӣ бахшидааст[1], дараҷа ва мақоми ӯро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик чунин мудаққиқона муайян кардааст: «Аз байни садҳо шоир, ки дар мамолики порсизабон пайдо шудаанд, ҳама дар саҳми худ дархури шӯҳратанд. Мунтаҳо як иддаро иқболи умум аз ин миёна баргузида ва асомӣ ва осори эшонро аз Шарқ ба Ғарб ва аз шимол ба ҷануб бурдааст. Инҳое ҳам, ки дар боби баъд воқеъ шудаанд, фақат аз шӯҳрати оламгир маҳрум мондаанд, ва илло дар миё-

[1] Маҷаллаи «Армуғон», соли чорум, шумораи панҷум.

ни аҳли забон ва байни арбоби сухан ва адаб мақоми эшон маҳфуз аст. Адиб Собири Тирмизӣ ҳам дар дуньёи тамаддун ба шӯҳрати Фирдавсӣ ва Хайём ва Саъдӣ ва Ҳофиз нарасидааст, вале дар таворихи тамаддуни қадим ва маҳофили аҳли адаб ва дар авроқи кутуби адабӣ мақоми пешвои дорад ва ҳатто донишмандони хориҷа ҳам, ки ба усули адабиёти форс ошно ҳастанд, ӯро ба хубӣ мешиносанд».

Мақоми баланди Адиб Собир ва шӯҳрати ӯро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бисьёр тазкиранависони гузашта, шарқшиносони маъруф, олимони дигари Эрон, адабиётшиносони советӣ ва донишмандону адибони номвари мо махсусан устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон таъкиду таъйид кардаанд. Дар ҳақиқат Адиб Собири Тирмизӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар таърихи тамаддуну адаби тоҷик мавқеи хос ва муносибе доранд ва бо эҷодиёти рангинашон дар пешрафти афкори иҷтимоию эстетикии халқ нақшу таъсири мусбате гузоштаанд.

Адиб Собир соли 1078 дар шаҳри Тирмиз таваллуд ёфтааст. Давраи наврасӣ ва камолоти ӯ дар Тирмиз гузаштааст. Минбаъд ҳаёти вай берун аз ватанаш ҷараён меёбад. Ӯро яке аз амалдорони бонуфузи Хуросон—Абулқосими Алӣ бинни Ҷаъфар, ки дар Нишо-

пур иқомат дошта, зоҳиран қозии он ҷо будааст, ба хизмат даъват мекунад. Дар аввалҳои хизмат шоир, ҳарчанд дурии диёру наздикон ва ғарибиро ҳис кунад ҳам, қадре хушҳолу осуда будааст. Аммо баъди чанде ӯ озору тааддӣ дида ва ба сабаби тӯҳмати нолоике аз хизмат дур шудааст. Дар ин воқеаи нохуш аз обу нон, молу мулк ва хонаю ҷой ҷудо гаштааст, ки инҳоро дар қасидаҳои унвон ба мамдӯҳ як-як зикр кардааст. Зиёда аз ин ба Рован ном мавзеъ бадарға ҳам шудааст, ки аз боиси ин бо сӯзи дилу ошуфтаҳолӣ ба мамдӯҳ чунин итоб кардааст:

Маро ба Ровани вайрон раҳо набояд кард,

Ҳар оина ба Тирмиз расам ҷудогона,
Висоқ хоҳаму ташрифу ротибу иҷро.

Вале озору тааддии шоири равшанзамир бо инҳо катъ намегардад ва дере нашуда вай мисли шоири муосираш Масъуди Саъди Салмон ба ҳабси чонкоҳ меафтад:

То гашт гарди хотири ман хутбаи амал,
Масъуди Саъдвор кашидам ғаромате.

Ҳабсе, ки доштам дар он ҳабс раҳ наёфт
Дар гӯши ман на бонги намозе, на қомате.

Илова бар инҳо Адиб Собир аз таъқиботу фитнаҳои мазҳабӣ зарарҳо дидааст. Вай мисли бузургони илму шеъри давраҳои қадимтар чун устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино озодии мазҳабиро хуш дидааст ва дар ин равия ба шеаёну қарматиён, ки нисбат ба таассуби мазҳаби суннӣ як андоза рӯҳияи озодфикрона мепарвариданд, эътиқодманд будааст.

Ҳаёти Адиб Собир минбаъд дар дарбори Султон Санҷари Салҷуқӣ ҷараён меёбад, ки пойтахти ӯ — шаҳри бошукӯҳи он давра — Марв буд. Дар муддати кӯтоҳ обрӯи ӯ байни шоирони ин дарбор ва махсусан дар сӯҳбати султон меафзояд ва бар замми мартабати шоирии дарборӣ чун шахси ботадбир ва сиёсатмадор шинохта мешавад. Султон Санҷар аз ин лаёқати Адиб Собир истифода мекунад. Ӯ соли 1140 фитнаи навбатии вассали худ — Отсизи Хоразмшоҳро фурӯ нишонад ҳам, боз аз вай мисли ҳамешагӣ ихтилоф медид. Бинобар ин барои назорати корҳои Отсиз ва ташкил додани сулҳу салоҳият Адиб Собирро ҳамчун шахси боварибахши давлатӣ ба сифати сафири расмӣ ба Хоразм мефиристад. Шарҳи ин нукта дар «Таърихи ҷаҳонку-

шо»-и Ҷувайнӣ (соли таълифаш 1260) ба ин карор аст: Отсиз аз султон (Санҷар) узрҳо хост... Султон нарм шуд ва бар сабили худна ва мусолеҳат бозгашт ва Отсиз бар одати мустамир сари хилоф медошт. Султон Адиб Собирро ба рисолат наздики ӯ фиристод».

Инак пас аз таърихи соли 1142—43 Адиб Собир дар Хоразм умр ба сар мебарад. Вай аввалҳо дар дарбори Отсиз ҳамчун шоири номдори аср ва ходими намоёни давлати марказӣ ҳурмат мебинад, ба ситоиши бисьёри шоири он хонадон Рашиди Ватвот сазовор мегардад. Адиб Собир аз ӯҳдаи вазифаи худ ҳамчун сафири расмӣ хеле хуб мебарояд ва дар ин роҳ лаёқат нишон медиҳад. Ба рӯ гирифтани фитнаҳои Отсиз монеъ мешавад ва байни Хоразму Марв як навъ муносибати мӯътадил ба вуҷуд меорад.

Ҳамаи инҳо панҷ сол, яъне аз соли 1143 то 1147 давом мекунанд. Вале Отсизи Хоразмшоҳ бар зидди давлати марказӣ хамеша кинаи пинҳонӣ меварзид ва дӯстиро танхо ба зоҳир менамуд. Аз ин рӯ вай дар Хоразм пайваста ба муқобили Адиб Собир — ба дорандаи сафорати расмии давлатӣ кина мекард ва бо ҳар гуна баҳонаҳо ӯро азоб медод. Ҳамин аст, ки дар ин солҳо ба сари Адиб Собир боз рӯзхои сахттар омадаанд. Вай аз хорию мазаллат, азобҳои руҳӣ ва тазъику

фишорҳо хеле ба танг меомад ва аз ин ҳолатҳо шикоятҳои ҷонсӯз менамуд.

Чу хок хорам аз ин рӯзгори сангиндил,
Ки хоквор надорам ба назди халқ маҳал.
Ҳамеша чашми халал сӯи ҳоли ман нигарад,
Гумон барам, ки бад-ӯ ошиқ омадаст халал.

Гузашта аз ин Отсиз пастар аз паи андешаи фитнаи нав шуд ва мувофиқи он барои пинҳонӣ куштани худи ҳокими марказӣ — Султон Санҷар ҳаракат намуд. Ба ин қарордод ӯ назар ба нақли Ҷувайнӣ ду қотили зархаридро ба Марв равон кард, то ин ки мавриде ёфта пинҳонӣ Султон Санҷарро қатл намоянд. Ин фитнаи сиёҳ ба Адиб Собир маълум мешавад ва ӯ Санҷарро аз он огоҳ месозад. Ҷувайнӣ менависад: «Адиб Собирро аз ин ҳол маълум шуд, нишони он ду шахс бинвишт ва дар соқи мӯзаи пиразане ба Марв равон кард. Чун мактуб ба султон расид, то баҳси он касон карданд ва эшонро дар харобот бозьёфтанд ва ба дӯзах фиристод».

Ин воқеа ба сари Адиб Собир фоҷеаи мудҳиш овард. Отсизи Хоразмшоҳ чун ба Султон Санҷар зарар расонда натавонист ва хиёнати худро бебарор дид, муносибати пештараи бади худро ба муқобили Адиб Со-

бир ба сӯиқасди рӯирост табдил дод ва барои ҷисман маҳв кардани вай ва барҳам додани сафорати ҳукумати марказӣ ҳаракат намуд. Ин тарз Адиб Собир, ки пештар аз дасти Хоразмшоҳ азобу таъқиб медид, акнун бевосита овозаи қатлу маргро эҳсос намуд. Ӯ бо ҳаяҷон ишора ба Отсиз мегӯяд:

Эй, аҷаб обу ҳавоест дар иқлими ҳунар,
Ки ба бӯстони ҳунар хор дамад настаранам.
Эй дареғо, ки чу гул умри сабукхез бирафт,
Ки нахандид зи иқбол гуле дар чаманам.
Дар паи ман чӣ фитодаст фалак, ҳеҷ магар
Ман на бардоштаи хусрави душманфиканам?!
Не, макун, шоҳо, дарьёб, ки гар кушта шавам,
Барнаёяд ҳама олам ба баҳои кафанам.

Аз таҳдиду таъқибот ва хавфи марг шоири суханвари хушбаёнро чи гуна ҳолатҳои пуразоб пеш омада бошанд?! Ӯ рӯзҳои башумори умри худро дар парешонӣ ва азоби сахти рӯҳӣ паси сар кардааст. Зоҳиран илоҷи аз Хоразм баромада рафтанро ҳам наёфтааст ва дер нашуда одамони Отсиз ӯро гирифта ва хонаашро зерузабар кардаанд. Адиб Собир дар тағаззули яке аз қасидаҳояш бо муқоисае ниландудии рӯи худро аз захми даст чунин ишора кардааст:

Фалак чу рӯи ман аз захми даст ниландуд,
Зи ашки дида бар ӯ қатра-қатра чун симоб.

Рӯи ниландуди худро аз захми даст, албатта, вай бемуносиб зикр накардааст. Ҳангоми бадарғаи маҷбурӣ ва ҳабсу зиндон, ки ӯро даст додаанд, азоби захми даст дидани ӯ эҳтимол дошт. Вале дар вақти ба марги фоҷеавӣ—ғарқи дарьёи азим зӯран кашола карда бурданаш захми даст ва дигар азобҳои сахти нобакоронро бешубҳа зиёд ҳис кардааст. Ин тариқа, он фикри сиёҳе, ки Отсизи Хоразмшоҳ барои куштани Адиб Собир андешида буд, ба иҷро расонд. Шоири озодфикри ширинсухан, ходими давлатӣ бо азобу ранҷи беохир ва дасту пои баста дар яке аз шабҳои моҳи октябри соли 1147 дар Хоразм зӯран ба Амударьё ғарқ карда шуд.

Мероси адабии Адиб Собир аз девони шеърҳо иборат аст. Мундариҷаи девони ӯро қасида, ғазал, таркиббанд, қитъа ва рубоиҳо ташкил додаанд. Аз ҷиҳатҳои муҳимми мадоеҳи вай тасвири мазҳабу ақоид, рафтори нек, ахлоқу одоб, ақлу заковат, илму дониш ва ин навъ хусусиятҳои реалии мамдӯҳи нишопуриаш мебошад.

Инчунин дар қасоиде, ки шоир ба паҳлавонон,

шоирони муосираш ва ин қабил касон бахшидааст, аз тасвири конкретӣ дур нарафтааст.

Хусусияти дигари умдаи қасоиди Адиб Собир дар зикри васеи афкори танқидию иҷтимоии онҳост, ки бештар бо тасвири ҳасби холи ӯ ҳамроҳ омадаанд.

Қасоиди Адиб Собир аз ҷиҳати шакл ва таркиби жанрӣ низ хеле ҷолиб аст. Ташбибҳо қариб дар ҳамаи қасидаҳои ӯ домани васеъ доранд ва тӯлонианд. Бисьёр вақт онҳо аз мадҳ болотар қарор гирифтаанд ва дар чанде қасидаҳо шоир ҳатто баъди ташбиби тӯлонӣ ва зикри мадҳ боз бо васфҳои воқеии ҳаётӣ ташбиби дуюм оварда, гузориши афкори ҳаётдӯстонаи эстетикиро бештар гардондааст. Баъзе ташбибҳои тӯлонии ӯ ҳатто ранги достончаҳои хурди лирикӣ доранд.

Мо бо сабабҳои махсус дар қасоиди шоири нимаи аввали асри XI Манучеҳрии Домғонӣ вусъати доираи ташбиб ва дар мавқеи дуюм афтидани мадҳро мушоҳида мекунем. Ин ҳол пас аз Манучеҳрӣ махсусан дар эҷодиёти Адиб Собир нағз намоён гаштааст. Адиб Собир ба тасвири ҳаёти воқеӣ, зебоиҳои зиндагӣ ва ишқу садоқати инсонӣ ғамхорона наздик шудааст ва ситоиши онҳоро ҳамчун оптимист ва гуманисти некандеш дар мадди аввал гузоштааст.

Вусъатнокии ситоиши мавзӯи ҳаётӣ дар ташбибҳои

Адиб Собир ва тӯлонӣ будани онхо собит месозад, ки дар эчодиёти вай низ мавзӯи мадеҳавӣ бо вуҷуди доманадорӣ дар мавкеи дуюм карор гирифтааст. Адиб Собир гӯё бисьёр вакт мадҳро аз зарурат ба забон гирифтааст ва он ҳам бошад дар касидаҳои ба Абулкосими Алӣ бинни Ҷаъфар бахшидааш, ки дар девонаш бисьёранд, бештар ба ситоиши шахси олиму доно, шоиру фақеҳ заковатманду хушахлоқ харакат карда, ин тарз ба таргибу ташвиқи ахлоқи неку ҳамида, хислатҳои хуб ва илму дониш кӯшидааст.

Дар осори Адиб Собир аз ҷиҳати ифодаи мазмунҳои баланди иҷтимоию ахлоқӣ мавкеи китъа барҷаста аст. Ин гуна мазомини китъа бо дигаргуниҳои вазъияти иҷтимоӣ умуман дар эҷодиёти шоирони муосири Адиб Собир бештар гардидааст. Вале дар ин миёна эҷодиёти Адиб Собир боз махсустар мебошад. Қитъаҳо аслан ба оҳанги эҷодиёти Адиб Собир як навъ дигаргунӣ бахшида, ҳамроҳи ташбиботи фаровони ҳаётдӯстона ва ташбибҳои иҷтимоиаш осори ӯро ба рӯҳияи мазмунҳои шикваомезу танкидӣ, ахлоқию тарбиявӣ ва оптимистию инсонпарварона хеле ҳамоҳанг гардондаанд.

Дар лирикаи Адиб Собир тасвири ишку муҳаббат, манзараҳои дилкаши табиату майгусорӣ ва ин навъ маз-

мунҳои оптимистӣ мақоми алоҳида доранд. Ҷолиби диққат аст, ки ин мазмунҳо дар тағаззулу ғазалҳо ва таркиббанду рубоиҳои ӯ бо эҳсосоти ниҳоят гарм, тарии махсус, ҳисси самимии инсонӣ, дили моломоли пур аз меҳру вафо ва бо як рӯҳи озоди меҳрпарвару зиндадилии хеле табиӣ инъикос гардидаанд. Тағаззулоти шоир табиияти махсус ва як нафаси гарми ҳаётбахш парвардаанд ва бо воқеияти табиати ҷовид ва оҳанги дили инсонӣ пайваста садо додаанд. Қаҳрамони лирикии вай дӯстдорандаи неъматҳои гуворои зиндагист ва ҳамеша хаёти зинда, воқеияти ҳастӣ, ҷориғболию вафо ва инсони соҳибдилу соҳибишқро ситоиш намудааст. Инак тағаззули зебои зайлро мисол гирем:

Туӣ, ки меҳри ту дар меҳргон баҳори ман аст,
Ки чеҳраи ту гулистону лолазори ман аст.
Баҳору сарву ғулу савсан, эй баҳори бутон,
Чу дар канори манӣ, ҷумла дар канори ман аст.
Миёни ҷони ману ғам намонд хеҷ сабаб,
Бад-он сабаб, ки ҷамоли ту ғамгусори ман аст.
Сарам зи бодаи ишқи ту пурхумор шудаст,
Се бӯса аз ду лабат доруи хумори ман аст...
Агар вилояти Хоразмро зи заҳмати об
Зиён расид зи Ҷайҳун, ки дар канори ман аст,
Сабаб манам, зи бас он ки оби Ҷайҳунро
Ҳама мадаҷ зи ғазалҳои обдори ман аст.

Дар тағаззул бо тавсифи ишқу муҳаббат ва ҳусни ёри ҳамдаму ғамгусор тасвири хусусиятҳои наҷиби инсони реаль ва бузургдошти образи ӯ ба назар дошта шудааст.

Қасидае, ки дар аввали он тағаззули мазкур омадааст, ба Отсизи Хоразмшоҳ бахшида шудааст ва аз ин ҷиҳат ва аз ишораҳои воқеии шоир доир ба обхезии Ҷайҳуну зиёнрасӣ ба заминҳои Хоразм нағз равшан аст, ки қасида дар Хоразм эҷод гардидааст. Дар солҳои сафорати худ дар Хоразм Адиб Собирро айёми пиронсолӣ фаро расида буд ва ӯ зиёда аз шаст сол умр дошт. Дар ин хангом ва дар ин синну сол вай шеъри мазкур ва мисли он суханҳое гуфтааст, ки аз ҳар сатрашон таровату шодкомӣ, ишқу муҳаббати ҷавонона ва дилгармию ҳиссиёти баланд ҳувайдост. Вале ин гуна суханҳоро бо ин навъ мазмун бештар рӯзҳои айёми ҷавонӣ парвариш медоданд. Маълум, ки Адиб Собир дар тамоми умр — чӣ дар ҷавонӣ ва чӣ дар пиронсолӣ ба дӯстдории ҳаёти инсонӣ ва неъматҳои гуворои зиндагӣ ҳамеша бо як самимияти махсусу дилгармӣ ва оптимизми сурурангез нигаристааст.

Аз дили ӯ, дар кадом ҳолате бошад, ҳатто дар рӯзҳои сахту душвор ва азобҳо ҳам, эҳсосоти баланди лирикӣ, ғояи ҳаётдӯстона ва гуманизми меҳрпарвар кам

нашудааст ва доиман зиндадилӣ ёрои ӯ будааст. Ҳамин аст, ки оҳангҳои ишқию манзаравии лирикаи вай аксар ҳамон хел садо медиҳанд, ки гӯё дар ҷавонӣ, дар айёми тароватбахши ишқ, бо як лиризми равонбахш гуфта шуда бошанд.

Аз ин ҷо, чунон ки мушохида мекунем, дар лирикаи ишқию манзаравии Адиб Собир ҳамеша эҳсосот ва он ҳам бошад эҳсосоти гарму боҳарорат ва лиризми шавқовар мавқеи асосӣ дорад. Романтикаи рӯҳбахш, зебоии махсус ва ҳусни муассири эстетикӣ таровиши онҳо гардидааст.

Дар ин қабил ашъори вай муҳокимаҳои дақиқ, фалсафаи тахайюлангез ва фикру мулоҳизаҳои мантиқандеш хеле каманд. Малоҳати хос, соддагии баён, тарзи ифодаи ширину гӯё, эхсосоти қалбӣ, мазмуни хеле равшани ботароват ва лиризми гарму зиндадилии ҷавонона асос ва моҳияти онҳоро ташкил додааст.

Адиб Собир дар тавсифи табиат, хоса табиати баҳор ҳам чун мавзӯи ишқӣ ҳамеша меҳру дилгармӣ, оптимизми ҳиссиётбахш ва романтикаи зебо парвариш додааст. Ҳикбятҳое, ки ӯ аз зебоии табиии табиат ва дигаргуниҳои воқеии олами зинда кардааст, лутфу хушии ҷудогона доранд. Баҳорияҳои вай садои қалби шахси зиндадил ва эҳсоси маҳину ҳамвори ниҳонии



КИТОБХОНА
ДДОТ б. С. АЙНӢ
Уч/ф

ӯянд ва дар заминаи инъикоси зебои романтикӣ назари реалистии қаҳрамони лирикиро ба тасвири воқеии ҳаёти ҷовид ва тамоми тағьироти олами зинда намоён сохтаанд. Мисоли равшани инро аз ҳар қадом ашъори баҳорияи маҷмӯа ба осонӣ мулоҳиза кардан мумкин аст.

Баробари зебоию тарӣ ва ҳусни эстетикии худ ашъори ишқию манзаравии Адиб Собир ниҳоят соддаю равон буда, бо забони зиндаи ҳамафаҳм ва муҳоваравӣ навишта шудаанд. Гӯё шоир тавассути онҳо аз ишқу манзара ҳикояҳои ширини халқӣ, ҳикояҳои фольклорӣ кардааст ва онҳоро бо як самимияти дилнишину малоҳати хос писанди хотиру мақбули дилҳо гардондааст. Образҳои романтикии гарму ширин оро-иши асосии онҳо гардидаанд, вале дар онҳо образҳои оригиналии ҳиссию таҷрибавӣ низ фаровонанд, ки ҳамроҳи тасвирҳои объективии ҳаёти воқеӣ, тасвири инсон дар шахси ёри ғамгусор ҷанбаҳои реалистии лирикаи шоирро афзудаанд.

Аҳамияти оптимистии лирикаи ишқию манзаравии Адиб Собирро шеърҳои лоуболонаи дар сифати май гуфтааш низ боло бардоштаанд. Ин қабил шеърҳои Адиб Собир аз хусусияти зиндадилию форiғболӣ ва рӯҳи равшани озодфикронаи ӯ хубтар даромад мекунанд.

Онҳо аз як тараф ба муқобили фармуди динӣ оид ба ҳаром будани май равона шуда, айшу нишот ва хурсандиро ташвиқ намоянд, аз тарафи дигар як андоза тақвияти мавзӯъҳои қадимии деҳқонӣ гардидаанд, ки бо фишори реакцияи ислом ва ҳукуматдорони иртиҷопараст дар замони шоир — нимаи аввали асри XII аллакай васфи бисьёрии он мавзӯъҳо аз адабиёт кам ва ё берун шуда буд.

Ғайри он ки аксари ашъори хамрияи Адиб Собир дар партави мавзӯъҳои қадимии деҳқонӣ эҷод гардидаанд, вай дар як ташбиби тӯлонии қасидае, ки ба равияи яке аз қасидаҳои Манучеҳрии Домғонӣ гуфтаast[1], махсус сифати меваҳои гуногун чун себу биҳию

---

[1] Қасидаи Манучеҳрӣ чунин шурӯъ шудааст:

*Бихондам чу имрӯз дар дафтаре,*
*Ки зиндаст Ҷамшедро духтаре.*

Матлаи қасидаи пайравонаи Адиб Собир ин аст;

*Гар ин аст дил дар кафи дилбаре,*
*Бибояд ба коми дил аз дил баре.*

Дар интиҳои қасида Адиб Собир мисраи аввали қасидаи Манучеҳриро ин навъ тазмин кардааст:

*Зи дафтар чу ин хондӣ, онро бихон,*
*«Бихондам чу имрӯз дар дафтаре».*

нор карда ва инчунин тавсифи тафсилии маю ангурро бо зикри модари бода номидани ангуру ёдоварии усули майсозӣ овардааст, ки мавзӯи асили деҳқонӣ мебошад. Тасвири меваҳои мазкур зимнан дар дигар ташбибҳои шоир ҳам боздид мешаванд, ки моҳиятан ба мавзӯи мазкур алоқадоранд.

Қасидаи мазкурро Адиб Собир беҳуда ба пайравии Манучеҳрӣ нагуфтааст. Дар қасида ва мусамматҳои Манучеҳрӣ аз ҷумла дар қасидаи мавриди пайравӣ қарорьёфта васфи меваҳо, тасвири тафсилии усули майсозӣ, ёдоварии оҳангу навоҳо ва ривоятҳои бостонӣ хеле нақш бастаанд, ки табиатан мавзӯъҳон деҳқонианд. Баъзеи ин мавзӯъҳо дар эҷодиёти ин шоир аз анъанаҳои асри X махсусан аз анъанаҳои эҷодии устод Рӯдакӣ сарчашма гирифтаанд. Аз ин ҷо равшан аст, ки Адиб Собир бо тасвироти мазкураш ва амсоли онҳо равияҳои деҳқонии эҷодиёти Манучеҳрӣ ва гузашта аз ӯ Рӯдакиро махсус давом додааст. Ин тариқа, ашъори хамрияи Адиб Собир баробари ба хурсандии оптимистона ва зиндадилӣ ҳидоят сохтан бо рӯҳияи деҳқонии худ, бо он, ки мавзӯъҳои қадимии миллиро дар пайравии бузургони ин роҳ тақвият дода, соҳиби худро ба ақидаҳои бостонпарастии онҳо шарик кардаанд, аҳамияти калон доранд ва дар қатори ишқия

ва баҳорияҳои ӯ лирикаи пурмазмуни баландрӯҳ мебошанд.

Мазмуни баланди оҳангҳои гуманистию оптимистонаи эҷодиёти Адиб Собирро рӯҳияи аз ҳама пешқадамтариву барҷастаи ашъори ӯ — рӯҳияи иҷтимоию тарбиявии он пурқувват сохтаанд. Адиб Собир аз таассуроти ногувори муҳити асри худ, фишору озорҳои гуногун аз ҷумлаи бадарғаву ҳабс, аз мушоҳидаи бевоситаи ҷабру ситам, зулму заҷр, иллатҳои нораво, ахлоқи зишт ва амсоли инҳо хеле фикрҳои танқидӣ ва инчунин чун муаллими ахлоқ ва пири хушодоби хирадманд аз таҷрибаҳои шахсию ҳаётӣ бисьёр мулоҳизаҳои носеҳона ба забон гирифтааст, ки ғояҳои баландмазмуни иҷтимоию гуманистӣ касб кардаанд. (Ба мисоли инҳо бештар ба қасоиду қитъоат ва рубоиҳои шоир чашм дӯхтан мумкин аст.)

Бояд гуфт, ки агар садои ашъори ишқию манзаравӣ ва майхоҳонаи Адиб Собир ҳарчи нозуку шинам буда, онҳо зиндадилонаю самимӣ ва дорои сифати баланди эстетикию эҳсосоти гарм бошанд, аз ҳар сатри ашъори танқидии ӯ оҳанги ваҷдовари шикояту сӯз ва дарду ҳасрати шахси озодфикр ва унфу мазамматӣ сахти фошкунандаи золимону ситамгарон ба гӯш расида меистад. Вале ин контраст ботинан умумияте до-

рад ва мазмун дар ҳар ду маврид ҳам дорои рӯҳияи ҳаётист. Адиб Собир гӯё ба муқобили зулму ситам ва ранҷу азобҳо ҳаёти фориғболи некӯ ва зиндагии ботаровати зебою хушро тарғиб кардааст, ки афкори адолатпарварона ва саодатхоҳи ӯро таҷассум кардаанд. Мазмуни носеҳонаи ашъори ӯ бошанд ба ин гуна оҳангҳои он рӯҳу ғизои тоза ва таассуроти амиқ бахшида, мувофиқи табъи дили инсони некхоҳ ва талабу дархостҳои ҳаёт будани онҳоро таъину талқин сохтаанд.

Ҳамин тариқа, мавзӯъҳои маъмули адабиёти озодфикронаи он рӯзгор — танқиди замона ва аҳли ҷоҳ, мазаммати ахлоқи пасту нолоиқ, ҳасби ҳоли сӯзнок, ташвиқи хислатҳои неки инсонӣ аз ҷумла оҳангҳои умумиинсонии сулҳу салоҳ, дӯстӣ, адолату созгорӣ ва ифодаи барҷастаи ғояҳои гуманистию оптимистӣ ва тавсифи зебоиҳои эстетикии ҳаёту зиндагӣ дар лирикаи Адиб Собир, чунон ки мебинем, барҷаста ва мукаммал гузориш ёфтаанд. Адиб Собир сириштан шоири озодфикру некандеш, инсондӯст, хирадманди зиндадил ва хушахлоқу хушодобе будааст. Тамоми ин сифатҳо ва дигар хислатҳои неки ӯ ба эҷоди бадеиаш таъсир кардаанд ва ин аст, ки ашъори вайро мутолиа карда чигунагии ақидаҳои ҷамъиятию иҷтимоӣ, назари

баланди борикбини шоирона ва диди эстетикии ӯро дар дуньёи онрӯза равшан тасаввур кардан мумкин аст. Дар ин роҳу ҷода, ба назари мо, эҷодиёти Адиб Собир аз аксари муосиронаш тафовут менамояд. Мо мавзӯъҳои мазкурро каму зиёд дар осори ҳамасрони вай аз ҷумлаи Анварӣ, Саноӣ, Рашиди Ватвот, Ҷабалӣ, Масъуди Саъди Салмон, Футӯҳӣ, Имодӣ, Ҷавҳарии Заргар ва дигарон ва инчунин дар асарҳои пешгузаштагони номвари ин силсила мушоҳида мекунем. Вале аз шоирони ин давра эҷодиёти Адиб Собир, Масъуди Салмон ва инчунин Анварӣ дар ин бобатҳо махсустар менамояд. Адиб Собир ба муҳокимаву таҳқиқи мавзӯъҳои мазкур аз нуқтаи назари талаботи ҳаёту ҷамъияти инсонӣ наздик шудааст ва кӯшидааст, ки дар партави онҳо орзую омоли мардум, ғояву мафкура, хоҳишу мақсад ва дархостҳои ӯро дар чӣ ҳолате бошад зинда ва ғамхорона ифода намояд. Аз ин рӯ оҳанг ва садои мавзӯъҳои мазкури эҷодиёти Адиб Собир ба дили хонанда, ба дили аҳли ҷамъият ва талабу низоми ҳаёт наздику созгоранд ва аз ҷиҳати сифат, тарзи гузориш, заминаҳои зиндаи иҷтимоӣ ва мавқею мароми худ аз ин қабил баёноти бисьёр шоирони сирф маддоҳу хизматгори бевоситаи ҳукуматдорон, ки вобаста ба вазъиятҳои гуногун, таассуроти воқеа ва

ахлоқу одоби муҳит дар омади гап аз ҳасби ҳолу шикоят ва панду андарз низ лаб кушодаанд, хеле фарқ кардаанд. Ба ин васила Адиб Собир на танҳо дар шакл (чунон ки баъдтар мебинем), балки дар мазмун ҳам ҳамон хусусиятҳои баланди халқӣ, ҳамон ғояҳои пешқадами инсонпарварона, ҳамон мавзӯъҳои аҳамиятбахши озодфикрона ва ҳамон тавсифҳои пурвусъати гарми эстетикию оҳангҳои муассири гуманистиро давом ва тақвият додааст, ки дар асарҳои устод Рӯдакӣ, Рабанҷанӣ, Шаҳиди Балхӣ, Манҷики Тирмизӣ, Дақиқӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва ин қабил гузаштагони номвари ӯ боздид мешаванд. Мазмунҳои мазкур дар эҷодиёти Адиб Собир истеҳкоми нав дидаанд ва мувофиқи шароити инкишофи ҷамъиятӣ боз зиндатару ба дили умум наздиктар ва ба талаби ҷамъияти инсонӣ қарибтар садо додаанд.

Дар қасоиди Адиб Собир тавассути баъзе гардишҳои фикрӣ, санъатбозиҳо ва илтизоми таъбирҳои «оташу дуд», «обу оташ», «сарву ёқут» шаклбозиҳо мушоҳида мешаванд, вале муҳимтарин хусусияти услубии умуман эҷодиёти вай дар соддагӯӣ, равонфикрӣ, ширинадой ва хушсуханию тозафикрист. Малоҳати ҷудогона, самимияти қалбӣ ва тарутозагии ғазалу тағаззул ва рубоиҳои вай бебаҳост. Суханаш ҳамеша ҳамвору

нарм, ширин ва халқию муҳоваравӣ садо медиҳад ва ба ҳамин шаклаш гарму дилнишин ва ҳиссиётпарвар мебошад. Васила ин гуна хусусиятҳо худаш дар ҳаққи шеърҳояш гуфтааст:

Шеъри Собир зи баҳри хотиру табъ
Ғуссаи дурру рашки марҷон аст.
Гуфтаи ӯ шунав, ки гуфтан ӯ
На зи ҷинси фалону баҳмон аст,

Баробари ин ӯ дар ситоиши назми равон ва сухани нағзу ширин низ сатрҳое гуфтааст, ки пеш аз ҳама ва ғолибан ба ашъори худаш дахл доштанд:

Назми равон зи оби равон синаро беҳ аст,
Шеъри равон зи ҷону равон гудохтаст.
Нодон чӣ донад он, ки сухандон ба гоҳи назм
Ҷонро гудохтасту аз он шеър сохтаст?!
Дар гӯши ошиқон сухани нағзи шоирон
Хуштар зи бонги булбулу овози фохтаст.

Инчунин вай махсус ишора ҳам кардааст, ки шеъри равон дорад ва суханро равон мегӯяд:

Ба шеъри равон гуфти мадҳат тавонам,
Равое фузун аст шеъри равонро.

Баробари равонӣ ӯ ашъорашро мисли шаъро (метеор) «равшану баланд», амсоли оташ фурӯзону тобон ва дар ҳаққи ёр зебою ҳиссиётбахш ва поку самимӣ ҳам дидааст, ки дар ҳақиқат ҳамин хел буда, ин маъниҳоро пеш аз ҳама тағаззулоту ташбиҳоти латиф ва пас муқаддимаи таркиббанду рубоиёти малоҳатбораш хеле хуб исбот месозанд:

Ба равшанию баландӣ чу шеъри ман шаъро.
Ба маҳкамию дурустӣ чу азми ман гардун,

* * *

Ба шеъри оташи ман фахр бошад оташро,
Агарчи роҳ надорад ба фахру ор оташ.

* * *

Шеъри ман зебо чунон ояд ҳаме бар номи ту
Чун нишот андар шаробу чун шароб андар шубоб.

Адиб Собир чун шоири покизаназму хушсухан ҳамеша тарафдори сухани нағзу пурмағз ва обдор будааст. Вай мазмуни равшану содда, баланду равон ва илова бар инҳо ширинӣ ва тарию самимияти суханро дар обдории он дидааст ва азбаски худаш чунин суханҳо гуфта, ба обдории тағаззулу ғазалҳояш махсус ишора

ҳам кардааст, дигаронро низ ба он даъват намуда ва обрӯю эътибори ҳақиқиро ҳам дар сухан маҳз дар нигоҳ доштани ин навъ фазилатҳо донистааст:

Эй, он, ки обрӯӣ ҳамеҷӯӣ аз сухан,
Оҳанги гуфтани сухани обдор кун.

Ба ин тарз, ӯ ин ҷо ва дар баъзе мавридҳои дигар ба эстетикаи баланду комили сухан низ эътибори ҷиддӣ дода ва онро собитқадамона ташвиқу тарғиб кардааст.

Бар замми инҳо шоири хушгуфтор будани Адиб Собирро махсусан бо таъкид кардани равонию дилнишинӣ, нармию нозукӣ ва гармию муассирии ашъораш бисьёр муосиронаш аз ҷумлаи Рашиди Ватвот, Абдулвосеи Ҷабалӣ ва Анварӣ қайд кардаанд. Анварӣ дар қасидае, ки ба ҷавоби қасидаи Собир гуфтааст, таъкид намудааст, ки ӯ шоири «покизаназм» буд:

Гуфтам, чукон ки Собири покизаназм гуфт:
«Омад зи ҳут чашмаи хуршед дар ҳамал».

Тазкиранависон низ пайваста ба хусусиятҳои мазкури ашъори Адиб Собир ишора кардаанд. Давлатшоҳ навиштааст: «Дар шоирӣ алҳақ Собир хушгӯ аст ва суханаш равон аст ва ба табоеъ наздиктар аз ашъори

акрони ӯст». Абдураҳмони Ҷомӣ низ қайд намудааст, ки «ашъори вайро латофате ва малоҳате тамом ҳосил аст».

Саид Нафисӣ дар мақолаи мазкураш дар ин бораҳо чунин мулоҳизаҳои равшан изҳор доштааст: «Адиб Собири Тирмизӣ яке аз бузургони шуарост, зеро ашхосе, ки лутфи сухани равон ва ширинро дармеёбанд ва ба зарофати сабк ва узубати баён ошно ҳастанд, беҳтар аз ҳама кас медонанд, ки ашъори Адиб Собир дар равонии лутф ва дилангезии маънӣ ва хусни сабк чӣ мақоме медорад... ва аз ҳайси маонии дилнишин ва алфози азб ва салим пас аз Рӯдакӣ ва Дақиқӣ ва Фаррухӣ ҳеҷ кас аз шуарои Туркистон муқаддам бар Собир нест».

Ба ҳамин тариқа, Адиб Собир дар сухан зарифтабъ, ширингуфтор, равонфикр ва покизаназм будааст. Шеърҳои обдор ва равону нарм, вале гарму дилнишини халқияти эҷодиёти ӯро таъин намуда, ҳанӯз дар замонаш шӯҳрату ифтихори умум гардидаанд. Маҳз ба ин ҷиҳатҳост, ки шоири машҳури он давр Анварӣ баробари ситоиши ӯ худро аз вай кам ҳам гирифтааст:

Ин ҳама бигзор, бо шеъри муҷаррад омадам,
Чун Саноӣ ҳастам охир, гар на ҳамчун Собирам.

Адиб Собир ба ҷиҳати тозагӯӣ, равонфикрӣ, эҳсосоти гарму таҷрибавӣ ва баёноти равшан яке аз беҳтарин давомдиҳандагони анъанаҳои сабки хуросонӣ ва махсусан анъанаи устод Рӯдакӣ будааст. Дар ҷое худро ҳамтабъ ва ҳамзабони Рӯдакӣ ҳисоб карда боифтихор гуфтааст:

Забону табъи Муиззию Рӯдакист маро,
Санои давлати Салҷуқу оли Сомонро.

Илова бар ин ҳангоми назиранависии муосиронаш ба шеъри «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ онро аз дигарон беҳтару хубтар пайравӣ кардааст. Ҳурмати ӯ инчунин ба гузаштагони нозукадои сабки хуросонӣ Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Хусравӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Шаҳиди Балхӣ, Манҷики Тирмизӣ ва дигарон хеле баланд будааст ва дар шеърҳояш онҳоро бо эҳтиром ном гирифтааст.

Агар ӯ дар боло худро ҳамтабъу ҳамзабони Рӯдакӣ ҳисобида бошад, дар ҷои дигар аввал бо одобу фурӯтанӣ худро аз Дақиқию Фаррухӣ кам гирифта, вале дар айни замон «муқаддимаи корвони хеш» буданашро таъкид карда, сонӣ бо ифтихор ишора намудааст, ки ҳамзабону ҳамлафзи Дақиқӣ мебошад:

Гар нестам ба табъ Дақиқию Фаррухӣ,
Ҳастам кунун муқаддиман корвони хеш.
Бар садри ту ба лафзи Дақиқӣ кунам нисор,
Аз қадри ту фузунтару беш аз тавони хеш.

Илова бар ин вай дар байтҳои аввалтари шеъри мазкур махсус ба «шеъри равони» Дақиқӣ ва «лафзи азбӣ» Фаррухӣ ишора карда, тарзи гуфтори ширину сабки малеҳи ин ду танро ситоиш ҳам кардааст.

Маълум, ки Адиб Собир дар замони худ, дар он даврае, ки дар назм сабки мушкилписанди ироқӣ мустаъмал мегашт ва тарафдорони он ба услуби соддаи оммафаҳми хуросонӣ нописандона менигаристанд, сабки қадимро собитқадамона тарафдорӣ кардааст ва шеърашро дар рӯҳияи он тартибу танзим сохтааст. Аксарияти тағаззулоти ӯ рӯҳан ба тағаззулоти Дақиқию Фаррухӣ наздиканд ва як навъ идомаи баланди анъанаҳои ширингуфторию самимиятандешии ин ду шоири устод мебошанд. Адиб Собир дар ин жанри лирикӣ пеш аз ҳама беҳтарин анъана ва равияҳои эҷодии устод Рӯдакӣ ва Дақиқию Фаррухиро инкишоф ва давом додааст ва баробари инҳо дар навбати худ умуман дар равонию самимиятнокӣ, некӯию соддагӣ, узубату латофатборӣ ва ширинию покизагии лафзи зе-

бои дарӣ дар каломи мавзун хизмати арзанда ва шоиста кардааст.

Инак Адиб Собири Тирмизӣ—ин шоири ширинадои малеҳгӯ ва покизаназм ҳам бо шаклу мазмуни эҷодаш ва ҳам бо истеъдоди сиёсатдониаш аз шахсони бономи гузашта мебошад. Ҳусни эстетикӣ, ҷозибаи ниҳонӣ ва ширинию равонии гуфторҳояш бебаҳоанд ва ӯ дар боби услуб ва равияҳои эҷодӣ ҳамчун давомдиҳандаи анъанаҳои қадимтар хусусан анъанаи устод Рӯдакӣ эҳтироми махсус дорад. Заминаҳои иҷтимоию ахлоқӣ ва халқияти эҷодиёташ пурқувват буда ва ӯ низ чун фозили доно равшанфикру гуманист ва зиндадили некирода сазовори ҳурмат гардидааст. Дар он шароити вазнини таассубу иртиҷо, ривоҷи сиёсати сахти давлати салҷуқӣ, дастгирӣ шудани нописандиҳо ба анъанаҳои гузашта ва талабу хоҳишҳои нави ҳокимон Адиб Собир равияҳои демократӣ ва миллии назмро, ки аз давраи Сомониён ибтидо гирифта буданд, собитқадамона давом додааст ва эҷодиёти худро дар рӯҳияи ифодаи оҳангҳои халқию зиндадилона, мазмунҳои гуманистии инсонӣ ва тасвирҳои реалию содаи дили шахси озодфикр тахсис намудааст. Истеъдоди сиёсатмадориаш дар корҳои давлатӣ ва дар ин мавридҳо ба тарғибу тақвияти масъалаҳои сулҳу салоҳ ва дӯстӣ

кӯшидан, ки дар ин роҳ аз бадкорию фитнаҳои ҳокимони золими феодалӣ ҳаёти худро барбод додааст, шахсияти ӯро боз барои мо наздиктар месозад.

* * *

Маҷмӯае, ки ҳоло дар даст доред, нашри дуюми ашъори Адиб Собир ба ҳуруфоти имрӯзаи тоҷик аст. Нашри аввали он понздаҳ сол пеш аз ин соли 1965 ба амал омада буд, вале ҳаҷми он хеле хурд буда, ашъори ками шоирро дарбар гирифта буд. Он нашр кӯшиши аввалине дар нашри осори шоир ба ҳуруфоти имрӯзаи мо буд ва дар ин арафа дар тӯли зиёда аз понздаҳ сол нусхаҳои он аллакай камьёб шуда мондаанд. Бинобар ин талаботи рӯзафзуни хонандагон ва дӯстдорони шеъри классикиро, аз ҷумла назми обдору поки ин шоири хушгуфторро ба назар гирифта, нашриёти «Ирфон» имсол нашри дуюми осори ӯро ба анҷом расонд.

Ин нашр аз нахустин хеле фарқ дорад. Аввал он ки вай нисбатан комил аст ва қариб ҳаман тағаззулу ғазал, муқаддимаи таркиббандҳо ва қитъаву рубоиҳои шоирро дарбар гирифтааст. Дар интихоби махсусан тағаззулу ташбибҳо ихтисоран овардани онҳо камтар лозим гардид, зеро онҳо ба ҳамон пуррагӣ хеле дил-

нишину тарутоза садо медиҳанд ва ақидаҳои эстетикию оптимистонаи гӯяндаи худро хубтар таҷассум кардаанд. Инчунин тӯлонӣ будани ташбибҳо дар эҷодиёти Адиб Собир чун эҷодиёти Манучеҳрӣ ороиши сифатии қасоиди ӯ гардидаанд.

Адиб Собир осори бое доштааст ва соҳиби девони бузурге будааст. Вале осори ӯ пурра омада нарасидааст ва нусхаҳои девонаш ҳам хеле камьёбанд. Хушбахтона ба мо муяссар шуд, ки ду нусхаи дастнависи девони ӯро дар ибтидои солҳои 60-ум аз китобхонаҳои Англия ба даст дарорем. Якеи ин девонҳо таҳти рақами 911 (1.0.132) дар китобхонаи Индиа Оффиси Британия нигоҳ дошта шуда, дигараш бо рақами 540 or psi 656 дар Музеи машҳури давлатии ин кишвар маҳфуз аст. Нусхаи девони китобхонаи Индиа Оффис бо девонҳои дастнависи панҷ шоири дигари асрҳои XI—XII ҳамроҳ ҷузъбандӣ шуда ва онҳо дар якҷоягӣ «Девони шоирони форсӣ» ном гирифтаанд. Дар ин «Девон»-и бузург ашъори Адиб Собир байни варақҳои 48а—75б ҷой шудааст. Як нусхаи дастнависи девони Адиб Собир аз фонди дастхатҳои шаҳри Боку ба даст даромад, ки рақамаш Б—3641 мебошад. Инчунин нусхае аз девони шоир таҳти рақами 12 дар фонди дастнависҳои Институти шарқшиносии АФ Тоҷикистон (дар коллекцияи

Стариков) нигоҳ дошта мешавад. Ин нусхаи девони Собир низ ҳамроҳи шеърҳои ҳафт шоири дигар дар як дастнавис фароҳам омадааст ва ашъори ӯ дар он аз вараки 55б то 93а давом кардааст.

Аз ин чор нусха кадимтаринаш ҳамон дастнависест, ки моли китобхонаи Индиа Оффиси Англия буда, ҳафтуми муҳаррами соли 714 ҳичрӣ (16-уми маи соли 1314 мелодӣ) китобат шудааст. Вале чӣ ин нусха ва чӣ нусхаҳои дигар ашъори шоирро пурра забт накардаанд ва ҳамагӣ номукаммаланд. Инчунин бисьёр шеърҳое, ки дар нусхаи кадимтар ҳаст, дар дигар нусхаҳо ва дар девони чопии шоир мушоҳида намегарданд. Нусхаҳои дигари дастнавис низ дорои шеърҳои наванд. Ин тарика, аз девони чопии шоир, ки соли 1331 дар Теҳрон нашр шудааст, хеле шеърҳо берун мондаанд. Ин чоп чандон интикодӣ ҳам нест ва дар он камбудӣ ва носаҳеҳиҳои матнӣ бисьёр дида мешаванд. Дар девон такрори шеърҳо чой доранд. Илова бар инҳо як микдор шеърҳои Адиб Собир дар мачмӯаю чунгҳои гуногун боқӣ мондаанд, ки баъзеи онҳо дар ҳеч кадоми нусхаҳои девонаш боздид намешаванд. Матни нашри дигари девони шоир (Теҳрон, 1343) бо дастнависи Индиа Оффис мувофикат кардааст.

Ҳамаи инҳо моро вазифадор кард, ки матни ашъо-

ри боқимондаи шоирро бо муқоиса ва ба таври интиқодӣ омӯхта бароем. Дар тӯли солҳои зиёд дар натиҷаи муқоисаи чор нусхаи дастнавис ва девони чопӣ матни комили илмии интиқодии девони Адиб Собир тайёр гашт. Ашъори тозае, ки аз омӯзишу тадқиқи бисьёр баёзҳо ба даст омаданд, низ ба ин девон дохил гардид. Таркиби ин девон аз 126 қасида, 7 таркиббанд, 67 ғазал, 162 қитъа ва 88 рубоӣ иборат аст. Бидуни ин 12 порча шеъри хурду калони қасида ва ғазалмонанд, ки хусусиятҳои жанриашон ҳоло дуруст муайян нашудааст ва 14 байти фард ба алоҳидагӣ тахти сарлавҳаи «Ашъори мутафарриқа» дода шудаанд. Ашъори аз баёзу ҷунгҳо ҷамъоваришуда бошанд 4 қасида, 2 ғазал ва як қитъаро ташкил додаанд. Ҳамин тариқа, ҷамъи ашъори таҳияшудаи Адиб Собир аз рӯи нусхаҳои девони ӯ 6947 байт ва якҷоя бо шеърҳои аз баёзҳо гирдомада 7045 байт мебошад.

Вале чопи матни илмии интиқодии ин миқдор ашъори Адиб Собир, ки девони нисбатан мукаммалу саҳеҳи ӯро ташкил додаанд, ҳоло ба мо муяссар нашудааст. Матни ин маҷмӯа ба таври мунтахаб аз ҳамин нусхаи девони интиқодии тайёр китобат гардид.



# ТАШБИБҲО

Навбаҳори бадеъи беҳамто
Ҳиммате базл кард бар саҳро.
То зи таъсири базли ҳиммати ӯ
Гашт саҳро бадеъу беҳамто.
Ҳар куҷо гашт ҳиммате мабзул,
Бегумон неъмате шавад пайдо.
Бод чун зоирон ба бӯстон тохт,
Он гаҳ аз бӯи хуш гирифт наво.
Ҳар кӣ ҳоҷат ба аҳл — бар дорад,
Зуд бинад муроди хеш раво.
Неъмати ишқи ошиқон бифзуд
Нағмаи булбули бадеънаво.
Абр бар боғ ошиқ асту лек
Ҳаст маъшуқи ӯ қарини ҷафо,
К-ин бигирьяд чу дидаи Вомиқ,
В-он бихандад чу чеҳраи Узро[1].
Гар вафо доштӣ нахандидӣ,
Ҳеҷ маъшуқро набуда вафо.
Даҳани лоларо сиришки саҳоб,
Боз пуркарда луълуи лоло.

Гар наво булбули навоин ёфт,
Луълуъ андар даҳони лола чаро?
Рост гӯй,
ки аз камон наравад
Тири ҳукми замона ҷуз ба хато.
Корҳо гар ба ростӣ будӣ,
Рост будӣ бунафшаро боло.
Қомати пир агар дуто бошад,
Рост баррафта қомати барно.
Умри сарв аз бунафша бештар аст,
Аз чӣ шуд қомати бунафша дуто?
Наргис ин ҳол кай писандидӣ,
Гар набудеш дида нобино?
Он гули сурх аз карони чаман
Зардгулро ҳамекунад расво:
«Бин,
ки ман лаъл гаштаам чун май,
Зард чун гаштаӣ ту бе сафро?
Ё бадандеш хоҷаӣ,
ки ҳаме
Зардрӯӣ нагардад аз ту ҷудо?
Ман чу рухсори некхоҳонаш
Ҳар замон лаълтар кунам симо».

* * *

Се тӯҳфа дод фироқи ду зулфи дӯст маро:[2]
Яке дареғу дуюм ҳасрату сеюм савдо.
Се ном ёфтам аз соати ҷудоии ӯ:
Яке ғарибу дуюм ғамгину сеюм танҳо.
Манам зи ишқи ду зулфаш
ба аҳду байъату дил:
Яке дурусту дуюм маҳкаму сеюм якто.
Ба зулфу оразу хат он маҳи Хитову Хутан
Яке шаба асту дуюм буссаду сеюм мино.
Се буқъа аз ду рухаш садҳазор фахр кунанд:
Яке Тирозу дуюм Халлуху сеюм Яғмо.[3]
Ҷабину рӯю миёнаш зи рӯи наъту сифат:
Яке маҳ асту дуюм Зӯҳраву сеюм ҷавзо.
Се гавҳар аст,
ки бистад латофат аз се гуҳар:
Яке зи обу дуюм з-оташу сеюм зи ҳаво.
Ҳамеша бо се сифат мондаам зи фурқати ӯ:
Яке асиру дуюм волаву сеюм шайдо.
Зи сарву моҳу парӣ ҳусни ӯ ҷудо кардаст:
Яке ҷамолу дуюм сурату сеюм боло.
Ба рӯю синаву соид хиҷил шуданд аз вай:
Яке ҳарирy дуюм ҳуллаву сеюм дебо.

Се ном ёфт ду рухсори ӯ зи ҳуру парӣ:
Яке латифу дуюм турфаву сеюм зебо.
Ҳаме зи кӯю лабу рӯи ӯ ба рашк-даранд:
Яке биҳишту дуюм кавсару сеюм ҳуро.

* * *

Лаби ту таъна занад гавҳари Бадахшонро,
Рухи ту тира кунад офтоби тобонро.
Ба бӯсае зи лабат таҳният кунам дилро,
Ба дидане зи рухат тарбият кунам ҷонро.
Ба ҷони ту, ки парастидани ту кеши ман аст,
Ба кеши ишқ парастиш равост ҷононро.
Ба хосият лаби ту ҷон фузун кунад дар тан,
Кӣ дид хосияти ҷон ақиқу марҷонро?
Бақои ҷон зи ту дорам, ки аз лабони ту ёфт
Лаби ман он чи Сикандар ба ҷон биҷуст онро.[4]
Нигор нест бар айвон ба ҳусну сурати ту,
Ки рӯҳу нутқ набошад нигори айвонро.
Агар нигоҳ кунӣ, дар дили ману лаби ту
Муоина битавон дид дарду дармонро.
Зи баски дар дили ту кибру уҷб ҷамъ шудаст,
Ба дида ҷой намондаст аҳду паймонро.

Манам, ки рӯи туро миннат аст бар дили ман
Чу бар ҷамоли гулу лола абру боронро.
Агар саноати борону абр хоҳӣ дид,
Яке назора кун имрӯз боғу бӯстонро.
На дар зиё чу суман кавкабест гардунро,
На дар баҳо чу чаман равзаест ризвонро.
Ҳазор нағмаву дастон фузун шудаст имсол
Ба наъти неъмати бӯстон ҳазордастонро.

* * *

Рухи ту шаҳнаи хубӣ шудасту зулф нақиб,
Гули ҷамоли туро хори ғамзаи ту рақиб.
Дилам бимонд ба зиндони ошиқӣ маҳбус
Зи қасди шаҳнаву ҷаври рақибу ғамзи нақиб.
Ғарибам аз туву инро сабаб наиби ғуроб,
Ғуробро чи ғараз буд дар ҷамоли ҳабиб?
Ҳамеша ҷуфти ғиревам, ки боз натвон дошт
Ғарибро зи ғиреву ғуробро зи наиб.
Залили ишқам, аз инро далели ман шудаанд
Ҳавои ӯ ба ҳавону наъими ӯ ба наҳиб.
Маро сиришк ақиқину рӯй заррин шуд,
Ба ман нигаҳ куну қавли маро макун такзиб.

Шаби дароз ҳамехоҳам аз ғарибии ишқ,
Шаби дароз чӣ хоҳад зи ошиқони ғариб?
Музаҳҳибест фироқат, ки зар кунад зи ақиқ
Беҳ аз фироқ кӣ донад саноати тазҳиб?
Ба хуни дида кафам шуд хизоб дар ғами ту,
Хурӯшу нолаи ман баршуда ба каффи хазиб.
Раҳо накард фироқи ту дар вилояти васл
На ронию на ранят, на донию на муҷиб.
Ҳаме хиҷил шавад аз сурати ту ҷирми қамар,
Ҳаме ҳасад барад аз қомати ту қадди қазиб.
Ба дурии ту зи наздики ман нагардад дур
Хаёли қадду сурини ту чун қазибу каиб.
Маро, ки аз лаби лаъли ту дур кард фироқ,
Замин зи дидаи ман лаъл шуд ҷириб-ҷириб.
Чу аз ҷамоли рухи ту ғусиста шуд назарам,
Гусиста шуд назари рӯҳи ман зи роҳату тиб.

* * *

Сарви симинию ёри сарви симин офтоб,[5]
Ҷуфти лола моҳ дорӣ, ҷуфти насрин офтоб,
Офтобу моҳ ҷуфти лолаву насрин кӣ дид?
Ё касе дидаст ёри сарви симин офтоб.

Хуштар аз умрӣ ба рух, ширинтар аз ҷонӣ ба лаб:
Ин-т хушдидор моҳу он-т ширин офтоб.
Хусрави хубон туӣ, Ширин агар будӣ чу ту,
Хок бӯсидӣ ба миннат пеши Ширин офтоб.[6]
Зевари зин, зиннати маҷлис туӣ дар разму базм,
Моҳӣ андар маҷлиси шодиву дар зин офтоб.
Ҳеҷ касро нест чун зулфайни дилбанди маро,
Чун бихоҳад хуфт, бистар моҳу болин офтоб.
Офтоб аз рух падид ориву Парвин аз даҳон,
Қай бувад ҷое, ки пайдо гашт Парвин, офтоб?
Чун битобад з-осмони некӯӣ рухсори ту,
Ахтарони осмон гӯянд: мискин офтоб.
То ба ҳусн аз оли Таксин[7] чун туе мавҷуд шуд,
Офарин гӯяд ҳаме бар оли Таксин офтоб.
Гар ба Чин наққоши Чинро лӯъбате будӣ чу ту
Ҷовидон бо рӯи пурчин будӣ аз Чин офтоб.

* * *

Чанд борам дар фироқи дилбарон аз дида об?
Чанд бошам зарду гирьён ҳамчу шамъ аз сӯзу тоб?
Чанд сӯзам з-оташи ҳиҷрони ҷонон чун кабоб?
Чанд бошам з-оташи темор ҷӯшон чун шароб?

То сиришкам бештар шуд, сабри ман камтар шудаст,
Рост пиндорӣ, зи дида сабр меборам, на об.
Табъу дастам бо
ду чиз андар ҷаҳон улфат гирифт:
Табъ бо темори ишқу даст бо ҷоми шароб.
Ошиқӣ орад ҷавонӣ, хуррамо табъи ҷавон,
Беғамӣ хезад зи мастӣ, ҳаббазо масту хароб.
Пеши чашмам рӯз то шаб, пеши дил шаб то ба рӯз
Достони моҳрӯён аст бо чангӯ рубоб:
Бо фалон дилбар чӣ гуфту
бо фалон бедил чи кард?
Он чӣ кард инро суолу ин чи дод онро ҷавоб?
Мӯниси ошиқ чӣ бошад ҷуз ҳадиси некувон,
Чашми нилуфар чӣ ҷӯяд ҷуз фурӯғи офтоб.
Боз дил дар дилбаре бастам, ки бандад ҳар шабе
То ба ҳангоми саҳар хобам ба чашми нимхоб.
Меҳри ӯ яксар балову ман талабгори бало,
Ишқи ӯ яксар азобу ман харидори азоб.
Гашт бар ман, то бидидам рӯзи ӯро зери шаб,
Шаб чу рӯзи растухезу рӯз чун парри ғуроб.
Ҳоли ман дар ҳаҷри ӯ чун зулфи ӯ шуд тирафом,
Сабри ман дар ишқи ӯ чун васли ӯ шуд тангьёб.
Ӯву ман ҳар ду ба ҳар вақте ҳамеҷӯему ҳаст
Ҷустани ӯ бархатову ҷустани ман барсавоб.

* * *

Лабат ба ранги шароб асту майли ман ба шароб,
Маро шароби ту то кай диҳад фиреби сароб?
Зи баҳри рӯю лабат то дилам асири ту шуд,
Асири ишқу шаробам, асири ишқу шароб.
Агар шароб лаби тусту нуқл бӯсаи ту,
Хушо шаробу хушо аз шароб масту хароб.
Бинои сабр харобӣ гирифт дар дили ман,
Бинои сабри маро фурқати ту кард хароб.
Зи чашм то ба дили ман расид номаи ишқ,
Ба чашми ман нарасидаст низ номаи хоб,
Ҳавот қосиди ҷони ман асту аз ту маро
На қосиду на паёму на номаву на ҷавоб.
Шитоби ман ҳама сӯи висоли тусту маро
На бар висол дарангу на бар фироқ шитоб.
Шабам чу зулфи ту бе ту дароз гашту сиёҳ,
Зи нури рӯи ту бояд шаби маро маҳтоб.
Матоб зулф, ки пеш аз ту ҳеҷ халқ надид
Зи мушк бар рухи маҳ печу чину ҳалқаву тоб.
В-агар ду дидаи ман мушки тобдор надид,
Битоб зулф, валекин зи аҳд рӯй матоб.
Маҳоҳ тоқату тоб аз дилам ба фурқати худ,
Ки тоби зулфи ту аз дил бибурд тоқату тоб.

Лабат итоб кунад, к-аз ту бӯсае талабам,
Дилам рабудию ҷонам накард бо ту итоб.
Ақиқлаб санамо, то ҷудоям аз лаби ту,
Ҳаме ҳасад барад аз ашки ман ақиқи музоб.
Ба рӯи хуб азобам макун, ки рӯи ту ҳаст
Гули биҳишту набошад биҳишт ҷои азоб.
Дилам зи баҳри се бӯса асири сад ҳавас аст,
Аз он ду лаб ба се бӯса дили маро дарьёб.
Ҳазор ганҷ неҳ андар ду гӯши ман зи ду лаб
Ба як ҳадиси чу дур з-он ду раста дурри хушоб.
Ҳиҷоби зулф зи рух дур кун яке соат,
Зи шаб чӣ сохтаӣ пеши офтоб ҳиҷоб?
Чу чеҳраи ту бурун омад аз ҳиҷоби ду зулф,
Бурун давид мунаҷҷим, гирифт устурлоб.
Зи шарми гӯи занахдон-т бар сипеҳри кабуд
Тапон шуданд кавокиб чу гӯй дар табтоб.
Зи нури оранзи ту дар либоси пирӣ рафт,
Агарчи буд шаби тира дар либоси шабоб.
Кунун зи ҳасрати рӯи ту бар қамар ҳама шаб
Фалак бигирьяду инак сиришки ӯст шаҳоб.
Басо шабо, ки маро аз фироқи зулфи ту буд
Диле тапон чу кабӯтар ба зери чанги уқоб.
Фурӯғи субҳ зи дида нуҳуфта чун симурғ,
Маро зи зулмати шаб дида дидабони ғуроб.

Фалак чу рӯи ман аз захми даст ниландуд,
Зи ашки дида бар ӯ қатра-қатра чун симоб.
Ту аз тариқи ҷафо сурма карда дида ба сеҳр,
Маро зи ҳасрати ту рух ба хуни дида хизоб.
Ҳамеша бар рухи меҳри ман аз вафост рақам,
Чунон ки бар рухи меҳри ту аз ҷафост ниқоб.

* * *

Эй, хиҷил аз рӯю зулфат рӯзу шаб,
Мондаам аз рӯю зулфат дар аҷаб.
Рӯят аз рӯз аст, ё рӯз аз рухат,
Шаб зи зулфи туст, ё зулфат зи шаб.
Кардаӣ аз рӯи рӯзе мухтасар,
То сари зулфат шабе шуд мунтахаб.
Рӯзро аз лола пӯшидӣ либос,
То шабатро анбарин кардӣ салаб.
Эй, суринат офати талли суман,
Эй, миёнат ҳасрати тори қасаб.
Мондаам бо дидаи ёқутбор,
То туро дидастам, эй ёқутлаб.
Эй дили афтода дар савдои ишқ,
Хастаи хориву дур аз ту рутаб.

* * *

Намози шом чу кард он латиф кӯдаки хуб
Ба азми роҳи нишот рикобу рои рукуб.
Шабам ду шуд, ки ду хуршед дар яке соат
Маро ғариб бимонданд карда рои ғуруб.
Сипеҳру меҳр, чу ӯ пой дар рикоб ниҳод,
Хиҷил шуданд ҳам аз рокибу ҳам аз маркуб.
Чу дур шуд зи ду чашмам ду чашмаи хуршед,
Ду чашма гашт ду чашмам зи фурқати маҳбуб.
Шаби сиёҳ даромад ба сони зангии зишт,
Назора бар сари ӯ садҳазор кӯдаки хуб.
Ситорагон ҳама гуфтӣ, ки Юсуфанд ба хусн,
Ба тирагии шаби торӣ чу дидаи Яъқуб[8].
Чу дуд буд ҳаво, дуд агар бувад сокин,
Чу баҳр буд фалак, баҳр агар бувад мақлуб.
Маро ба сурати лашкаргаҳе намуд фалак,
Нуҷум лашкару лашкар зи подшо маҳбуб.
Ситорагони нурафшон — муборизони масоф:
Яке ба сӯи шимолу яке ба сӯи ҷануб.
Гаҳи тулӯъу ғуруб ину он зи рӯи сифат
Чу рӯзи ҷанг яке ғолибу дигар мағлуб.
Зи ман ҳадиси сипеҳру ситорагон маталаб,
Ки ман зи чашмаи хуршед кардаам матлуб.

Гумон барам, ки надидӣ ҷамоли сабр ба хоб
Агар шабе чу шаби ман гузоштӣ Айюб[9].
Маро,
к-аз он лабу он зулф дур бояд буд,
Ки ин ба рӯз масоф асту в-он ба шаб мансуб.
Агар чи бар сари ман рӯзу шаб ҳамегузарад,
Ба ҷони ту, ки надорам зи умри худ маҳсуб.

• • •

Рухаш ба рӯз ҳамемонаду ду зулф ба шаб,
Агар ба рӯзу ба шаб дилбарӣ кунад, чӣ аҷаб?
Ба нури рӯи ту нисбат кунад сапедии рӯз,
Зи тори зулфи ту зулмат барад сиёҳии шаб.
Зи рӯзу зулфи ту пайваста орзу талабем
Бале ки аз шабу рӯз орзу кунанд талаб.
Сазад, ки мазҳаби зулфу рухат вафо набувад,
Касе надид шабу рӯзро вафомазҳаб.
Сабаб надидани рӯи ту зулфи туст маро,
Бале чу омадани рӯзро шаб аст сабаб.
Дуруст шуд,
ки шаб аз рӯз чиратар бошад,
Ки зулфи чун шаби ту сохт рӯзро маркаб.

Чу рӯз зулфи ту дидам, сафар наёрам кард,
Ки ҳаст рӯи ту дар зулф чу моҳ дар ақраб.
Ба хатти сабз лаби лаълро ҳиҷоб макун,
Зиёдатӣ чӣ кунӣ андар офариниши раб?

• • •

Молу ҷамолу хуррамию сиҳҳату шабоб,
Ишқу висолу беғамию ишрату шароб
Шуғле бувад ба ваҷҳу нишоте бувад ба шарт,
Айше бувад ба расму муроде бувад савоб.
Инҳо ҳама хушанд,
вале назди оқилон
Ин аст айбашон, ки азизанду тангъёб.
Таърихи ишқ аҳди висол аст, ку висол?
Феҳристи умр рӯзи шабоб аст, ку шабоб?
Эй он,
ки бо шабобу шаробию гӯши ту
Ҳам лаҳни чанг дораду ҳам нағмаи рубоб,
Гар гулситони оразн маъшуқ пеши туст,
Аз гардиши замона туй дар гулу гулоб.
Дар роҳи васл пои умед аз талаб мабар,
Бо тоби зулф дасти иноң аз тараб матоб.

Дар кӯи дӯстон, ки бувад даҳшати фироқ,
Бар рӯи дӯстӣ чӣ кунад ҳайбати ниқоб?
Ҷон парварон ба савсани озоди обдор,
Дил тоза кун ба наргиси махмури нимхоб.
Бифрӯз дидаро ба рухи ӯ зи себи сурх,
Хуш кун димоғро зи хати ӯ ба мушки ноб.
Аз рӯҳ соз қосиди маъшуқро нисор,
В-аз бӯса деҳ суоли дилоромро ҷавоб.
Аз коми дил ба баҳра гирифтан шитоб кун,
Гар маркаби замона ба рафтан кунад шитоб.

* * *

Чу бар ҷони ман шуд ҳавои ту ғолиб,
Ҷамоли туро ҷони ман гашт толиб.
Агарчи надорам зи васли ту ҳосил,
Ҳамебод бар ман ҳавои ту ғолиб.
Диле дорам, эй роғиби дилрабудан,
Ба ишқи ту ҳозир, зи ғайри ту ғоиб:
Ба қасди ту қонеъ, ба захми ту рофиқ,
Ба ҷаври ту моил, ба зулми ту роғиб.
Чунин аст дар ошиқӣ мазҳаби ман,
Ки яксон бувад ошиқонро мазоҳиб.

Рухе дорӣ, эй қиблаи рӯи хубон,
Зи хубӣ бароварда сад раҳ аҷоиб.
Ба рух подшоҳи ҷамолию онгаҳ
Ду зулфи сияҳпӯши ту чун ду ҳоҷиб.
Туро ҷон раият, туро дил вилоят,
Туро ҳусн минбар, туро ишқ хотиб.
Магар аз ман уммеди тавба надорӣ,
Кӣ бошад бар-ин рӯи тобанда тоиб?
Лабат бӯсае гар ба ҷоне фурӯшад,
Бихаррам, чу байъе бувад бас мақориб.
Чу ақраб ду зулфат ба гирди маҳу гул
Раҳи дида барбастаанд аз ҷавониб.
Ду зулф аз ду рух якзамон дуртар кун,
Чӣ донанд қадри гулу маҳ ақориб?

* * *

Шаби одинаву[10] ман масту хароб,
Ошиқӣ дар сару дар даст шароб.
Мар-маро шанбаву одина якест,
Ки чунин дидаам аз ишқ савоб.
Пеши ман шамъу ман аз ишқ чу шамъ;
Ранҷи ӯ з-оташу ранҷи ман аз об.

Сӯҳбати ман ҳама бо ишқу набид,
Улфати ман ҳама бо чангу рубоб.
Ошиқу масту харобам, чӣ кунам?
Ошиқ он беҳ, ки бувад масту хароб.
Хастаи ишқаму дар дил ғами ишқ,
Ошиқи ёраму бар каф маи ноб.
Май хӯрам сурхтар аз чашми хурӯс
Дар шаби тиратар аз парри ғуроб.
Қарда бар дидаи ман хоб ҳаром
Ишқи он наргиси олуда ба хоб.
Ҳеҷ таҳдиди азобам макунед,
Ки маро ишқ басандаст азоб.
Чӣ кунам, гар накунам айшу нишот,
Чун маро ишқу шароб асту шабоб.
Натавон хӯрд ғами кори ҷаҳон,
Ки ҷаҳон сояи абр асту сароб.

* * *

Ҷавр аз ин баркашида айвон аст,
Ки дар ӯ Муштариву Кайвон аст,
Дами сарде, ки мекашад мардум,
Ҳама з-ин баркашида айвон аст.

Одамиро зи даври ин айвон
Ҷавр анвоъу ранҷ алвон аст.
Гарчи гаҳ саъду гоҳ наҳс диҳад,
В-арчи гаҳ ризқу гоҳ ҳирмон аст,
З-ӯ чи нолӣ, ки чун ту маҷбур аст,
З-ӯ чи ранҷӣ, ки чун ту ҳайрон аст!..
То нанозӣ ба давлату нусрат,
Ки ҳама нусрати ту хизлон аст...
Хуш ҳамеханду ҳеҷ бок мадор,
Ки зи зулми ту халқ гирьён аст!
Баррабирьён кунӣ зи моли ятим,
Он бара нест,
хуни бирьён аст.
Ҳама корат хӯр асту осоиш,
Бихӯр осон, ки хӯрдан осон аст,
Гар ба наздики худ мусулмонӣ,
Ин на расму раҳи мусулмон аст.
Адлу инсофу раҳм одат кун,
Гар муродат ризои яздон аст.
Шеъри Собир зи баҳри хотиру табъ
Ғуссаи дурру рашки марҷон аст.
Гуфтаи ӯ шунав,
ки гуфтаи ӯ
На зи ҷинси фалону баҳмон аст.

* * *

Туй, ки меҳри ту дар меҳргон баҳори ман аст,
Ки чеҳраи ту гулистону лолазори ман аст.
Маро зи камшудани сабза бас асар накунад,
Ки хатти сабзи ту аз сабза ёдгори ман аст.
Баҳору сарву гулу савсан, эй баҳори бутон.
Чу дар канори манӣ, ҷумла дар канори ман аст.
Миёни ҷони ману ғам намонд ҳеҷ сабаб,
Бад-он сабаб ки ҷамоли ту ғамгусори ман аст.
Сарам зи бодаи ишқи ту пурхумор шудаст,
Се бӯса аз ду лабат доруи хумори ман аст.
Шикори дӯст набудам, шикори дӯст шудам,
Зи ишқи он ду шакар, к-аз лабат шикори ман аст.
Зи чарх кори маро равнақе падид омад,
Ки бо висоли ҷамоли ту кор кори ман аст...
Қарори ман ҳама дар зулфи беқарори ту бод,
Ки тобу ҳалқаи ӯ манзили қарори ман аст.
Агарчи рӯз нависанд мардумон таърих,
Шаби висоли ту таърихи рӯзгори ман аст.
Чу дил нисори ту кардам, нисор бӯса биёр,
Ки як нисори ту беҳтар зи сад нисори ман аст.
Таровате, ки ғазалҳои обдори мараст,
Зи ишқи туст, к-аз олам ба ихтиёри ман аст.

Агар вилояти Хоразмро зи заҳмати об
Зиён расид зи Ҷайҳун, ки дар канори ман аст[11].
Сабаб манам, зи бас он ки оби Ҷайҳунро
Ҳама мадад зи ғазалҳои обдори ман аст.
Дилам зи ишқи ту охир ба ҳаққи хеш расид,
Ки рӯзгор ба васли ту ҳақгузори ман аст.

* * *

Хушо вақто, ки вақти навбаҳор аст,
Мусоид рӯзу маймун рӯзгор аст.
Замин чун лӯъбати шамшодзулф аст,
Ҷаҳон чун кӯдаки анбаръизор аст.
Куҷо поят баромад, гулситон аст,
Куҷо чашмат барафтад, лолазор аст.
Миёни боғ пурмушку абир аст,
Карони роғ пурнақшу нигор аст.
Ҳаво чун чашми ошиқ дурфишон аст,
Сабо чун зулфи дилбар мушкбор аст.
Бисоте дод фарвардин заминро,
К-аш аз минову буссад пуду тор аст.
Қарор акнун ба саҳни бӯстон дор,
Ки саҳни бӯстон дорулқарор аст.

Канори боғ пур дур асту гавҳар,
Канори ӯ магар дарьёканор аст.
Бигирьяд абри наврӯзӣ ҳамезор,
Ки шохи зардгул бемору зор аст.
Замоне андалеб аз вай ҷудо нест,
Магар наздики ӯ бемордор аст?
Агар булбул шудаст аз ишқи гул маст,
Чаро чашмони наргис пурхумор аст?
Гиёҳи кимнё гаштаст наргис,
Ки табъаш мояи зарри иёр аст.
Дар ин фасле,
ки мурда зинда гардад,
Чаро шохи бунафша сӯгвор аст?
Магар гулро арӯсе кард наврӯз,
Ки абраш ҳар замон гавҳарнисор аст.
Баҳор аст ин, надонам, ё биҳишт аст?
Биҳишт аст ин, надонам, ё баҳор аст?
Насими настаран бифзуд ҷонам,
Магар дар вай насими зулфи ёр аст?
Дарахти арғувон гар нест оташ,
Чаро шохаш ҳамеша пуршарор аст?
Ҳамоно ёсуман масти шабон аст,
Ки чун мастон навону беқарор аст.
Чаро лола ҳаменишинад аз пой,

Магар мар-бодаро дар интизор аст?
Нишоти бода бояд кард бар гул,
Ки бозори нишоти бода хор аст.
Биёр, эй соқӣ,
он оби чу оташ,
Ки ҷонро ҷону ғамро ғамгусор аст.
Чу зулфи ёр бӯяш дилфиреб аст,
Чу васли дӯст таъмаш хушгувор аст.

* * *

То дилам дар дасти он симинбари сангиндил аст,
Зери пои ман зи оби чашму хуни дил гил аст.
Ҷуз ҷафои ман нагардад дар дили сангини ту,
Барнадорад санги хоро, он чи ӯро дар дил аст.
Нест нармӣ дар дилаш аз дидаи пуроби ман,
Сангро аз оби дида нарм кардан мушкил аст.
То дили сангини ӯ созад ҳаме асбоби ҳаҷр,
Аз дили ғамгини ман асбоби шодӣ зоил аст.
Бобуличашм асту зангизулфу румиоразин,
З-ин се ошӯбу балои зангу Руму Бобил аст.
Ҳобам андар дида бисмил шуд зи теғи ҳаҷри ӯ.

Гар рухам пурхун шудаст,
он хун зи хуни бисмил аст.
Нӯши ҷонафзош бошад дар лаби нӯшин, чаро
Посухи талхаш маро пайваста заҳри қотил аст?
То ба манзил рафту маҳмил хост аз баҳри сафар,
Ҷойгоҳи мо, ки манзил буд, акнун маҳмил аст.
Гар ба роҳ андар зи манзил корвонро чора нест,
Корвони ишқи ӯро дар дили мо манзил аст.
Дар дилам бе ӯ сабурӣ нест, к-андар кеши ишқ
Бе ҷамоли рӯи дилбар сабр кардан ботил аст.
Ёд бод он рӯз, к-аз дидори ӯ гуфтӣ дилам:
Ҳар чӣ дилро бояд аз шодӣ, маро он ҳосил аст.

* * *

Тарфи чаман, ки хилъати фасли баҳор ёфт,
Бе бут ҷамоли буткадаи Қандаҳор ёфт.
Ҳар зинате, ки гум шуда буд аз замини боғ,
Ҷӯянда бо тароватп фасли баҳор ёфт.
Ҷодӯст чор табъ,
ки чандин ҳазор нақш
Табъи чаман ба воситаи ҳар чаҳор ёфт.
Аз зоғ зинҳор намеёфт андалиб,

Акнун ба фарри давлати гул зинҳор ёфт.
Майхоравор булбули хушнағма маст гашт,
Гӯй зи гул насими маи хушгувор ёфт.
Гулро ҳар он касе
ки ба атрофи боғ дид,
Як ғам наёфт дар дилу сад ғамгусор ёфт.
Аз чашми абрҳо даҳани лолаҳои лаъл
Бе баҳру бе садаф гуҳари шоҳвор ёфт.
Вақти баҳор ошиқи дилтангӣ ёрҷӯй
Рухсори ёр бар тарафи лолазор ёфт.
Булбул, ки зери шохи гули тар қарор ҷуст,
Ризвон набуду равзаи дорулқарор ёфт.
Ошиқ ҳаме қарор наёбад чу зулфи ёр,
Дар боди субҳдам хабари зулфи ёр ёфт.
Чашми чаман зи лолаву гул рӯи ёр дид,
Гӯши суман зи гавҳару дур гӯшвор ёфт.
Ногашта пир қадди бунафша хамида монд,
Нохӯрда бода дидаи наргис хумор ёфт.

* * *

Рӯи ту ба ҳусн ҳури ин аст,
Кӯи ту биҳишти ростин аст.

Аз баҳри нисори хоки поят
Чун даст дилам дар остин аст.
Рухсори ту лолаи рабеъ аст,
Гуфтори ту лӯълӯи самин аст.
Занбӯри газандаи ба ғамза,
Гарчи ду лабат чу ангубин аст.
Рӯят зи гулу суман сириштаст,
Зулфат зи шабу шаба аҷин аст.
Шакли даҳанат ба мим монад,
Дандон-т миёни мин син аст.
Лоғар чу тани манат миён аст,
Фарбе(ҳ) чу ғами манат сурин аст.
Ҳар ҷо, ки туӣ, баҳор бошад,
Қ-ат соиду бар чу ёсумин аст.
Тобандатарӣ ба рух зи хуршед,
Кибри туву нози ту аз ин аст...
Наврӯз даромаду баровард
Ҳар ганҷ, ки дар замин дафин аст.
Тарфи чаман аз тароиф акнун
Бо ҳусну нигори Руму Чин аст.
Рухсораи лола чин надорад,
Дар зулфи бунафша аз чӣ чин аст?
Чун лола шавад зи акси лола
Ангушти касе, ки лолачин аст.

Гар боғ биҳишт гашт, шояд,
Гулбун ба ҷамол ҳури ин аст.
Ҳалқи ҳама қумриён кушодаст,
Савти ҳама булбулон ҳазин аст.
Чунон ки ту дар ҷаҳон гузинӣ,
Ин фасл зи фаслҳо гузин аст:
Бо ҳусни баҳору фарвадин бош,
То ҳусни баҳору фарвадин аст.

* * *

Шамшодқадду лоларуху ёсуминбар аст,
Бо сарву гул ба қомату ораз баробар аст.
Доим ғулому чокари ёқуту шаккарам,
К-ӯро лабу ҳадис зи ёқуту шаккар аст.
Гуфтам: «Зи хатту зулфи ту бар ҷони ман балост»,
Гуфт: «Ин ҳама балои ту аз мушку анбар аст».
Чун дидамаш, зи кибр ба хуршед нангарам,
К-ӯ худ ба чеҳра чашман хуршеди дигар аст.
Гар дар бар аст ҷон дили ҳар касе, чаро
Ҷон дилам ба ҳалқаи зулфи вай андар аст?
Ларзонтарам зи зарраву сӯзонтарам зи шамъ,
То ӯ чароғи маҳфилу хуршеди лашкар аст.

Бо ман мувофиқ аст ба як чизу беш не:
Ман ёсуминсиришкаму ӯ ёсуминбар аст.
Гар хона з-ӯ биҳишт шавад, бас шигифт нест,
Қ-аш қадду лаб баробари тӯбию кавсар аст.
Ӯро супурдаам дилу ӯро сазад аз он к-
Дилбанду дилфиребу дилошӯбу дилбар аст.
Эй сарви моҳчеҳраву эй моҳи сарвқад,
Боғу сипеҳри ту зи дилу ҷон-т чокар аст.
Ту сарви бохиромишу моҳи суханварӣ,
На сарв бохиромишу на маҳ суханвар аст.
Бар лаззату хушии ҷаҳон бас гузаштаам,
Ҷоно, ба ҷони ту, ки висоли ту хуштар аст...
Бо ту ҳадиси Озару Монӣ[12] чаро кунанд?
Қ-аз сурати ту санъати ҳар ду мусаввар аст.
Хубӣ рухи турову малоҳат лаби туро́ст,
Ин ҷо чӣ ҷои санъати Мониву Озар аст?!

* * *

Рухи ту рӯзи мунир асту зулфи ту шаби доҷ.
Бурнда ҷисми маро теғи ишқи ту авдоҷ.
Манам, ки рӯзи мунирам замон-замон гирад
Зи ишқи рӯзи мунири ту гунаи шаби доҷ.

Чу ҳоҷибон сари зулфат сиёҳ пӯшиданд[13],
Чу хусравон дилу сабрам ҳаме кунад тороҷ.
Рухи ту тахтаи оҷ асту даст фитна бар ӯ,
Зи баҳри бурдани дилҳо ду хат набишт зи соҷ.
Ба суҳбати ту, ки хондам тамом дафтари ишқ,
Чу дида дид хати соҷу тахтае аз оҷ.
Чу рӯи хеш намудӣ маро, салоҳ маҳоҳ,
Ба ҳеҷ ҳол нахоҳад кас аз хароб хироҷ.
Маро зи бими фироқат чи гуна бошад дил?
Зи бими боз чи гуна бувад дили дурроҷ.
Тӯй, ки то ба вуҷуд омад аз адам рухи ту,
Ҳамеша дидаву дил дар хусуматанду лаҷоҷ.
Манам, ки тот бидидам, шудаст дидаи ман
Чу нақши чеҳраи чун дебаи ту бар дебоҷ.

* * *

Хубӣ ба рӯи хуби ту иқрор мекунад,
Ақл аз ниҳеби ишқи ту зинҳор мекунад.
Дилро дили чу санги ту озор медиҳад,
Дамро даҳони танги ту афгор мекунад.
Хуштар зи ҷону умрию дар хоби хуш маро
Он чашми нимхоби ту бедор мекунад.

Хуршеди дилбаронию рӯят ба дилбарӣ
Бо хештан ду зулфи туро ёр мекунад
Чун ҷон бегуноҳию савдои ишқи ту
Ҷони маро ҳамеша гунаҳгор мекунад.
Азбаски дар дилам зи ту тӯфони ҳасрат аст,
Киштӣ бар оби дидаи ман кор мекунад.
В-азбаски ёди он лабу рухсор мекунам,
Ишқам асири он лабу рухсор мекунад.
Осон ҳаменамуд диламро тариқи сабр,
Онро тариқи ишқи ту душвор мекунад.
Дидори ту, ки маҳ сифат аз ҳусни ӯ гирифт,
Дилро ба доми фитна гирифтор мекунад.
Бар дил балову фитна зи дидор мерасад,
Адле аз он хусумати дидор мекунад.
Ашки маро ба ранги ақиқи гудохта
Темори он ақиқи шакарбор мекунад.
Ҷонам балои ишқи ту бисьёр мекашад,
Ақлам ҳадиси ҳусни ту бисьёр мекунад.
Ҷаъди ту ин ҳавои Хуросон зи бӯи мушк
Беҳ аз ҳавои Тиббиту Тотор мекунад.

* * *

Чӣ лӯъбат аст, ки ӯ сарбурида хуб ояд?[14]
Зи сар буридани ӯ қадри ӯ бияфзояд.
Қиро бурида шавад сар, бар ӯ бубахшоянд,
Ба сар буридани ӯ ҳеҷ кас набахшояд.
Сухансарой шавад, чун бурида шуд сари ӯ,
В-агарчи ҳеҷ сухан сарбурида насрояд
Ҳамеша ҳабс кунандаш гуноҳ нокарда,
Аҷабтар он, ки тани ӯ зи ҳабс нагзояд.
Агарчи дер бимонад чу муҷримон маҳбус,
Ба ҳеҷ гуна ҳадисе забон наёлояд.
Гумон барӣ, ки бар ӯ ҳабс ҷои нутқ бубаст?
Ки вақти ҳабс забонаш ба нутқ нагзояд.
Зи ҳабс кардани ӯ халқро базаҳ набвад,
В-агарчи дер ба ҳабс андарун ҳамепояд.
Сиришки дида асирон ба ҳабс полоянд,
Сиришки ӯ ҳама берун зи ҳабс полояд.
Гаҳе намоз кунад, гоҳ рӯзадор шавад,
Намозу рӯза худояш ҳаме нафармояд.
Сухан-ш баста шавад, вақти он ки рӯза гирифт,
Сухан кушода бигӯяд, чу рӯза бикшояд.
Намози ӯ ҳама саҷдасту чун суҷуд кунад,
Ба вақти саҷдаи ӯ феъли ӯ падид ояд.

Аҷабтар он, ки суханвар набуду ҳомила не,
Чу дар суҷуд шавад, з-ӯ сухан ҳамезояд.
Чу зулфи ёр зи рӯзу шаб арчи бехабар аст,
Ба шаб ҳамеша рухи рӯзро биёрояд.
Сиришки ӯ ҳама бар рӯи дигарон борад,
Ба вақти он, ки асарҳо зи гирья бинмояд.
Сухан ба вақти саворӣ ҳаметавонад гуфт,
Пиёда ҳеҷ тариқи сухан напаймояд.
Забон ду дораду офоқ якзабон шудаанд,
Қи дар даҳони кифоят забони ӯ шояд.

* * *

Озару Монӣ, ки суратҳои дилбар кардаанд,
Не рухи чун моҳу не зулфи чу анбар кардаанд.
Анбарин зулфу маҳи рухсори он дилбар маро
Бениёз аз сурати Монию Озар кардаанд.
Наргисаш чашм асту сарваш қадду хубон номи ӯ
Моҳи наргисчашму сарви моҳманзар кардаанд.
Васфи он рахшандаораз, наъти он тобандарӯй
Фаҳму фикратро ба рутбат Руму Шуштар
кардаанд.
Ихтиёри дилрабудан бар лаби ширини ӯст,

Гӯй он лаброба дилбурдан мухайяр кардаанд.
Ҳамчу занҷиру зиреҳ кори маро дарҳам зада,
Ҳалқаву занҷири он зулфи зиреҳвар кардаанд.
Ҳам сурини фарбеҳи ӯ,
ҳам миёни лоғараш
Ишқу оромам ба тан фарбеву лоғар кардаанд.
Бар дилу ҷону тани ман ҷавру бедоду ситам
Печу тобу чини он зулфи ситамгар кардаанд.
Расми ғорат нест андар лашкари султон, чаро
Зулфу лафзаш ғорати Хархиру Аскар[15] кардаанд?

* * *

Агарчи ишқи бутон сарбасар бало бошад,
Дилам ба ишқ ҳамасола мубтало бошад.
Дилам балои ману ошиқӣ балои дил аст,
Бало кӣ дид, ки ҳамвора дар бало бошад?
Ғуломи қомати онам, ки қоматам ҳама сол
Чу зулфи ӯ зи ғами зулфи ӯ дуто бошад.
Чу бо кулоҳу қабо дидамаш, яқин гаштам,
Ки моҳро кулаҳу сарвро қабо бошад.
Сабо насими сари зулфи ӯ ҳамеорад,
Ҳамеша муниси ман з-он сабаб сабо бошад.

Баҳору сарву гулу савсан аз ду дидаи ман
Ҷудо шаванд, чу аз пеши ман ҷудо бошад.
Чу оразу руху зулфайну соидаш бинам,
Агар баҳор набошад маро, раво бошад.
Ҷафои ӯ ба дилам аз вафо азизтар аст,
Нишони ишқ писандидани ҷафо бошад.
Рухаш чу лолаи серобу оразаш чу гул аст,
Аз он қибал чу гулу лола бевафо бошад.
Зи ман маҳоҳ хирадманду порсо будан
Гаҳе, ки бар дили ман ишқ подшо бошад.
Бар он ҷамолу бар он сурату бар он дидор
Қасе чӣ гуна хирадманду порсо бошад?
Аност ишқу маро ишқи ӯст роҳати ҷон,
Аҷаб кунам,
ки маро роҳат аз ано бошад.
Зи баски дар ғами ёқути ӯ гуҳар борам,
Ҳамеша рӯи маро ранги каҳрабо бошад.
Гувоҳи ишқи ман аст ашки лаълу чеҳраи зард,
Ки ҳақ дуруст нагардад, чу бегуво бошад.

* * *

Гар зи ҷафо ёр пушаймон шавад,
Қори ман аз ишқ ба сомон шавад.

Сабр кунам, гарчи ҷафо мекунад,
Охир аз он карда пушаймон шавад.
Мазҳаби хубон зи ҷафо нагзарад,
Ӯ сипаси мазҳаби эшон шавад.
Ҳоли ман аз ишқ парешон кунад,
Чун сари зулфайн-ш парешон шавад.
Аз ҳама ҷонҳо ба маҳал бигзарад,
Ҷон, ки писандидаи ҷонон шавад.
Чашмаи ҳайвон[16] чу лаби дилбар аст,
Бӯсаи он з-он мадади ҷон шавад.
Зулфаш агар Хизри паямбар нашуд,
Чун ба лаби чашмаи ҳайвон шавад?
Лаъли Бадахшон ду лаби нӯши ӯст,
Хоса, ки май нӯшаду хандон шавад.
Гар зи лабаш ваъдаи васлам расад,
Лаъли Бадахшон шакарафшон шавад.
Чун зи лабаш бӯса барам, рӯи ман
Сурхтар аз лаъли Бадахшон шавад.
Қоматам аз ишқ чу чавгон шудаст,
Қомати ушшоқ чу чавгон шавад.
Пушт, ки чавгон шавад аз ошиқӣ,
Дар ҳаваси гӯи занахдон шавад.
Ман чу бигирьям, гуҳар арзон кунам,
Ӯ чу бихандад, шакар арзон шавад.

Ишқ маро аблаҳу нодон гирифт,
Дилшуда дар ишқ бад-ин сон шавад.
Чун назари ишқ ба дил раҳ кунад,
Мардуми доношуда нодон шавад.
Тоза шавам,
гар ба рухи ӯ расам,
Сабза тару тоза ба борон шавад.
Дур шудаст аз раҳи паймони ман,
Гар дили ӯ бар сари паймон шавад.
Дер напояд, ки бар-ин дилшуда
Ранҷи зиёдатшуда нуқсон шавад.

* * *

Он, ки рӯятро ба ҳусни рӯи Ширин офарид,
З-он лаби ширин ғизои ҷони ширин офарид.
Мушку шабро зинати он зулфи пурошӯб кард,
В-аз ману ту ноиби Фарҳоду Ширин офарид.
Ғам бо ҷонам раҳ наёбад,
чун бубинам рӯи ту.
Қ-аз рухат ҷонофарин доруи ғамгин офарид.
Зулфи мушкинат шифои ҷони мискини ман аст,
Роҳати ман хост он, к-ӯ зулфи мушкин офарид.

Он, ки андар нофа мушки ноб кард аз хуни ноб,
Зулфи мушкинро шифои ҷони ширин офарид.
В-он ки дар Чин офарид анвои суратҳои хуб,
Дар Хуросон аз ҷамолат сурати Чин офарид.
Боз чун дорӣ маро аз боғи рӯят,
гар худой
Гул ба боғ андар зи баҳри дасти гулчин офарид.
Сонеъ аз рухсору чашму орази ту дар ҷаҳон
Гул падид оварду наргис карду насрин офарид.
Б-аз паи ташбеҳи он ширинлабу дандони ту
Дар замину осмон ёқуту Парвин офарид.

* * *

Ин парирӯён,
ки бо зулфи парешон омаданд,
Одамиро аслу фаръи фитна эшон омаданд.
Ошиқонро бо сару кори парешон кардаанд,
То ба майдон бо сари зулфи парешон омаданд.
Аз рухи рангин қарини Озари Барзин[17] шуданд,
В-аз лаби ширин шарики оби ҳайвон омаданд.
Зулфашон чун зангиёни посбон бар гирди рух,
Рост гӯй ганҷи хубиро нигаҳбон омаданд.

Гарчи омад зулфашонро сад ҳазорон печу тоб,
Ҳусну зебу милҳашон садбор чандон омаданд.
Тобҳон чаъди эшон, ҳалқаҳои зулфашон
Бегунаҳ дилҳои моро банду зиндон омаданд.
Обидонро ғамзаҳошон офати дилҳо шуданд,
Ошиқонро офати асрори пинҳон омаданд.
Дида аз дидорашон бо лаълу марҷон шуд қарин,
Қ-аз лабу дандон қарини лаълу марҷон омаданд.
Дар хами зулфайни чавгоншакли анбарбӯяшон
Гӯй кардам дил, чу бо чавгон ба майдон омаданд.
Хубдидоранд эшон, гашт майдон чун биҳишт,
То ба майдон бо нишоти гӯю чавгон омаданд.
Рост пиндорӣ зи баҳри расми истиқболи шоҳ
Назди мо аз равзаи фирдавс ризвон омаданд.

* * *

Чунин ёре, ки ман дорам, ба ҳуснаш ёр кай бошад?
Ҳаме бут хонамаш дар ҳусну бут айёр кай бошад?
Зи бисьёрӣ, ки ҳусни ӯст, додам дил ба ишқи ӯ,
Ба чунин ёр дил додан зи ман душвор кай бошад?
Зи ёр ороми дил хезад, зи май нерӯи тан зояд,
Танам бе май кай оромад, дилам бе ёр кай бошад?

Ба теморам, ки дастам нест на бар дил,
на бар дилбар,
Гарам дилбар ба даст ояд,
зи дил темор кай бошад?
Агар васли лабаш ёбам, маро темор кай бинӣ?
Куҷо Исо табиб ояд? Қасе бемор кай бошад?
Чу дил бо ман намебошад,
чаро дар банди дил бошам?
Чу дил дар банди дилдор аст, бе дилдор кай бошад?
Аҷаб дорад зи ман дилбар,
ки дил бо вай раҳо кардам,
Валекин бо ҷамоли дӯст чандин кор кай бошад?
Ба рангу рӯи ӯ борам ҳаме аз дида хуни дил,
Дар он савдо, ки бо рӯяш маро дидор кай бошад?
Зи дурри ашку мавҷи хун ба дарьё монадам дида,
Чунин дида,
ки ман дорам, ба ҷуз бедор кай бошад?
Парирухсори ман бар ман ҳаме хӯн парӣ дорад,
Дил аз дидори он рухсор бархурдор кай бошад?
Маозаллаҳ-маозаллаҳ париро бо ҳама хубӣ
Чунон зулф аз куҷо ояд,
чунон рухсор кай бошад?
Маро аз дидаи хунхори ӯ хорӣ ҳамехезад,
Парӣ дар дилбарӣ бо дидаи хунхор кай бошад?

* * *

Сабзаҳо чун нақши дебо дилбари зебо шуданд,
Абр дебобоф шуд, то сабзаҳо дебо шуданд.
Қатраи борон ба ашки дилбарон монанда шуд,
Роғҳо чун рӯи дилдорон аз он зебо шуданд.
То гул андар боғҳо чун рӯи маъшуқон шукуфт,
Розҳои ошиқон аз булбулон пайдо шуданд.
Ошиқонро ошиқӣ гар волаву шайдо кунад,
Булбулон аз ишқи гулҳо волаву шайдо шуданд.
Дар баҳорон аз дили гил то гули раъно дамид,
Дилбарон аз рӯи чун гул ҳамчу гул раъно шуданд.
Аз сабои мушкбору аз насими нофабӯй
Нофаҳо косид шудаиду мушкҳо расво шуданд.
Гар ба дарьёҳо ҳаме маъвои гавҳарҳо бувад,
Шаҳрҳо аз абри гавҳарбор чун дарьё шуданд.
Қатраҳо, к-аз дидаҳои абр берун омаданд,
Бе садаф бар рӯи сабза лӯълӯи лоло шуданд.
То бунафша чун хати хубони яғмой дамид,
Ошиқонро сабру дил бо диданаш яғмо шуданд.
Абри наврӯз аз гиристан дидаи Вомиқ шудаст,
То гулу лола ба ранги оразн Узро шуданд.
То чунин наврӯзро, к-ин боғу саҳро ёфтанд,
Ҷону дил ҷӯёи боғу ошиқи саҳро шуданд.

То ба болои ҳамал рафт офтоб аз пушти ҳут,
Шоху барги ҳар набот аз дашт бар боло шуданд.
Табъро савдои боғу бӯстон мастӣ диҳад,
Қумриву булбул ҳамоно маст аз ин савдо шуданд.
Абр агар соқӣ нашуд, борон агар саҳбо нагашт,
Аз чӣ маънӣ лолаҳо чун соғари саҳбо шуданд?
Аз паи пайвастани насли гулу фасли баҳор
Рост гӯй абру борон Одаму Ҳавво шуданд.
В-аз барои дидани базму тамошогоҳи шоҳ
Саҳни боғу сурати гул ҷаннату ҳуро шуданд.
Бар нишоти дидани базми ҷаҳонорои ӯ
Дидаҳои наргисон дар бӯстон бино шуданд.
Бӯстонҳо ҳамчу тоҷи хусравон пур дурру зар
Аз барои базмгоҳи хусрави воло шуданд.

* * *

Зулфи ту аз мушку мушк пургиреҳу банд,
Лаб чу ақиқу ақиқ пуршакару қанд.
Фитнаи мушки ту некувони Хуросон,
Бастаи банди ту ҷодувони Дамованд,
Ҳусни ту рӯи туро ба нур бипарвард,
Ишқи ту ҷони маро ба нор биёганд.

Панд диҳӣ, к-аз балои ишқ ҳазар кун,
Мардуми дилдодаро чӣ суд кунад панд.
Сабри маро фурқати ту даст фурӯ баст,
Ақли маро ишқи ту зи пой дарафқанд.
Бар тани маҳҷури ман балои ту то кай?
Бар дили ранҷури ман ҷафои ту то чанд?
Базлае аз лафзи туст ҳикмати Юнон,
Нуктае аз нутқи туст номаи позанд[18].
Чарх ҳаме бар писанди рои ту гардад,
Он чи ту хоҳӣ, писанду ҳарчи бимапсанд.
То мижаи ошиқон чу абр бигирьяд,
Ту зи нишоту тараб чу барқ ҳамеханд.

* * *

Суратгарон чӣ ҳилаву тадбир кардаанд,
То шибҳи рӯю мӯи ту тасвир кардаанд.
Охир чу рӯю мӯи ту дилбар наёмадаст,
Он ҳолро чи ҳилаву тадбир кардаанд.
Болову чеҳраи ту ба хубию дилбарӣ
Аз шаҳри Балху Қашмару Кашмир кардаанд.
Ҳуру парӣ, ки ҳар ду ба хубӣ мусалламанд,
Як сура аз ҷамоли ту тафсир кардаанд.

Аз зулфи дилрабои ту суратгарони сунъ
Бар маҳ зи мушк ҳалқаву занҷир кардаанд.
Маҳро, ки ахтарони фалак хуб хондаанд,
Он бар ҷамоли рӯи ту тазвир кардаанд.
То гирди рӯзи ту зи шаба шаб кашидаанд,
Шабҳову рӯзҳо шабу шабгир кардаанд.
Хубон, ки хондаанд туро мири некӯвон,
Ҳаққо, ки дар хитоби ту тақсир кардаанд.
Гӯй, ки чор табъи ҷаҳон сурати туро
Аз ҳусну сирату сифат мир кардаанд.

* * *

Омад он фасл,
ки дар вай ҳама ҷуз мул нах(в)аранд,
В-омад он рӯз, ки мурғон ҳама ҷуз гул начаранд.
Дилбарон бӯса ба ушшоқ дар ин фасл диҳанд,
Бедилон пардаи андеша дар ин фасл даранд.
Гулу лола чу руху орази маъшуқ шуданд,
Ошиқон сӯи гулу лола аз он менигаранд.
Аҷаб ин аст,
ки бе май натавонанд шикеб,
Андар ин фасл касоне, ки зи май барҳазаранд.

Боғҳо маъдани ёқуту зумуррад шудаанд.
Шохҳо риштаи марҷону тавилагуҳаранд.
Сабаби ханда надонам, магар аз шодии ҷон?
Лолаву гул зи чӣ ханданд, магар ҷонваранд?
Хабар орад хаме аз зулфи бутон боди саҳар,
Ошиқон аз паи ин фитнаи боди саҳаранд.
Боғ бутхона шуд аз ҳусну дар ӯ лолаву гул
Рост гӯӣ: санами Чину бути Қошғаранд.
То шукуфтаст гулу лолаву насрину суман,
Лаълу беҷодаву марҷону гуҳар беҳатаранд.
Чун ҳама боғ бунафшасту ҳама пурнаргис,
Зери пай чашму хати ёр ҳаме чун сипаранд.
Андарин фасл хуш ояд маи чун судаи лаъл,
В-ин надонанд касоне, ки зи май бехабаранд.
Май ба гул монаду гул низ ба май монад рост,
Ҳар ду гӯӣ ба гуҳар сохта аз якдигаранд.
Вақти гул бе маю бе гул набувам, з-он ки маро
Ҳар дувон аз лабу аз чеҳраи дилбар асаранд.
Ман надонам, ки дар ин фасл манам ошиқи ту,
Ё дар ин фасл бутон турфатару хубтаранд?
Ҳама бурданд зи ман сабру дилу сангу қарор,
Гулрухоне, ки ҳама сангдилу симбаранд.
Ошиқи зарру ақиқам, раҳиву бандаи сим,
Ки ақиқинлабу симинбару зарринкамаранд.

Ҳама шаб то ба саҳар дидаи ман дар қамар аст,
В-ин аз он аст, ки эшон ба ду рух чун қамаранд.
Шакару гул бари ман дӯсттаранд аз дилу ҷон,
Аз паи он, ки ба рух чун гулу аз лаб шакаранд.
Пардаи ман зи ғами ишқ бидарранд ҳаме,
Расми эшон ҳама ин асту бад-ин пардадаранд.
Дод хоҳам зи худованд зи бедод-ишон,
Ки ҳама шӯху ситамкораву бедодгаранд.

• • •

Сарви симинию симинсарвро ёқут бор,[19]
Ҷазъи ман бесиму бе ёқут ту ёқутбор.
Гар на қут аз дидаи ёқутбори ман гирифт,
Пас чаро оварл симинсарви ту ёқут бор?
Сарву ёқутат чу қут аз дидаи ман ёфтанд,
Чун маро надҳӣ бар-он сарву бар-он ёқут бор?
Дурӣ имсол аз ману аз дурии болову лаб
Таъна зад чашмам ҳаме бар сарву бар ёқут пор.
Хор дорӣ чун маро, к-аз ишқи симинсарви ту
Қардаам бо зарри чеҳра ашки чун ёқут ёр.
Миннат аз худ дор, к-аз қадду лаби ту гаштаанд,
Хам ба қомат, ҳам ба қимат сарву ҳам ёқут хор.

Дар хаёли сояи сарви ту бо ин чашму дил
Бегазандам з-обу оташ в-аз садаф ёқутвор.
Чун ба қаддат сарв хонам, дорад аз қадди ту фахр,
Чун лабат гӯям садаф, чун дорад аз ёқут ор.
Хуш биханд аз некӯй, к-аз ишқи болову лабат
Ҷазъи ман гирьяд ҳаме бар сарву бар ёқут зор.
Нест бо темори қаддат сарвро дар боғ сабр,
Нест бо ёди лабат ёқутро дар кон қарор.
Ҳурмату сабрам бибурдӣ з-он лабу қомат, чунон к
Ҳурмати ёқути руммониюю сарви ҷӯйбор.
Ман ба ҳурмат бар хаёли сарву ёқутат кунам
Ҳар шабе то субҳидам ёқути руммонӣ нисор.
Ваҳму чашмам ҳар замон аз ишқи он ёқуту сарв
Сарв корад дар дилу ёқут борад бар канор.
Дар фироқи сарви ту чун хайзурон гаштам наҳиф,
В-аз ғами ёқути ту чун зар шудам зарду низор.
Як замон, эй сарви симин, бо қадаҳ назди ман ой,
То май аз акси лабат ёқут гардад обдор.

* * *

Зи иоибони руху чашму зулфат, эй дилбар:[20]
Яке гул асту дуюм наргису сеюм анбар.

Рухи турост зи султони некӯвон се лақаб:
Яке бадеъу дуюм нодиру сеюм дарх(в)ар.
Ҳамеша дар сари зулфат муҷовиранд се чиз:
Яке шиканҷу дуюм ҳалқаву сеюм чанбар.
Латофат аз ду лаби ту рабудаанд се об:
Яке ҳаёту дуюм замзаму сеюм кавсар.
Ба бӯи хуш зи ду зулфат се чиз баҳраваранд:
Яке насиму дуюм нофаву сеюм миҷмар.
Ба ҷодуӣ ту рабудӣ зи меҳру моҳу парӣ:
Яке ҷамолу дуюм чеҳраву сеюм пайкар.
Ҳазор банда сазандат ба қадду оразу рӯй:
Яке чу сарву дуюм чу гулу сеюм чу қамар.
Маро се чиз бубахш аз ду лаб ба як бӯса:
Яке ақиқу дуюм пиставу сеюм шаккар.
Равону ҷону дили ман зи ишқи ту шудаанд:
Яке залилу дуюм оҷизу сеюм музтар.
Тани ман асту сурину миёни ту ба сифат:
Яке наҳифу дуюм фарбеву сеюм лоғар.
Се чиз аз ғами ишқат ба оби дида таранд:
Яке лиҳофу дуюм болишу сеюм бистар.
Маро чу дидаву ҷону дил аст дидорат:
Яке азизу дуюм лоиқу сеюм дарх(в)ар.
Ба чашму гӯшу забон ному ҳолу қиссаи мо:
Яке бигӯву дуюм бишнаву сеюм бингар.

Ба кӯи байъату хатти вафоу манзили васл:
Яке биёву дуюм бингару сеюм бигзар.
Асиру ошиқи ту бо се чиз гашт дилам:
Яке ҷамолу дуюм зинату сеюм зевар.

* * *

Дасти чаман гирифт сари зулфи навбаҳор,
То мушкбӯй гашт бад-ӯ ҳамчу зулфи ёр.
Гар з-он, ки навбаҳор надорад ба зери зулф,
Пас дар чаман ба зулф чаро гашт мушкбор?
Бӯстону боғ гоҳи назора ба чашми халқ
Чархест бар замину биҳиштест ошкор
Гар дар биҳишту чарх расад офату фано,
Бӯстону боғ бас бувад аз ҳар ду ёдгор.
Имрӯз ҳаст қоидаи боғ беҳ зи дӣ,
В-имсол ҳаст нузҳати бӯстон фузун зи пор...
Чун гул никоб дар чаман аз рӯй баргирифт,
Май гир дар чаман зи кафи ёри гулъизор.
Рахти маро ба сӯи гулу мул чӣ лоиқ аст,
Чун ёри гулъизор маро нест дар канор?
Бе рӯи ёр аз гулу гулшан маро чӣ суд?
Бе васли дӯст бар чаману гул маро чӣ кор?

Бӯстон, ки хосу ом бар ӯ бастаанд дил,
Мисли нигорхонаи Чин аст зарнигор.
Шохи шукуфа бар сари бӯстон замон-замон
Бе миннати сипеҳр ситора кунад нисор...
Ошиқ ба ёди дилбари гулрух ҳамехӯрад
Бода ба ранги лола дар атрофи лолазор.
Он бодае, ки дар дилу бар рӯзгори ақл
Як хуррамӣ зи тарбияти ӯ шавад ҳазор.
Обе, ки бе василати ӯ бар дарахти ҷон
Чашми умеди халқ надидаст баргу бор.
Рӯзе, ки дар ҳиҷоб шавад офтоби чарх
Бар чархи ҷом нур диҳад офтобвор.
То рангу бӯи гул сифати рангу бӯи ӯст,
Дилро ба авни ӯ наниҳад ҳодисот хор...
Аз бода боди фоида бар ман куҷо вазад,
Чун дар фироқи ёр дилам гашт хоксор?
Моҳе, ки аз хаёли рухи ӯ бар осмон
Бифканд офтоб сипар сад ҳазор бор.
Гарчи дилам қарор надорад зи ишқи ӯ,
Дорад ҳамеша андӯҳи ӯ дар дилам қарор.
Ин дӯстӣ, ки андӯҳи ӯ дар дилам гирифт,
Як соат аз канори дилам кай кунад канор?
Ҷонам чу борномаи ӯ дид дар хаёл.
Ғам дар дилам зи қуввати савдо гирифт бор.

Аз ҳаҷри ӯ фиканд фалак бехи бегамӣ,
Дар ишқи ӯ бубаст ҷаҳон роҳи зинҳор.
Кардам шумори сӯхтагони ҳавои ӯ
Омад зи ибтидо дили хуршед дар шумор.

* * *

Бар рӯи офтоби ту он зулфи тобдор
З-осеби бод силсила гаштаст обвор.
Рухсори обдори туро ранги оташ аст,
З-он ранг дуд дод бад-он зулфи тобдор.
Зулфат чӣ гуна рӯи туро пурнигор кард,
Бар обу оташ ар накунад ҳеҷ кас нигор?
В-ар раҳгузори мӯр на бар обу оташ аст,
Хатро ба гирди орази рангини ту чи кор?
Дар зулф агар қарор набинӣ, аҷаб мадор,
Қай дидай, ки дуд бар оташ кунад қарор?
Зулфат бухори оби рухи обдори туст,
Гар ҳеҷ гуна бӯи бухур ояд аз бухор?
Дар зулфи ту дарозии рӯзи шумор ҳаст,
Лекин шиканҷу ҳалқа фузун дорад аз шумор.
Гар тобу печи ҳалқаи зулфи ту чарх нест,
Хуршедро чӣ гуна гирифтаст дар канор?

Боди саҳар, ки бар сари зулфат гузар кунад,
То шаб насими мушк диҳад хокро нисор.
Бас ҳушу ақл бар сари зулфи ту бастаанд,
Тарсам ба бодашон диҳад он зулфи бодсор.

* * *

Чу рӯз бар сари худ кард қиргун чодар,
Арӯси шаб рухи худро намуд аз меъҷар.
Ситора бар фалаки нилгун миёнаи шаб
Чунон ки вақти саҳаргаҳ бар об нилуфар.
Зуҳал ба сони яке зангии ниҳодакулоҳ,
Қамар чунон ки яке румии кушодакамар.
Шуоъи ханҷари Баҳром менамуд ба чарх
Чунон ки дар дили зулмот шӯълаҳои шарар
Фалак чу равзаи ризвон,
дар ӯ шуда лекин
Ба ҷои озаргунлола шӯълаи озар.
Ба сони наргиси нашкуфта хӯшаи Парвин,
Ба сони ҷӯи пур
аз барги настаран меҳвар.
Чу сӯи бохтар овард чатр хусрави рӯз,
Сипоҳи шаб алам афрӯхт з-он сӯи ходар.

Мушаъбид омад гардун, ки лӯъбатони Хутан,
Ба лаъб хеш намоянд зи қиргун ховар.
Миҷарра ҳамчу камандеву гардани Айюқ
Мисоли гавҳари рахшанда бар сари ханҷар...
Дар ин шабе, ки ба тафсил шарҳи ӯ гуфтам,
Зи хони хеш бурун омадам ба азми сафар.
Сутуре аз паи худ кардам онгаҳе ҳосил,
Фарохкому қавиҳайкалу гаронпайкар...
Бад-ин сутур,
ки шарҳи маноқибаш гуфтам,
Раҳе ба пеш гирифтам чу мардуми музтар,
На дар мавотини ӯ одамӣ гирифта ватан,
На дар масокини ӯ ҷуз парӣ намуда асар.
Ба ҷои лаҳни таюр андар ӯ навои ғаюл,
Ба ҷои савти хурӯс андар ӯ салои сақар.
Ба ҷои мор дар ӯ деву дад гирифта мақом,
Ба ҷои мӯр дар ӯ аждаҳо бикарда мақар.
Намуда пуштаи ӯ моҳро чу моҳӣ зер,
Намуда арсаи ӯ зарраро чу шамс забар.
Зи бонги дузд дар ӯ гӯши раҳравон тира,
Зи шакли дев дар ӯ ҳуши мурғакон музтар...
Чунин раҳе,
ки бигуфтам, буридаму омад
Ба сӯи ҳазрати султондили сулаймонфар.

* * *

Агар надидай аз мушк пеши лола сипар,
Ҳаменигар ба сӯи он ду зулфи лоласипар.
Рухаш ҳаме ба дай аз лола навбаҳор кунад,
Агар ҳазар кунад аз чашми бад, равост ҳазар.
Надида кас, ки зи ҳеҷ оташе бунафша дамад,
Аз оташи рухи ӯ чун дамад бунафшаи тар?
Агар шигифт бувад лолаи шукуфта ба дай,
Бунафшае, ки зи оташ дамад, шигифтитар.
Хаташ бунафшаву аз шарми он бунафша ҳаме
Бунафшаи чаману боғ барнаёрад сар.
Бад-он бунафша фазояд ҷамоли боғу баҳор,
Бад-ин бунафша фазояд ҷамоли шамсу қамар.
Гар он бунафша ҳамедун зи хок рӯяду об,
Бунафшаи рухи ӯро зи гул бувад бистар.
Бар-ин бунафша нагӯй бунафшаро чӣ маҳал?
Бар-ин бунафша нагӯй бунафшаро чӣ хатар?
Аз он ду лола, ки бишкуфт бар ду орази ту,
Ҷамолро хатар афзуду ҳуснро зевар.
В-аз ин бунафша, ки бар орази рухаш бидамид,
Аз оташи дили ман бар фалак расид шарар.
Агар туро ҳаваси лолаву бунафша бувад,
Ба хатту орази он дилбари нигор нигар.

* * *

Чӣ ҳалқаҳост бад-он зулфи тобдор андар?
Чӣ ғамзаҳост бад-он чашми пурхумор андар?
Зи ғамзаҳош тобоҳӣ ба ҳушу ақл андар,
Зи ҳалқаҳош сиёҳӣ ба қиру қор андар.
Чӣ қандҳост бад-он лаб, ки лаб ҳамехоянд
Бутон зи ҳасрати он лаб ба Қандаҳор андар?
Зи ростӣ, ки бад-он қомат аст, пайдо шуд
Маро зи дидани он ростӣ ба кор андар.
Нигорхонаи Чин пеши чашми ман бошад,
Чу бингарам ба руху зулфи он нигор андар.
Бухори оби рухи обдори ӯ хати ӯст,
Бухури анбари соро бар-он бухор андар.
Дилам қарор бад-он зулфи беқарор гирифт,
Ватан гирифт бад-он тарфи лолазор андар.
Шигифте аз дилам ояд, ки чун ҳаме созад
Қарори хеш бад-он зулфи беқарор андар?
Магар тариқи бурун омадан намеёбад
Зи бори мушк бад-он зулфи мушкбор андар?
Се бӯса з-он ду лаби чун шакар шикор кунам,
Ки ҳаст роҳати рӯҳам бад-он шикор андар.
Шумори бӯса ба қасд аз лабони чун шакараш
Ғалат кунам, ки ғалат беҳ бад-он шумор андар.

Маро ба ваъдаи васл он ду зулфи чун занҷир
Бидошт банд ба занҷири интизор андар.
Дарида пардаи рози ман он ду растаи дур,
Бад-он ду пораи ёқути обдор андар.
Маро ду дида зи дур ҳамчу тоҷи шоҳон шуд
Зи бас назора дар он дурри шоҳвор андар.
Ба ҳусну милҳ басе бутпараст ҷусту наёфт
Буте чун ӯ ба ҳама Тиббиту Татор андар.
Ҳазор ҳалқа зи шаб гирди рӯзи равшани ӯ,.
Ҳазор нофаи Тиббит ба ҳар ҳазор андар.
Ҳазор дил,
на яке дил чу рӯи ӯ бинӣ,
Нисори ӯ сазаду ҷон бар-он нисор андар.
Ҳама муроди дил
андар канори ӯ бинам,
Чу ҷои хеш бубинам бад-он канор андар.

• • •

Чу каҳрабо шуд баргу чу лаъл гашт асир,
Гиреҳ—
гиреҳ чу зиреҳ шуд зи бод рӯи ғадир.
Мушаъбидӣ кунад акнун хазон ҳаме ба дуруст,
Ки васфи ҳоли ҷаҳонро ҳаме диҳад тағйир:

Зи марғзор бурун кард ҷомаи иксун,
Ба ҷӯйбор баромехт ҷомаи таъсир.
Халанда гашт аз ӯ бод,
хоса дар саҳро,
Газанда гашт аз ӯ об, хоса дар шабгир.
Бихуфт қумриву нола намекунад ба саҳар,
Бирафт булбулу дастон намезанад ба сафир.
Ҳамон дарахт,
ки будӣ чу қуббаи мино,
Ҳамон замин, ки намудӣ чу сабзранг ҳарир,
Намонд ҳеҷ аз он базмҳо на бешу на кам,
Намонд ҳеҷ аз он ҳуллаҳо қалилу касир.
Кунун, ки ишрат ҷӯй, ба хона соз қарор,
Кунун, ки лаззат ҷӯй, маи мураввақ гир.
Мае, ки қуввати ҷон дораду тароватн дил,
Мае, ки гунаи гул дораду насими абир,
Зи дасти он, ки чун ӯ сарв нест дар бӯстон,
Ба ранги он, ки чун ӯ нақш нест дар Кашмир.
Қадаш чу сарву фарозаш зи мушку гул хирман,
Рухаш чу моҳу ба гирдаш ду зулфи чун занҷир.
Ба ҷои сабзаву саҳро нигорхонаи хеш,
Ба ҷои лолаи худрӯй лолаoранги асир.
Ба ҷои қумрии хушнағма нолаи дафу най,
Ба ҷои булбули дастонзананда нағмаи зир.

* * *

Бути сарвқаддиву сарви суманбар,
Нигори сухангӯю моҳи суханвар.
Хату орази туст шамшоду лола,
Лабу бӯсаи туст ёқуту шаккар.
Сурини туву ишқи ман ҳар ду фарбеҳ,
Миёни туву сабри ман ҳар ду лоғар.
Ман аз пой то сар зи ишқам мураккаб,
Ту аз пой то сар зи ҳусни мусаввар.
Ҳаво гардад аз акси рӯят мунаққаш,
Замин гардад аз бӯи зулфат муаттар.
Бигирьям зи зулфат, бинолам зи чашмат,
Кӣ нолад зи наргис? Кӣ гирьяд зи анбар?
Зи ширинлаби ту маро нест серӣ,
Қиро серӣ ояд зи ёқути аҳмар?
Ба тӯбиву кавсар расидам зи васлат,
Ки қадду лаби туст тӯбиву кавсар.
Ба дафтар ҳаме васфи зулфат набиштам,
Пур аз нофаи мушк шуд рӯи дафтар.
Ба абҳар ду чашми туро боз бастам,
Ҳама ҷодуӣ андар омад зи абҳар...
Маро, то туро дидам, андар ду дида
Ту гуфтӣ бирустаст Қашмиру Қашмар.

Ситораст рахшандарӯят, ҳамоно,
Ки моҳат падар буду хуршед модар.
Зи ҷон шокирам,
то туро хонд ҷонон,
Зи дил хуррамам, то туро сохт дилбар.

* * *

Зиҳӣ дар ғамза чун Ҳорут[21] соҳир,
Ба нури чеҳра ҳамчун Зӯҳра зоҳир.
Ба чеҳра бастаӣ озори Зӯҳра,
Ба ғамза бурдаӣ бозори соҳир.
Ҷамолат унсури ҳусн асту дар ҳусн
Нашуд мисли ту мавҷуд аз аносир.
Ҷафо аз табъи ту расмест маъҳуд,
Вафо аз хӯи ту корест нодир.
Ба захми каъбатайни хубӣ аз ман
Дилу дин бурдӣ, аҳсант, эй муқомир.
Накардӣ,
он чӣ охир кардӣ, аввал,
Нагуфтӣ, он чи аввал гуфтӣ, охир.
Зи чашмат барҳазар бошам, ки чашмат
Чу зулфи туст бар ушшоқ ҷобир...

Агар чӣ бошам аз пеши ту ғоиб,
Бувад бар дил маро зикри ту ҳозир.
В-агар чӣ дар ҳаводис сабр беҳтар,
Наям бе ту чу номи хеш Собир.

* * *

Хумор дод сарамро ба чашми нимхумор,
Зи ман бибурд ба зулфайни беқарор қарор.
Агар ба май лабу рухсори ӯ насаб дорад.
Чаро ки дар дили ман ҷой сохтаст хумор?
В-агар қарори дили ман ду зулфи ӯ бурданд,
Чаро шуданд зи ман беқарортар сад бор?
Агар ба тир кунун қадди ӯ ҳамемонад,
Чаро шудаст қади ман дунима чун сӯфор?
Қамон накард кас аз тиру кард дилбари ман
Ба тири қомат қадди маро камонкирдор.
Маро ба нола кушад хештанкашидани ӯ,
Бале, ба вақти кашидан камон нинолад зор.
Зи нури оразӣ ӯ гарчи нор дорам бахр,
Маро хуш аст, ки боре ба нур монад нор.
Ба нор агар ду рухи обдори ӯ монад,
Чаро сиришки ман омад ба ранги донаи нор?

Зи сим зар натавон карду ин бадеътар аст,
Ки кард сими узораш чу зар маро рухсор.
Ба назди халқ киромитар аст зар аз сим,
Чаро ки зарри маро рад кунад ба сими узор?..
Шаб аст зулфашу рӯзам ба зулфи ӯ монад,
Шабам зи ҳасрати он шаб шарики рӯзи шумор.
Агар надида касе офтобро дар шаб,
Шабаш чӣ гуна гирифт офтобро ба канор?
Чу шаб бувад сабаби хобу роҳати ҳама халқ,
Чароям аз шаби зулфайн-ш ранҷаву бедор?
В-агар ситораи гардун ба шаб намояд рух,
Шаб аст зулфашу бинмуда хур аз ӯ дидор.
Қарору сабри дилам зулфи ӯ шикор гирифт,
Кадом шаб кунад аз дил қарору сабр шикор?
Кӣ дид шаб, ки бад-ӯ паст гашт қимати атр?
Кӣ дид шаб, ки аз ӯ ранҷа шуд дили аттор?
Ба шаб кунанд ҳама ҷодуиву турфатар он, к
Шаб аст зулфашу худ ҷодуӣ кунад ҳамвор.
Гаҳе зи ғолия бар арғувон ниҳад нуқта,
Гаҳе зи анбар бар ёсумин кашад паргор...
Чу нест баҳра маро аз баҳори чеҳраи ӯ,
Ба чеҳра барги хазонам, ба дида абри баҳор.
Агар низориву зардӣ маро зи ишқ расид,
На ошиқ аст дарахт, аз чи гашт зарду низор?

Замона гӯй меҳмони меҳргон омад,
Ки шохҳо ҳама зарраш ҳамекунанд нисор.
Магар расид арӯсони боғро мотам,
Ки зоғ ҷомасиёҳ асту зардрӯ ашҷор?
Агар чинор набудаст боғро душман,
Чаро ба мотами ӯ дасти хеш кард нигор?..
Миёни боғу хазон гар шудаст пайкоре,
Чаро ки нор чунон хаста гашт бе пайкор?
Чу қатра-қатраи хун фасурда донаи ӯ
Ҳамедурахшаду барҷаста чун бувад ночор.
Агар дарахти биҳӣ ҷуз беҳӣ надид аз боғ,
Чаро шудаст чунин зардрӯ чун бемор?
Зи рӯи об ҳазорон зireҳ падид ояд,
Халандабод чу бар вай гузашта пайконвор.
Зиреҳ ба пайкон даранду боди чун пайкон
Ҳаме зи об сипар созад, ин-т нодиракор.
Кунун, ки об зиреҳ гашту бод пайкон шуд,
Сазад, к-аз оташи бода ҳамекунем ҳисор.
Биёр он, ки хабар гӯяд аз дили ошиқ,
Зи ранги орази маъшуқ андар ӯ осор...
Чу оразу рухи маъшуқ аз ҳиҷоби тунук
Зи обгина ба бинандагон диҳад дидор.
Яке ҳарифи навоини хушнаво дорад,
Нишотпарвару андӯҳзудову маънидор.

Зи ишқ бехабару кӯжпушт чун ошиқ,
Зи ҳоли ишқ ривоят ҳамекунад ахбор.
Фузун зи бист забон пеши ту сухан гӯяд,
Чунон ки ишқи куҳан бар ту нав кунад бозор.
Ба як забон зи ту маъшуқ дил ҳаме бубарад,
Гар ӯ ба бист забон дил барад, аҷаб машмор.

* * *

Эй руху зулфайни ту дар фитна доми рӯзгор,
Қардаам дар ишқи ту дилро ба коми рӯзгор,
Рӯзгор аз рӯзу шаб бошад, руху зулфайни ту
Рӯзгори дигаранд, эй ман ғуломи рӯзгор.
Лоҷарам чун рӯзгор аз ҷавр н-осоӣ ҳаме,
Оре, андар ҷавр маъруф аст номи рӯзгор.
Қардаам чашм аз сиришки лолагун чун ҷоми май,
То маи ҳиҷрон чашонидӣ ба ҷоми рӯзгор.
Нест мумкин ҷастан аз доми ту дилро, з-он ки ту
Рӯзгорӣ, кай тавон ҷастан зи доми рӯзгор?..
Рӯзгор омад қивоми умру қонуни ҳисоб,
Боз умри ӯст қонуну қивоми рӯзгор.
Фикраташ гоҳи фиросат, фазлаташ ҳангоми фазл
Бӯфироси аҳд гашту Бӯтамоми рӯзгор[22]...

Эй худованд, аз ҷамоли хизмати маймуни ту
Бенасибам дошт рои тирафоми рӯзгор.
Дӣ ҷамолу мартабат бар рӯзгорам вом буд,
Ёфтам охир ба иқболи ту воми рӯзгор.

* * *

Эй, лабат тӯтии шакарпардоз,
Зулфи ту ҳиндуи камандандоз.
Ҳин, ки мурғони андалибнаво
Баркашиданд безабон овоз.
Булбулон аз нишот чун анқо,
Боз гаштанд аз ғунун парвоз.
Аз навои чаковак андар кӯҳ
Кабк дар рақс кардан омад боз.
Раъд бартофт гӯшҳои рубоб,
Пардаҳо кард дар «Раҳовӣ»[23] соз.
Боз гашт аз садои заҳмаи ӯ
Чашми наргис, ки монда буд фароз.
Пойкӯбон ба ҷилвагоҳ омад
Гули сурӣ, ки хуфта буд ба ноз.
Акси меҳр аз хаёли қавси қузаҳ
Кард бар домани баҳор тироз.

Ҳамчу рӯи сипеҳр шуд з-анҷум
Боғро сад ҳазор дидаи боз.
Ранги сабза чу рӯи оина аст,
Нақши дебочаи мисоли Тироз.
Хезу чу сарв дар ҳавои субӯҳ
Ба вафои ҷаҳон саре бифароз.
Тоза кун базму пардае пардоз,
Ҷоми май хоҳу чангро бинвоз.
Санг бар шишаи ҳаводис зан
Хоса дар мавсими кулӯхандоз.[24]
Рӯзи бозор саъду наҳси фалак
Чу шаби интизор гӯй боз...
Сарфарозо, дар ин замона, ки ҳаст
Роҳи инсоф бе нишебу фароз,
Адл кун, з-он ки сарв бӯстонро
Дасти кӯтоҳ доду умри дароз.

* * *

Рӯза рафту расид ид фароз,
Уд пеш ору кори ид бисоз.
Рамазон нопадид гашт анҷом,
Хез, то хуррамӣ кунем оғоз.

Рӯза аз тохтан фурӯ осуд,
Соқиё,
бо шаробу ҷом бисоз.
Оташи муҳтасиб фурӯ мурдаст,
Эй муғаннӣ,
баланд кун овоз!
Аз ҷаҳон ҷанги рӯза кӯтаҳ шуд,
Чанг баргиру удро бинвоз.
Алами ид барфароштаанд,
Алами шодиву тараб бинавоз.
Бозгашт аз намозгаҳ мардум,
Хез, то пеши май барем намоз.
Навбати рӯзаи дароз гузашт,
Пас аз ин мову зулфакони дароз.
Бар либоси тараб тироз кунем,
Аз сари зулфи некӯвони Тироз.
Гар маҳи рӯза боздошт зи май,
Маҳи шавволамон надорад боз.
Ҷабри як моҳ то ба ёздаҳ моҳ
Бо дуруду маи нишоту гуроз.
Гар зи мо ин гунаҳ бувад, чӣ кунем?
Дари тавба накардаанд фароз?!
Одамизода бе гунаҳ набувад,
Эминӣ нест кабкро аз боз.

* * *

Туро хиромиши кабк асту ҷилваи товус,
Масал зананд зи ҳуснат ҳаме ба Руму ба Рус[25]
Зи чеҳраи ту фузун гашт боғро дидор,
Зи ғамзаи ту фузун гашт фитнаро номус.
Сифоти ту зи бадеъӣ намешавад мумкин,
Ҷамоли ту зи латифӣ намешавад махсус.
Ҳумои, фохтамеҳре, тазарви тӯтилафз.
Гирифта даврии симурғу зинати товус.
Бикун ба меҳру вафо дарди ишқро дармон,
Макун зи ҷавру ҷафо аҳди васлро мадрус.
Маро зи оташи дил оби дида ҷосус аст,
Зи оби дида кӣ дидаст дар ҷаҳон ҷосус?
Ҳамон расид ба ҷони ман аз вилояти ишқ,
Ки аз вилояти Мозандарон ба Қайковус.[26]
Чӣ узр гӯй, агар ман гаҳи ривояти шеър
Шикояти ту расонам ба маҷлиси Ковус[27]...
Яке ба фарри ҳумоям расон аз он, ки манам
Дар ин диёр чу товус пой дар орус.
Гар аз замона битарсам, зи ман шигифт мадор,
Ки шери шарза битарсад бад-он дил аз ҷомус.
Аҷаб зи ман, ки дар ин ноҳият бимондастам
Ба айш ноҳӯшу даст тиҳиву рӯй абӯс.

Қадом рӯз бувад, к-аз фалак марост умед
Ба хизмати ту расам сар ниҳода бар қарпӯс?
Чаро мазаллати ғурбат ниҳодаам бар хеш,
Агар димоғи маро нест иллати кобус?
Дилам, ба ҳар чӣ муроди ман аст, маътол аст,
Аҷаб кунам, ки муаттал дил асту ман маҳбус.
Дар ин диёр, ки масҷид килисиё бошад,
Шигифт нест, ки бошад муаззинаш ноқус.[28]
Падид гашт зи ман зинати замонаи ман,
Чунон ки зинати Юнонзамин ба Батлимус.[29]

* * *

Бастаст ранги рӯи маро бар миёни хеш.
Карда сиришки чашми маро дар даҳони хеш.
Гар бар миён ситам кунад аз бастани камар,
Бо ман ҳамон кунад, ки кунад бо миёни хеш.
Азбаски ҳаст ёди лабаш бар забони ман,
Ёбам ҳаловати лаби ӯ аз забони хеш.
Дорад зи парниён тану карда тани маро
Чун тори парниён зи ғами парниёни хеш.
Тири мижа ниҳода бар абрӯи чун камон
Бар ман камин кушода зи тиру камони хеш.

Як зарра раҳм бар дили номеҳрубон-ш нест,
Шармаш наёяд аз дили номеҳрубони хеш.
Нодода дил ба ман, дили ман боядаш ҳаме,
Чун хоҳад они ман, ки ба ман надҳад они хеш?
Дидам зиёни хеш, чу додам диле бад-ӯ,
То мар-маро гуле диҳад аз гулситони хеш.
Асли зиёни ҳар касе аз душманон бувад,
Асли зиёни ман ҳама аз дӯстони хеш.
Як бӯса бояд аз ду лаби лаъли ӯ маро,
То сад ҳазор суд кунам бар зиёни хеш.
То даст ёфт бар дили ман дилситони ман,
Танҳо нишастаам зи дилу дилситони хеш.
Бар ман чаро ба бӯсае бахилӣ ҳамекунад,
Чун ман бар ӯ бахил набошам ба ҷони хеш?
Ҷодӯст, к-арғувони маро карда заъфарон
Дар орзуи чеҳраи чун арғувони хеш.
Ҷоду манам, ки гар ба ҷамолаш назар кунам,
Дар соат арғувон кунам аз заъфарони хеш.
Дурам зи рӯзи васлашу ҳаргиз надидаам
Дурӣ миёни рӯзи фироқу миёни хеш.
Дар орзуи сиву ду лӯълӯш ҳар шабе
Дарьё кунам ду дидаи лӯълӯъфишони хеш...
Он кас, ки дар ситоиши мамдӯҳи хеш гуфт:
«Эй, карда чарх теғи туро посбони хеш».[30]

З-осеби чарх гар бираҳидӣ равони ӯ,
Кардӣ ҳама ба номи ту шеъри равони хеш.
В-ар Фаррухӣ ба аҳди ту будӣ, зи лафзи азб
Бар назми мадҳати ту фишондӣ равони хеш.
Аз Систон ба Ғазна накардӣ басеҷ роҳ,
Сӯи ту омадӣ ҳама аз Систони хеш.[31]
Гар нестам ба табъ Дақиқиву Фаррухӣ,
Ҳастам кунун муқаддимаи корвони хеш.
Бар садри ту ба лафзи Дақиқӣ кунам нисор
Аз қадри ту фузунтару беш аз тавони хеш.

* * *

Дилам ошиқ шудан фармуду ман бар ҳасби фармонаш,
Дарафтодам бад-он дарде, ки пайдо нест дармонаш.
Парешонзулф дилбанде дилам бирбуд ҳар соат,
Парешон кард ҷонамро сари зулфи парешонаш.
Карору хобу ширинӣ зи ҷону чашму айши ман
Бибурда аз буни дандон лаби ширину дандонаш.
Лабаш ёқути хандон асту гирьёнам, набинад кас,
Агар вақте зафар ёбам, бар-он ёқути хандонаш.
Ҷамоли ҳури ин дорад, магар к-аз равзаи ҷаннат
Ба дуньё аз паи фитна фиристодаст ризвонаш?

Гар аз машриқ бароянд чашмаи хуршед ҳар рӯзе,
Рухаш хуршеди рахшон гашту машриқ шуд гиребонаш.
Ҳамеҷустам ба умр андар дарозӣ дар шаби васлаш,
Набуд онро, ки меҷустам, магар дар рӯзи ҳиҷронаш.
Шикасти зулфи он дилбар дилам бирбуд ҳар лаҳза,
Ки дар зулфаш ҳамедидам нишони аҳду паймонаш.
Ба пироиш агар дар зулфи ӯ раҳ ёфт нуқсоне,
Ҷамоли ӯву ишқи ман зиёдат шуд зи нуқсонаш.
Ба қасди гӯй бо чавгон ба майдон дидамаш рӯзе,
Зи зулфи ӯву пушти ман ҳасад мебурд чавгонаш.
Хами чавгони ӯ бо гӯй ҳар соат ба майдон-дар
Ҳамон кардӣ, ки рӯзи бод зулфаш бо занахдонаш.
Зи рашки он, ки то бо зулфи мушкинаш наёмезад,
Ба оби дида биншондам саросар гарди майдонаш.

* * *

Чу дида дид бад-он рӯн обдор оташ,
Давид бар сарам аз ишқи он нигор оташ.
Гар иттифоқ набошад миёни оташу об,
Чигуна гашт бар он орази обдор оташ?
Зи ишқи орази ӯ ғамгусорам оташ шуд,
Кӣ дидааст ба ғамгашта ғамгусор оташ?

Агарчи мондаам аз ошиқӣ дар оташи дил,
Маро хуш аст, ки монад ба рӯи ёр оташ.
Чӣ хилъат аст, ки бар ман хаёли ӯ пӯшид,
Ки пуди он ҳама об омадасту тор оташ?
Зи ғарқу ҳарқ битарсам ҳаме зи дидаву дил,
Ки бар ямини ман об асту бар ясор оташ.
Бихӯрд сабри маро интизори ваъдаи васл,
Ки сабри дилшуда пунбасту интизор оташ.
Гудохт аз дами гармам дар ин билод оҳан,
Фасурд аз дами сардам дар ин диёр оташ.
Нагардад аз лаби хушкам ҷудо ҳаме дами сард,
Барорад аз дили тангам ҳаме димор оташ.
Маломаташ накунам, гар нагирадам ба канор,
Ки дорам аз дили сӯзанда дар канор оташ.
Зиҳӣ, ҷамолу ду рухсори ту ба як дидор
Маро фурӯхта дар ҷону дил ҳазор оташ.
Киро фироқи ту як бор сӯзад, эй дилбар,
Батар зи сӯхтан-ш сад ҳазор бор оташ.
Бисӯхт оташи ишқи ту тару хушки маро,
Чунин кунад чу дарафтад ба марғзор оташ.
Агар ба оташи ишқи ту мубтало гардад,
Чу боду хок шавад хору хоксор оташ.
Ба навбаҳор дамид аз баҳори чеҳраи ту
Бунафшазору ба зери бунафшазор оташ.

Дар он баҳор ҳама он чи чашми абр кунад,
Фузун кунад зи бадоеъ
дар ин баҳор оташ.
Нагирад оташи сӯзанда зери дуд қарор,
Ба зери зулфи ту омад ба зинҳор оташ.
Дили пуроташи ман ҳамчу шамъ сӯзон аст,
Магар ки ҳаст туро бар ман устувор оташ?
Зи ашки дидаи ман об ёдгори ту бод,
Ки мар-маро зи рухи туст ёдгор оташ...
Чу шӯъла-шӯълаи оташ шудаст барги чанор,
Гумон барӣ,
ки задастанд бар чанор оташ.
Даҳони нори кафида зи рӯи наъту сифат
Чу кӯза гашту дар ӯ донаҳои нор оташ.
Агар ғубори ғарибӣ ба рӯи ӯ нарасид,
Чарост чеҳраи обӣ чу дар ғубор оташ?
Бирафт заҳмати гармо,
буто, ба хона хиром,
Расид лашкари сармо,
бар ӯ гумор оташ.
Маро зи оташи хотир чу дур шудаст сухан,
Аҷаб бувад садафи дурри шоҳвор оташ.
Ба шеъри оташи ман фахр бошад оташро,
Агарчи роҳ надорад ба фахру ор оташ.

* * *

Рӯят аз Рум нишон дораду мӯят зи Ҳабаш,
Накунад айши маро ҷуз ҳабашу руми ту х(в)аш.
Хонаи ман зи ҷамоли ту чу фирдавс шудаст,
Хона фирдавс шавад бо санами ҳуроваш.
Оташи ишқи туам кард парастандаи хеш,
Эй, ҳама оби ҷаҳон бандаи он як оташ.
Чанд гӯӣ, ки парастидани оташ на равост,
Оташи ишқ бияфрӯзу ман ишқ бичаш!
Бибарӣ ҳурмати хуршед, чу бинмоӣ рух,
Гум кунӣ қоидаи сарв, чу бихромӣ каш.
Пеши рухсори ту ҳастанд ба ҳурмат ҳама халқ,
Ҳамчу дар боргаҳи садри аҷал[32] даст ба каш...
Эй, инон боз кашида зи ту мардони ҷаҳон,
Ту зи Миррих гаҳи разм инон боз макаш.
Чу бихезад фазаи кӯси ту дар Тирмизу Балх,
Бонг зинҳор бихезад зи ҳама Нахшабу Қаш.
Бо дилу дасти ту касро набувад бими димор,
Қай бувад бар лаби дарьёи дамон бими аташ?
Дар амонат бибарад ҳурмати зайғам рӯбоҳ,
Дар паноҳат биканад дидаи шоҳин маръаш...
Паҳлавои бошу сару паҳлуи бадхоҳи туро
Шуда аз оби мижа болишу з-оташ мафраш.

* * *

Ситам кардаст бар ҷонам сари зулфи ситамгораш,
Набинам ҷуз ҷафо шуғлаш, надонам ҷуз ситам кораш.
Агарчи бо ситамгорон наёмезанд ҷону дил,
Маро ороми ҷон омад сари зулфи ситамгораш.
Нахаррад кас балои ҷон зи зулфайни балоҷӯяш,
Балои ҷони ман гаштасту ман аз ҷон харидораш.
Агар рухсори ӯ бошад шифои дарди беморон,
Чаро бар рӯи ӯ беҳтар нагардад чашми бемораш.
Дилам темори савдо гашту тан бемори ишқ омад,
Табиби ин ду бемори надонам ҷуз ду рухсораш.
Рухи рангин-ш баззоз асту аттораш хати мушкин,
Анои ман зи баззозаш, балои ман зи аттораш.
Ҷамоли моҳу нури меҳру фарри боғу ранги гул
Ҳама дар чашми ман бошанд, лекин гоҳи дидораш.
Ба вақти ошиқӣ бар тан либоси хештандорӣ
Ба айёрӣ ҳамедорам зи чашми шӯхи айёраш.
Қиро дил бурдан оин аст, темори дилаш бояд,
Зи беморӣ дили ошиқ набинад ҳеҷ темораш.
Зи дилтангӣ бурун оям, гарам тунги шакар бахшад
Ба як бӯса лаби ширини дилбанди шакарбораш.
Баромад бад зи сарву маҳ зи қадду хадди он дилбар,
Гар ӯ бозорашон бишкаст, бишкастаст бозораш.

Зи рафтораш ба боз андар нишоти
кабк боз ояд,
Ки кабк аз боз нашносад,
чу бинад гоҳи рафтораш.

* * *

Дидам канори хеш тиҳӣ аз нигори хеш,
Ман бе нигори хеш нахоҳам канори хеш.
Чашмам нигор кард канори маро ба хун,
Чун дар канори хеш надидам нигори хеш.
То ғамгусори хеш лақаб кардамаш зи ишқ,
Ҷуз ғам надид ҷони ман аз ғамгусори хеш.
Гар чашми шӯхи ӯ нафиканди маро зи роҳ,
Бифкандаме ба боргаҳи ишқ бори хеш.
Дил хост ишқаш аз ману додам ба изтирор,
Дармонда корҳо кунад аз изтирори хеш.
Эй, ман зи боғи васли ту ноёфта гуле,
Чандин мадор хаста диламро ба хори хеш.
Ту навбаҳорчеҳраву ман меҳргонрухам,
Ҷамъ ор меҳргони маро бо навбаҳори хеш.
Бе ёр мондаам, ки туро ёр хондаам,
Бе ёр монд, ҳар кӣ туро хонд ёри хеш.
Ман дар хумори ишқаму ту дар хумори ҳусн,
Як сон манеҳ хумори маро бо хумори хеш.

Гар нест мар туро зи дилу сабри ман хабар,
Бар рас зи чашми тангу миёни низори хеш.
Қардӣ бинои айшу ғамам сусту устувор
Аз аҳди сусту байъати ноустувори хеш.
Бар ишқу ҳасрати лаби ёқутранги ту
Дорам гуво ду дидаи ёқутбори хеш.

* * *

Шакар борад ҳаме аз нордонаш,
Қамар тобад ҳаме аз гулситонаш.
Шакартаъму қамарнур аст табъам
Ҳама сола зи васфи ину онаш.
Қамар бар хайзурон баста надидӣ,
Яке бархезу бингар дар миёнаш.
Замона растухез овард бар ман
Зи ишқи он камар в-он хайзуронаш.
Ба сурат моҳи тобон аст, лекин
Ба чашми ман беҳ ояд осмонаш.
Ба қомат сарви симин асту он беҳ,
Ки бошад хонаи ман бӯстонаш.
Бад-он монад, ки бихриданду бурданд
Ба Миср аз чоҳи Қанъон корвонаш.[33]

Бад-он монам, ки бӯи пираҳан кард
Ду чашми тира равшан дар замонаш.
Биёмад дӯш в-аз мастӣ, ки ӯ дошт,
Ҳамепечид чун зулф он забонаш.
Рухаш хуршеду май бар каф чу хуршед,
Ситора дар лаби чун нордонаш.
Чӣ мушк омад сари зулфаш, ки ҳаргиз
Надорад з-оташи ораз зиёнаш.
Ба ҷуз рухсори ӯ боғе надидам,
Ки бошад мушку анбар боғбонаш...
Зи Тирмиз сӯи Балх афтод азмам,
Бад-он то шод монам дар амонаш.

• • •

Дар шуд чаману боғ ба дебои муламмаъ,
Пирӯзаи гул гашт ба ёқут мурассаъ.
Гар боғ на Рум асту на Бағдод, чаро шуд
Пуратласу иксуну дабиқиву муламмаъ?
Дар ҷилва нигаҳ кун ба арӯсони баҳорӣ,
Бар пушту сар аз сабзаву гул чодару муқнаъ.
Ин боди саҳаргоҳ бад-ин қатраи борон
Аз чоҳ ҳаме моҳ барорад чу Муқаннаъ,[34]

Дар шавқ шуд ин булбули хушлаҳн чу сӯфӣ,
То дид, ки дорад гули ӯ ранги мураққаъ.
Дар вақти баҳорон чӣ беҳ аз бодаву борон,
Май дар кафу дар зери гуле дошта мачмаъ.
Гул чун рухи маъшуқаву май бар сафи ёрон,
Дил бар гулу маъшуқаву май фитнаву мавлаъ.
Дар бурдани дил боғ рафиқест мувофиқ,
Бар хӯрдани май лола шафиқест мушаффаъ.
Мову чаману боғу май лаъли мусаффо,
Мову рухи маъшуқу сари зулфи муқаттаъ.

• • •

Диламро дида ошиқ кард, ошиқ,
Ки дилро ишқ лоиқ буд, лоиқ.
Маро доранда маъшуқ аст, маъшуқ,
Дилам пайваста ошиқ бод, ошиқ.
Бад-он дилбар супурдам дил, ки дорад
Ҷамолаш чумлаи ҳусни халоиқ.
Ту гӯй: дидаро дидори ҳубӣ
Ба рӯи ӯ ҳаволат кард ҳолиқ,
Бад-ӯ доданд гӯй ҳусни Узро,
Ба ман доданд гӯй ишқи Вомиқ,

Диламро чашми махмураш бидуздид,
Шунидй наргиси махмури сориқ?
Надидам, то надидам чеҳраи ӯ,
Гулу насрин шукуфта бар шақоиқ.
Бубин рухсору зулфаш, то бубинӣ
Мувофиқгашта мӯъмин бо мунофиқ.
Зи бас хун рехтан фосид шуд он чашм,
Ба ҷон бар вай нашояд буд восиқ.

* * *

Дӣ хиромон шудам ба сӯи висоқ,
Бар висол ихтиёр карда фироқ.
Дилам андар ҳазоҳизи ҳиҷрон,
Рӯҳам андар кашокаши аҳроқ.
Тараб аз табъи ман гусиста ватан,
Ранҷ дар рӯҳи ман гирифта висоқ.
Рӯз дидам ҳаме гурехт зи шаб,
Ҳам бар он гуна, к-аз нифоқ вифоқ.
Чун фурӯ шуд ба ғарб чашмаи рӯз,
Гуфтӣ ихлосро бихӯрд нифоқ.
Ахтарон чун чароғҳои мунир
Сарнагун дар яке кабудравоқ.

Қавкаби равшану шаби торӣ
Дар ҳам афтода чун никоҳу талоқ.
Омад он дилрабои зеборӯй,
Омад он сарвқадди симинсоқ.
Чашмаш аз нам чу абри фасли баҳор,
Танаш аз ғам чу моҳи вақти муҳоқ.
Пуршикан карда гесӯвон ба ҳам,
Пургиреҳ карда абрувон ба тоқ.
Гуфт, к-«эй ҳасрати ҳама дилҳо»,
Гуфт, к-«эй ғайрати ҳама ушшоқ!
Бе ту бар ман ҳамим гашта шароб,
Бе ту бар ман ҷаҳим гашта висоқ.
Ошиқонро чунин бувад байъат?
Дӯстонро чунин бувад мисоқ?
Чанд аз ин дардҳои бедармон?
Чанд аз ин заҳрҳои бетарьёқ?»
Гуфтам: «Эй, ҷон ба васли ту мӯҳтоҷ»,
Гуфтам: «Эй дил ба рӯи ту муштоқ!
То бувад ҷонам аз висоли ту фард,
То бувад чашмам аз ҷамоли ту тоқ,
Хира бошад бар он ҳама офот
Тира бошад бар ин ҳама офоқ.
Рӯи туст аз аҷоиби қудрат,
Васли туст аз нафоиси аълоқ».

* * *

Гаҳе ҳарифи хилофӣ, гаҳе рафиқи вифоқ,
На бар тариқи висолӣ, на бар тариқи фироқ.
На бар фироқ сабуру на дар висол субот,
На бо ҷафо карору на бо вафо мисоқ.
Гаҳе ба хашм ба тарьёқ барфишонӣ заҳр,
Гаҳе ба сулҳ ба заҳр афканӣ ҳаме тарьёқ.
Шаби итоби туро кай бувад умеди саҳар?
Маҳи висоли туро кай расад замони муҳоқ?
Қарор гир яке бар тариқи маъшуқон,
Чу ман ҳаме супарам бар ту сирати ушшоқ.
Танам, ки аз дили сахти ту хостаст амон,
Дилам, ки дар сари зулфи ту сохтаст висоқ,
Ба дасти фитна бад-он чун ҳамекашӣ шамшер,
Ба нӯги ғамза дар ин чун ҳамезанӣ мизроқ.
Чу ман ба аҳду вафо ошиқе надид Аҷам,
Агар ба ҳусни ту турке наёмад аз Қипчоқ.
Маро ба шаккару буссад расон зи бӯсаву лаб,
Маро ба симу суман роҳ деҳ зи соиду соқ.
Ба дил чу чашмиву чашмам ба рӯи ту муҳтоҷ,
Ба тан чу ҷониву ҷонам ба васли ту муштоқ.
Маро зи рӯи ту то кай кашид бояд ранҷ?
Маро зи васли ту то чанд буд бояд тоқ?

* * *

Дар ин барфу сармо ду чиз аст лоиқ:
Шароби мураввақ, рафиқи мувофиқ.
Рафиқи мувофиқ, шароби мураввақ
Азизанд ҳар рӯзу ҳар вақти лоиқ.
Яке бодае хоҳ чун рӯи Узро.
Дар ин абри боранда чун чашми Вомиқ.
Гар аз барф чун рӯз шуд чеҳраи шаб.
Яке оташ афрӯз чун субҳи содиқ.
Дар ин фаслу ин вақт бода бинӯшӣ,
Нагӯй: чӣ монеъ, нагӯй: чӣ оиқ.
Чу кас мутталеъ нест бар рози гардун:
Чӣ муслеҳ, чӣ муфсид, чӣ зоҳид, чӣ фосиқ.
Биёр он шаробе, ба софию поки
Чу рухсори маъшуқу чун чашми ошиқ.
Агар гул бирафту шақоиқ намонда,
Ман лаълу оташ гул асту шақоиқ...
Ба мадҳи ту дорам ҳамеша таъаллуқ,
Зи ғайри ту дорам гусиста алоиқ.
Валекин ту дар ҳаққи ман банда акнун
Чунон нестӣ чун ба айёми собиқ.
Бидуздӣ зи неъмат, бидуздам зи хизмат,
Чӣ баркат бувад дар миёни ду сориқ?

Набиний, ки то абри найсон наборад,
Муаттар нагардад насими ҳадоиқ.
Сухан бе навозиш баландӣ нагирад,
Чунин дон ҳақиқат, бар ин бош восиқ!

* * *

Гар набудӣ моҳро бар осмон ҳар маҳ муҳок,
Моҳ хондандӣ туро аҳли замин бар иттифоқ.
Осмон аз дидан ман дар ҳасад бошад,
ки ҳаст
Аз ҷамоли ту маро дар дида моҳи бемуҳоқ.
Моҳ агар бар осмон бошад,
ман инак бар замин
Аз маҳи рахшони ту чун осмон гардам висоқ.
З-ин сабаб чун осмон бе маҳ набошам,
то маро
Ҳаст бо васли ту васлу аз фироқи ту фироқ.
Вақти дидори ту ҷоно гар маро чун осмон
Тан саросар дида гардад, кам нагардад иштиёқ.
Дар ҷафо чун осмонӣ,
гарчи дорӣ ҳусни моҳ,
Нангарӣ сӯи вафову наспарӣ роҳи вифоқ,

* * *

Эй, дар ҳасади чашми ту Ҳорут ба Бобил,
Ман дар ҳаваси Зӯҳраву Ҳорути ту бедил.
Бо чеҳраи ту соя бувад тобиши Зӯҳра,
В-аз ғамзаи ту моя барад ҷодуи Бобил.
Моҳню манат сохта манзил зи дилу ҷон,
Маҳро, санамо, чора набошад зи манозил.
Пайваста дилу ҷони маро сӯхта дорӣ,
Қам сӯз, ки некӯ набувад сӯхта манзил.
Ҳам айши ман аз баҳри ту чун фурқати ту талх,
Ҳам ҳуши ман аз ҳаҷри ту чун васли ту зоил.
Бе силсилаи зулфи ту акнун дилу дониш
Бар ман натавон баст ба занҷиру салосил.
Фарьёд аз он рӯз, ки дар ҷону тани ман
Афтод зи овози раҳили ту залозил.
Ту рафтаву аз рафтани ту монда нишоне,
Ман мондаву аз мондани ман монда далоил.
Хуни дилам омехта бо реги биёбон,
Ранги рухат овехта аз хок мароҳил.
Ин ҷо шуда аз ранги рухат хок пур аз гул,
В-он ҷо шуда аз хуни дилам рег пур аз гил.
Ақлам шуда бе ид зи темори ту қурбон,
Сабрам шуда бе теғ зи хиҷрони ту бисмил,

Ҳозир нашавад дил, чу ҷамоли ту на ҳозир,
Ҳосил нашавад ҷон, чу висоли ту на ҳосил.
Дорам дилу ҷон моили дидори ту, лекин
Ҳаргиз набувад рои туро майл ба моил.
Аз ҷон гусилам, гар дили ту бигсалад аз ман,
Ҷоно, назари дил зи мани дилшуда магсил...
Ҳарчанд ки ҳастам ба сухан тӯтиву булбул,
Санҷоби ҷавонем бадал шуд ба ҳавосил.
Бо ин ҳама он соҳиби назмам, ки наёбанд
Дарьёи маро аҳли сухан маъбару соҳил.

• • •

Ҷуз бо лаби нӯшини ту нӯшам нашавад мул,
Ҷуз бо рухи ранги ту рангам надиҳад гул.
Ҳаргаҳ,
ки тааммул кунам аз рӯю лаби ту,
Дар чашми ману ҷони ман оянд гулу мул.
Гар чашму лабам бе лабу рӯи ту бимонанд,
Ҳаргиз ба гулу мул накунам низ тааммул.
Ҷоно, чу лабат лола наёранд ба Гургон,
Моҳо,
чу рухат себ надоранд ба Омул.

Аз себ маро бе рухи хуби ту табарро,
Бо лола маро бе лаби лаъли ту тааллул.
Вемораму чӯям зи рухат роҳи ташаффӣ,
Ноҳораму хоҳам зи лабат ваҷҳи тановул.
Ҷуз бар дари ту нангарам аз фарти ташаввуқ,
Ҷуз дар рухи ту нангарам аз баҳри тафоъул.
То орази ту тавқ баровард чу қумрӣ,
Ишқи ту ба ман шавқ даровард чу булбул.
Булбул накунад бар рухи гул навҳаву зорӣ,
Ин туна ки ман бе рухи ту нолаву ғулғул.
Гар сулсулу товус ниҳам номи ту,
зебад,
Бо зеб чу товусиву бемеҳр чу сулсул.
Дар кӯи вафо гар накунӣ азми таваққуф,
Сабр аз дили ман дур кунад азми тараҳҳул.
Дар дида маро ҳаст
ба рӯи ту таназзӯҳ,
Дар бода маро бод зи бӯси ту танаққул.
Бар мушк расад зулфи туро нозу такаббур,
Бар моҳ равад рӯи туро кибру татовул.
З-он зулф барангехта аз силсила анбар,
З-он рӯй даровехта аз сунбула сунбул.
Табъам ҳама пурмушк шавад гоҳи тафаккур,
Мағзам ҳама пурмоҳ шавад вақти тахайюл.

* * *

Омад зи ҳут чашмаи хуршед дар ҳамал,
Бингар, ки дар ҳамал чӣ аҷоиб кунад амал:
Аз барфи сард сабзаи хуррам дамад иваз,
В-аз бонги зоғ нағмаи булбул кунад бадал.
Гӯянд булбулон бадали мутрибон суруд,
Хонанд қумриён ивази шоирон ғазал.
Боди сабо бадоеи санъат кунад нисор,
Хоки замин ҷавоҳири фохир диҳад назал.
Як боғ дилбарон ҳама зирриншон камар,
Як равза некӯвон ҳама симиншон кафал.
Чун тоҷи Урдувон[35] шуда пиромани чаман,
Чун тахти Ардашер[36] шуда домани ҷабал.
Ҳастанд наргисон ҳама зарриншон қадаҳ,
Ҳуранд гулбунон, ҳама рангиншон ҳулал.
Бар ҳар тараф зи абр гуҳар рехта ба танг,
Дар ҳар чаман зи шох дурар рехта ба нал.
Роғ аст чун саҳифаи гардун аз ин сабаб,
Боғ аст чун хазонаи Қорун[37] аз ин қибал.
Бар сабза аз ҳавои муаттар дамида мушк,
Бар лола чун гулоби мусаъад чакида тал.
Зулфи бунафшаҳо зи ҳаво монда мушкбӯй,
Чашми шукуфаҳо зи сабо гашта муктаҳал.

Даҳон хазонаи гавҳар шудасту гӯш садаф
Зи назму насри ту,
эй хоҷаи имоми аҷал.[38]
Гаҳи ривояти шеъри ту ровиёни туро
Ҳама даҳон зи гуҳар бошаду забон зи асал.
Гар осмони барин хонамат,
раво бошад,
Ки ҳаст лафзи туро рутбати улувви Зуҳал.
Ҷабал макони ҷавоҳир шудасту маъдани лаъл
Бад-он сабаб, ки ту нисбат кунӣ ҳаме ба ҷабал.
Дарахти илми туро аз бадоеъ аст самар,
Замини фазли туро аз навозил аст назал.
Таровати ғазалу тарии таронаи ту
Диҳад зи хок наботу кунад зи санг раҷал.
Чу хок хорам аз ин рӯзгори сангиндил,
Ки хоквор надорам
ба назди халқ маҳал.
Агарчи лафзи ман омад иёри зарри сухан,
Аз ин ҷаҳон бадали зар шудам чу сими бадал.
Аз он қибал, ки масал гашта ба назми бадеъ,
Ҳаме зананд маро ҳар касе ба ҷои масал.
Ҳамеша чашми халал сӯи ҳоли ман нигарад,
Гумон барам,
ки бад-ӯ ошиқ омадаст халал...

* * *

Гоҳ дар бими фироқам, гоҳ дар аҳди висол,
Ҳамчунин бошад; киро бо ишқ бошад иттисол.
Мардум андар ошиқӣ гаҳ васл бинанд, гаҳ фироқ,
Моҳ гоҳе бадр бошад бар фалак, гоҳе ҳилол.
Ҳар касеро дар ҷаҳон кореву савдое дигар,
Кори ман бо он руху савдои ман бо хаттухол.
Мардумон бинам,
ки доим фол гиранд аз китоб,
Ман зи рӯи дӯст гирам, ин муборактар зи фол.
Ҳар касе пандам диҳад, к-аз рӯи некӯ сабр кун,
Ман тавонам бар ҳадисе гӯш кардан ҷуз муҳол.
Бад набошад сабр, лекин ҳоли ман дар ошиқӣ
Рӯи некӯ кард некӯ, ман чӣ донам қилу қол?
Ҳар кӣ нек аз бад бидонад, нек хоҳад ҳоли хеш,
Рӯи некӯ хостам,
аз ин маро некӯст ҳол.
Ишқи дилсӯзе маро худ кард дил дар сӯхтан,
Ман нанолам, гар бисӯзам, ҳар кӣ нолад, гӯ бинол.
Сӯхтан дар дил ниҳодам, чун супурдам дил ба ишқ,
Сӯхтан дар дил бинеҳ чун рӯи оташро тибол.
Бо ҳадиси он лаби дилбар маро айшест хуш,
Чист андар ҳалқи ташна хуштар аз оби зулол?

Ҳам зи ишқи зулфи ӯ бошад, ки ишқ орад дилам
Гоҳ бар боди сабову гоҳ бар боди шамол.
Он манам аз ошиқон, к-аз дидани маъшуқи хеш
Мадҳ гӯям дар фироқу дур чаконам дар висол.

* * *

Ҳам ба ораз чун биҳиштӣ, ҳам ба лаб чун салсабил,
Кардаам ман ҷону дил бар салсабили ту сабил.
Ту азизи ҳусни хешӣ, ман залили ишқи ту,
Подшоҳи ишқ гардонад азизонро залил.
Кӯи ту дар хурремиву рӯи ту дар некӯӣ
Гашт оламро чу Мисру Юсуфи Мисри адил.
Ноиби кӯи ту омад дидаи гирьёни ман,
Миср бо ҷомеъ намонад, гар набошад руди Нил.
То ту рӯзе аз мани мискин ниҳон гаштӣ чу шаб,
Дар ғамат ҷомафурӯшам ҳамчу гардун ман ба нил.
Оташу об аз дилу чашмам далели ишқи туст,
Бар яке даъво аз ин маънӣ ду бас бошад далил.
Чун камон дар фурқати ту меҳурӯшам зор-зор,
То чу тир аз суҳбати ман мегурезӣ мил-мил.
Бе туам хуш нест ишрат, хуш набошад ҳеҷ ҳол
Чашмро рӯи рақибу гӯшро бонги ҷаҳил.

* * *

Рухат ба боғи Ирам[39] монад, эй бадеъсанам,
Зи хат бунафша дамида ба гирди боғи Ирам.
Рухе, ки ҳаст ба гирдаш каманди лолаву гул,
Ба ҳеҷ ҳол зи боғи Ирам набошад кам.
Ба боғ агар сумани наргису бунафша бувад,
Зи рӯю чашму хатат ҳамдаманд ҳар се ба ҳам.
Рухат зи дидан ман, эй нигор дур мадор,
Ки боғ тоза намонад, чу дер ёбад нам.
Дилам, ки хастаи ишқ аст, марҳамаш рухи туст,
Кӣ дид хаста, ки ӯро зи маҳ бувад марҳам?
Зи зулф дебаи рухсорро рақам задаӣ,
Кӣ зад зи ғолия бар тарфи офтоб рақам?
Дилам шикори ту гашт, эй нигори оҳучашм,
Ту аз шикори ман эмин чу оҳувони ҳарам.
Ба зулф рӯй бипӯшӣ, чу аз барам гузарӣ,
Магар ҷамоли туро нест чашми ман маҳрам?
Зи тоби оташ агар нарм гардад оҳани сахт,
Дили ту з-ин нафаси гарм нарм гардад ҳам.
Зи баски зулфи ту бар ҳам занад гиреҳ ба гиреҳ,
Чу зулфи туст ҳама кори ман хам андар хам.
Агарчи зодаи ҳурӣ, на зодаи Ҳавво,
Висоли туст чу афсуни зодаи Марьям.[40]

Маро ба ишқ алам карданю ман монда
Зи бими ҳаҷри ту ларзон чу рӯзи бод алам.
Ба чеҳра боғи Халилӣ[41], ба ғамза чӯби Калим,[42]
Ба лаб дуои Масеҳӣ, ба зулф хотами Ҷам.
Аз он чаҳор ҷафову ситам надид касе,
Аз ин чаҳори ту то кай маро ҷафову ситам?
Агарчи ранҷаам аз ишқи ту ба тангии дил,
Зи тангии даҳанат ҳам ба ранҷа бошад дам.
Фарохӣ аз паси тангӣ бувад, аз ин маънист,
Ки чашми танги ту бар ман фарох дорад ғам.

• • •

Қади ман шуд чу ду зулфи ба хами дӯст ба ҳам,
Дили ман шуд чу ду чашми дижами ёр дижам.
Дил дижам гашт, қадам хам шуду з-ин гуна бувад
Дида чун чашми дижам бинаду зулфайни ба хам.
Ишқи зулфу лаби маъшуқ шикебам бисутуд,
Пешаи ишқ ҳама вақт чунин буд, наам.
Дили ман вақфи лабу чашми санам гашту хуш аст,
Кист, к-ӯ дил накунад вақфи лабу чашми санам?
Ба ҳама вақт зи ишқаш ситаму ҷавр кашам,
Ишқ гӯй ҳама худ маъдани ҷавр асту ситам.

Чашми ман чун хату зулфайн-ш бубинад, бинад
Иззу зуллу баду неку амалу узл ба ҳам.
Зи лабу ғамза ба ман нӯш ҳамебахшаду неш,
Ман бад-ин айшу тааб беш ҳамебинаму кам.
Сабаби дарду ғамам зулфу лабаш гашту кӣ дид
Мушку май, к-ӯ сабаби дард шуду мӯҷиби ғам?
Суханаш ҳаст ба талхӣ сабаби ваҳшати дил,
Даҳанаш ҳаст ба тангӣ сабаби даҳшати дам.
Ба ду лаъл аст ҳама хубиву кашшиву хушӣ,
Ба нигин буд ҳама мамлакату давлати Ҷам.
Дили ман гашта чунин хаста ба мушкинзулфаш,
Кас нагӯяд: зи чӣ шуд дидаи ман маъданӣ нам?

* * *

Бистуд зи ман он пистадаҳан дил ба ду бодом.
Аз пиставу бодом кӣ созад беҳ аз ин дом?
Чун писта кушодам даҳан андар сифати ӯ,
Бошад, ки ба ман бигзарад он чашми чу бодом.
То нангарад ин дида бар он рӯи чу хуршед,
Чун чарх набинанд маро соате ором.
Гар дарнигарам ҳеҷ бад-он орази чун моҳ,
Дида дамадам ҳамчу сипехр аз ҳама андом.

Гӯй зи нахуст он, ки ҳаме ҳарфи сухан сохт,
Аз қадди ваю пушти ман овард алиф лом.
Зинда нашавам, то зи лабаш нашнавам овоз,
Гӯй лаби ӯ Исои Марьям шуду ман Сом.[43]
Дар бодаи лаъл аз лаби нӯшин-ш нишонест,
З-он аст, ки пайваста бувад дар кафи ман ҷом.
Бар лафз наронам сифати оразаш, эрок
Ҷӯям зи ҷамоли рухи ӯ тозаву пидром.
Ҳамвора дилам хонаи ишқ асту раво бод,
Ҳарчанд к-аш аз оташу об аст дару бом.
Гӯянд, ки «ҳар чиз ба ҳангом бувад хуш»,
Эй ишқ, чӣ чизӣ, ки хушӣ дар ҳама ҳангом?

• • •

Маро бигӯ, ки бад-он нордонаи ба ду ним
Чӣ гуна таъбия кардӣ ду ришта дурри Ятим?
Ба теғи ишқ диламро ҳаме ду нима кунад
Ду ришта дурри ту з-он нордонаи ба ду ним.
Ба мулки Ҷам бирасам, к-аз кафи ту гирам ҷом,
Ки шакли зулфу даҳонат ба ҷим монаду мим.
Хушо шабо, ки расад дар висоли ту лаби ман
Ғаҳе ба хидмати миму гаҳе ба сӯҳбати ҷим.

Дилам гирифт ҳарорат зи оташи Намруд,[44]
Рухи ту бурд тароват зи боғи Иброҳим.[45]
Хаёли рӯи ту беҳтар зи сад ҳазор баҳор,
Бухури зулфи ту хуштар зи сад ҳазор насим.
Зи акси чеҳраи ман хира монд зардии зар,
Зи нури оразн ту тира шуд сапедии сим.
Ба ман паём фирист, эй паёми ту ба гизоф,
Маро саломи ту бас, эй, саломи ту ба салим.
Паёми ту ба рухам тозагӣ диҳад тӯҳфа,
Саломи ту ба дилам хуррамӣ кунад таслим.
Гаҳем сулҳи ту тоза кунад ба оби умед,
Гаҳем ҷанги ту бирьён кунад бар оташи бим.

* * *

Чӣ ҷавҳар аст, ки монад ба чархи оинафом?
Ба-дӯ диҳанд магар гуна чарху оина вом?
Ба рӯи оина монад зи рӯи гунаву ранг,
Чунон ки оина монад ба чархи оинафом.
Агар дар оина сурат ҳаме тавон дидан,
Зи рӯи чарх тавон дид сурати аҷром...
Расид лашкари наврӯзу боғ аз ин лашкар
Ба сурати думи товус гашту тавқи ҳумом.

Ба сурху зарду муқаққаш чарост ҳафт иқлим,
Гар абрҳои баҳорӣ надоштанд авҳом?
Бар абр гашт рухи гул чу орази Афро,
Дар абр буд магар чашми Урва Ибн Хиром?[46]
Кунун чу лола ба сурхӣ шудаст чун рухи дӯст,
Лаби нигору лаби ҷӯй бояду лаби ҷом.
Зи ҷом бода талаб кун, тараб, ки бар дилу ҷон,
Ба фарри ҷом тарабро накӯ шавад фарҷом.
Зи заҳмати гулу сабза намешиносад чашм,
Ки рӯи сабза кадом асту рӯи чарх кадом?
Ба теғи бода бибояд бурид гардани ғам
Кунун, ки бед ҳаме теғ баркашад зи ниём.
Зи банди ғам кӣ раҳонад ба ҷуз мудому самоъ?
Ҳамеша бод самоъу мудом бод мудом.
Чу рӯзгори гулу мул расид, бистонем
Зи мул насиби нишоту зи гул насиби машом.
Забони лола агарчӣ сухан надонад гуфт,
Ба лафзи ҳол диҳад сӯи бодахор паём.
Ки булбул омаду гулро салом гуфт ба боғ,
Зи гул ба бода расонед сад дуруду салом.
Зи дасти соқии бодомчашми пистадаҳон
Бихоҳ бода ба вақти шукуфаи бодом.
Зи умр айш талаб кун, на гардиши шабу рӯз,
Зи гул гулоб гиромӣ бувад, на хору зуком.

Ҳамон беҳ аст, ки бар рӯзгор чошт хӯрем,
Зи пеш он, ки хӯрад рӯзгор бар мо шом.

* * *

Агарчӣ доди сухан дар замона ман додам,
Ситоравор замона намедиҳад додам.
Замона гарчӣ зи ман ёфтаст доди сухан,
Чаро ба ман надиҳад, он чи ман бад-ӯ додам?
Раҳе намонд зи назми сухан, ки наспардам,
Даре намонд зи лафзи дарӣ, ки накшодам.
Ба шеъри ман ҳама аҳли замона дилшоданд,
Чӣ уфтода маро, к-аз замона ношодам?
Маро зи толеи ман давлате намезояд,
Чӣ вақт буд зи толеъ, ки ман дар ӯ зодам?
Дар ин замона азизам ба фазлу ғайр аз ман
Ғариб гашт, чу дар вай ғариб афтодам.
Ба назму насри накӯ дар замона ёди ман аст,
Чӣ кардаам, ки саодат намекунад ёдам?
Ситорагон, ки ба фарьёдам аз нуҳусаташон,
Чаро ба гӯши ризо нашнаванд фарьёдам?
Чу оби дидаву хоки раҳ арчи хор шудам,
Бубин зи рӯи латофат чу оташу бодам.

Агар зи рӯи либосам хароб мебинӣ,
Хароб нестам, аз рӯи фазл ободам.
Аз он гаҳе, ки қадам дар ҷаҳон ниҳодастам,
Ба коми худ қадаме шодмона нанҳодам.
Агарчи пеши ту истодаам чу шогирдон,
Зи роҳи илму ҳунар дар замона устодам.
Надида ҳеҷ муроде зи ёри ширинлаб,
Ба Бесутуни ҷафо монда ҳамчу Фарҳодам.[47]
Чу дар ҷаҳонам бебаҳра аз наими ҷаҳон,
Чу рӯзгори ҷаҳон аз ҷаҳон бурун бодам.
Чу ҳоли ман зи суруфи ҷаҳон халал пазруфт,
Зи ҳоли хеш хабар дар ҷаҳон фиристодам.

* * *

Боз бар авҷи сухан тозаму мавҷе бизанам,
З-он ки чун абр гаронбори вақойни аданам.
Ҳамчу хуршед ба шоҳини зи кулаҳ тоҷ кунам,
На арӯсам, ки ба шаб турра ба ҳам баршиканам.
Заллаи худ биниҳам пешу диҳам нӯш ба халқ,
Зилли ин торами шашгӯша ба таҳқиқ манам.
Баданам заъфпазир аст чаро? З-он, ки чу шамъ
Ҷон софӣ шавад аз таффи риёзат баданам.

Эй, аҷаб обу ҳавоест дар иқлими ҳунар,
Ки ба бӯстони ҳунар хор дамад настаранам?!
Эй дареғо, ки чу гул умри сабукхез бирафт,
Ки нахандид зи иқбол гуле дар чаманам.
Дар паи ман чӣ фитодаст фалак? Ҳеҷ магар
Ман на бардоштан хусрави душманфиканам?!
Хусраво, сустсухан мекунадам теғии айш,
Чӣ аҷаб, рахна шавад, теғ чу бар санг занам.
Пир гаштам, ба ҷавонӣ гунаҳам чист ҷуз он, к
Гулшани мадҳи туро хушсухане ҷуз суханам.
Не, макун, шоҳо, дарьёб, ки гар кушта шавам,
Барнаёяд ҳама олам ба баҳои кафанам.
Маписандо, ки шикоят равад аз бахт маро,
Ба лабам хира мафармой ба айби зақанам!

• • •

Фурӯғи лолаву бӯи гулу насими суман
Бутон шуданду бутонро димоғу дида шаман.
Чаман на буткадаву аз нигори нақши баҳор
Чаман ба буткада монад, чамона гиру чаман.
Бисӯз хирмани андешаро, ки дар наврӯз
Сабо ҳаме зи бари гул зи гул занад хирман.

Агар ба рӯз надидӣ бар осмон Парвин,
Ба бӯстон гузару дарнигар ба шохи суман.
Гули сапеду гули лаъл дар чаман гӯй:
Яке Суҳайли Яман шуд, яке ақиқи Яман.
Ба ҳар куҷо расӣ, аз хавиди сабзу лолаи лаъл
Пур аз ақиқу зумуррад шудаст пироҳан.
Пур аз забарҷади сабз аст даштро чодар,
Пур аз ҷавоҳири лаъл аст кӯҳро доман.
Дар ин ҳавои латиф ин сабои мушкфишон
Ба ман намуд, ки мушк аз чаман баранд ба ман.
Ба хун хизоб кӣ кардаст лоларо рухсор,
Агар дар абри баҳорӣ набуд дидаи ман?
Магар хазинаи Баҳман дар абри баҳман буд,
Ки шуд гиристани чашми абр дар баҳман?[48]
Зи гуна-гуна бадоеъ, зи нав-навъ тураф
Шудаст тарфи чаман чун хазинаи Баҳман.
Ҳама диёру даман равзаҳои ризвон гашт
Бад-ин баҳор зи ороиши замину заман.
Чӣ гуна навҳа намоянд ошиқони араб,
Чу ҷои навҳа наёбанд дар диёру даман?
Миёни абри сияҳ нури баркро гӯӣ
Фариштаест магар дар либоси Аҳриман.
Хурӯши раъдаш аз нури барқ пиндорӣ
Ҳаме зи ишқи Манижа фиғон кунад Бежан.[49]

Чаман на Руму Адан шуд, дар ӯ чаро бошад
Ба разма дебаи румӣ, ба тӯда дурри Адан?
Зи гул миёнаи боғу зи лола домани-роғ
Пур аз чароғу пур аз машъал аст беравған.
Зи роғ гашта ба ҳар чонибе яке ҷаннат,
Зи боғ гашта ба ҳар гӯшае яке гулшан.
Агар ба гулшану ҷаннат ҳаме ватан талабӣ,
Ба роғ соз мақому ба боғ гир ватан.
Сифоти ҳусни чаман гар чу ман нахоҳад гуфт,
Зи бод баҳри чӣ омехт дар чаман савсан?
Зи ҷавр ҷома бидарранду аз фироқи бутон
Марост ҷавр, чаро гул дарид пироҳан?

* * *

Омад шикастадил шуда бо зулфи пуршикан
Вақти раҳили ман бари ман дилрабои ман.
Дасташ зи зулф мушк пароканда бар қамар,
Чашмаш зи ашк лола равон карда бар суман.
Ҳамчун даҳан-ш дида пур аз дурри обдор,
Гуфтӣ: ҳаме ба дида равад дурраш аз даҳан,
Ваҳм аз хаёли ӯ таъни лӯъбати Тироз,
Мағз аз насими ӯ ҳасади нофаи Хутан.

Гаҳ чашми ман ситора баровард бе сипеҳр,
Гаҳ ҷазъи ӯ ақиқ барафшонд аз Яман.
Он кард тири ғамзаи ӯ бар дилам, ки кард
Теғи Алӣ ба ҳалқи парастандаи васан.[50]
Гӯй ҷамоли Юсуфи чоҳӣ бад-ӯ расид,
То дил барад ба ҳалқаи зулфу чаҳи зақан.
Аз хун, ки рехт аз мижаи ман видои ӯ,
Соқӣ ба умри Нӯҳ[51] нарезад зи хуни дан.
Ӯро видоъ кардаму сабрам видоъ кард.
Оре, видоъи сабр батар дар ғаму ҳазан.
Сад хор хӯрд ҷон зи фироқи ду мустаманд,
Сад доғ бурд дил зи дареғи ду мумтаҳан.
Дилро ба ҳаҷри ёр сабурӣ муҳол нест,
Гар саъвае муҳол бувад сайди каркадан.
Эй, ҳаббазову суд надорад зи ҳаббазо
Дилро ба дарди дилбару ҷонро ба дарди тан.
Аз ман ҷудо шуданд, на бар рӯн ихтиёр,
Чун ман ба изтирор ҷудо гаштам аз ватан.
Ёрони он диёру рафиқони он фариқ,
Сукконии он мақому қаринони он қаран.
Бо ман чашида бодаи нузҳат дар он талал,
Бо ман кашида домани давлат дар он даман.
Аз ёдашон сабур набошам ба ҳеҷ вақт,
В-аз меҳрашон малул нагардам ба ҳеҷ фан.

Оре, чу ҷаври даври фалак бигзарад зи ҳад,
З-он пас ба чашми аҳли сухан бигзарад васан.
Шер аз арин карона кунад, оҳу аз қарин,
Мард аз ватан гариб шавад, уштур аз атан,
Чун базми рӯи дӯст надидам ҳаме ба чашм,
Гуфтӣ, ки шамъи рӯз намондаст дар лаган.
Пеш омадам шабе, ки кушандатар аз аҷал,
Дар пеши ман раҳе, ки кушандатар аз меҳан.
Бар мушки шаб зи дидан ман тӯда нордон,
Бар хоки раҳ зи қомати ӯ раста норван.
Роҳе чу осмон, ки нуҷумаш бувад чу рег,
Даште чу бӯстон, ки шаҷар дорад аз шаҷан.
Тӯлаш чу тӯли баҳр, на лӯълӯъ дар ӯ на об,
Арзаш чу арзи тиҳ, на салво дар ӯ на манн.
Дар тирагӣ чу рӯзи ситамдидагон ҳаво,
Дар равшанӣ чу рӯи парипайкарон Паран.
Ранҷе, ки ҷони ман ба ҳама боб аз ӯ кашид,
Мурғон кашанд зи оташи сӯзону бобзан.
Гуфтам ҳаме ба чарх: «Чу бубридам аз қамар»,
Ҷустам ҳаме сукун, чу ҷудо мондам аз сакан.
Эй наҷми наҳс, тунд бар аҳволи ман матоб,
Эй анкабут, пардаи уммеди ман матан.
Эй дил, тамаъ зи сӯҳбати маъшуқ бармагир,
Эй сабр, дил зи сӯҳбат маҳҷур бармакан.

Инак, ҳамекашам сари иқбол бар фалак,
Инак ҳамедиҳам лаби уммедро лабан.
Чун Унсурӣ ба ҳазрати Маҳмуди Зовулӣ,[52]
Чун Асҷадӣ ба мадҳи вазир Аҳмади Ҳасан.[53]
Инак забону табъу замирам ҳамениҳанд
Бори сано ба боргаҳи садри анҷуман.[54]

* * *

Лӯъбати лоғармиёнӣ, дилбар фарбеҳсурин,
Қомататро сарв ҷуфту surататро маҳ қарин.
Сарви болоиву маҳсимову ҷуз ман кас нахонд
Моҳро лоғармиёну сарвро фарбеҳсурин.
Сарв кай дорад забои в-андар забои ширинсухан?
Моҳ кай дорад даҳон в-андар даҳон дурри самин?
Қомати туст, эй парӣ, гар сарв мехоҳӣ, чунон,
Сурати туст, эй санам, гар моҳ мехоҳӣ, чунин.
То надидам қадди ту, сарве надидам дар чаман,
То надидам рӯи ту моҳе надидам дар замин,
Ҳамҳадисат рӯзу шаб бо сарв бошад ҳамҳадис,
Ҳамнишинат солу маҳ бо моҳ бошад ҳамнишин.
Сарву моҳӣ лоҷарам, хуршедрӯён дар лақаб
Сарви симинат хамехоҳанду моҳи ростин.

Қардаме ҷон з-остин бар сарву моҳи ту нисор,
Гар маро будӣ ба ҷои даст ҷон дар остин.
То ба майдон омадӣ, дидам зи қадду рӯи ту
Моҳро бо гӯю чавгон, сарвро бар пушти зин.
Ҳусни Руму Чин дорӣ в-аз ту пурчин гашт рӯй
Сарвқаддонро ба Руму моҳрӯёнро ба Чин.
Сарву маҳро бӯстону осмон аз чашму дил
Гар надидӣ, хештанро дар дилу чашмам бубин.[55]

* * *

Биҳишт гашт ба урдибиҳишту фарвардин,[56]
Зи лутф рӯи ҳавову зи сабза рӯи замин.
Муаттар аст ҳавои чаман ба нофаи мушк,
Мурассаъ аст либоси даман ба дурри самин.
Замин зи сабзаи тар чун саҳифаи гардун,
Чаман зи шохи суман чун тавилаи Парвин.
Надиму мутриби мастон зи булбулу қумрӣ,
Бисоту бистари бӯстон зи наргису насрин.
Зи хуррамӣ дили гул чун баҳорхонаи Ҳинд,
Зи дилбарӣ рухи гул чун нигорхонаи Чин.
Ба роғ оҳуву сабза чу ошиқу маъшуқ,
Ба боғ булбулу гул ҳамчу Хусраву Ширин.

Ҳавои роғ ҳаме хуррамӣ диҳад таълим,
Ҷамоли боғ ҳаме ошиқӣ кунад талқин.
Дар ин нигар, ки дар ин аст рӯҳро роҳат,
Бар он гузар, ки бар он аст табъро таскин.
На вола аст, чаро монда бод саргардон?
На ошиқ аст, чаро гашта об рух пурчин?
Зи дасти абр хурад гул ҳаме шароби латиф,
Бад-он занад ҳама шаб андалиб руди ҳазин.
Агар на лола ба лаълӣ чу рӯи Ширин шуд,
Чаро кунад назараш айши талхро ширин?
В-агар на теғи Алӣ буд дар миёнаи абр,
Зи лола дашт чаро гашт чун сафи Сиффин?[57]
Сабо зи барги гул афканд бар чаман бистар,
Сари бунафша ҳаме з-он талаб кунад болин.
Даҳони гул на садаф шуд, чаро сиришки саҳоб
Бад-ӯ дарафтаду лӯълӯъ ҳамешавад дар ҳин?
Ҳамекунад ҳама шаб булбул аз миёнаи боғ
Тароифи чаману ҳусни боғро таҳсин.
Магар насими сапедадам аз биҳишт омад,
Ки аз латофати ӯ боғ шуд биҳиштоин?
Агар биҳишт набошад зи ҳури ин холӣ,
Дар ин биҳишт гулу наргисанд ҳурулъин.
Ҳар он чи дар сифат аз ваъзи воизони диёр
Аз он биҳишт шунидӣ, дар ин биҳишт бубин:

Зи сарв сояи тӯбӣ, зи боғбон ризвон,
Зи бод нофаи мушкин, зи бода моъи маъин.

* * *

Эй, туро мамлакати ҳусн шуда зери нигин,
Нест чун сурати ширини ту сурат дар Чин.
Ҳаст дар зери нигин мамлакати ишқ маро,
То туро мамлакати ҳусн бувад зери нигин.
Ғарқаи фитна шудастам зи лабу чеҳраи ту,
Ки дилу дидаи ман фитна бар онанду бар ин.
Васфи рухсору лаби ту ба шакар кардаму моҳ,
Моҳ равшан шуд аз ин шодиву шаккар ширин.
Гар на боғиву на гардун, зи чӣ маънист, бигӯ:
Бо ту аз ҳар ду нишону асар, эй моҳи замин?!
Қоматат сарву рухат лолаву чашмат наргис,
Оразат Зӯҳраву чеҳра маҳу дандон Парвин.
Лаби нӯшини ту кавсар шуду рӯи ту биҳишт,
Мояи зулфи ту тӯбӣ шуду ту ҳурулъин...
Зоҳидон бар задани фисқ кашиданд камон,
Обидон бар сипаҳи дев кушоданд камин.
Зуафоро ба чунин вақт муин бошу мучир,
То бувад чоҳи туро эзиди поянда муин.

* * *

Мушк аст тӯда-тӯда ниҳода бар арғувон[58]
Зулфайни ҳалқа-ҳалқаи он моҳи дилситон:
З-он тӯда-тӯда тӯдаи мушк оядам ҳақир,
З-ин ҳалқа-ҳалқа ҳалқаи танг оядам ҷаҳон.
Чун қатра-қатра об латиф аст оразаш,
В-аз нур шӯъла-шӯъла ниҳода бар арғувон:
З-он қатра-қатра қатраи об аст дар баҳор,
З-ин шӯъла-шӯъла шӯълаи нор аст дар даҳон.
Ҳар рӯз Даҷла-Даҷла биборам ман аз ду чашм,
К-ӯ турфа-турфа гул шукуфонад ба бӯстон:
З-он Даҷла-Даҷла Даҷлаи Бағдод дардманд,
З-ин турфа-турфа турфаи Бағдод шуд навон.
То пушта-пушта бори фироқаш ҳамекашам,
Чун зарра-зарра кард маро дар ҳаво ҳавон:
З-он пушта-пушта пушта чу коҳ оядам сабук,
З-ин зарра-зарра зарра чу кӯҳ оядам гарон.
Ҳиҷрон-ш пора-пора зи ман бурд хобу хӯр,
Ман хира-хира дода ба дасти ано инон:
З-он пора-пора пора шавад мар-маро ҷигар,
З-ин хира-хира хира шавад чашми хунфишон.
Пешаш чу тӯда-тӯда гули лаъл дар чаман,
Хатташ чу тоза-тоза бунафша ба гулситон:

З-он тӯда-тӯда тӯда маро лаъл пур зи бар,
З-ин тоза-тоза тоза маро ишқ дар ҷанон.

* * *

Ҷаҳон ҷавон шуд аз ин навбаҳори тозаҷавон,
Бад-ин ҷаҳон нигару тоза дор ҷону равон.
Агар зи барф сари кӯҳ буд чун сари пир,
Зи акси лола сари пир шуд чу рӯи ҷавон.
Магар ки хайман Нӯшинравон шудаст саҳоб,
Ба зери хайма-дар аз сабзи сабза шодирвон?[59]
Агар на табъи ҷаҳон аз баҳор баҳра гирифт,
Зи эътидол чаро шуд чу адли Нӯширвон?
Зи ҳаҷри сабза ҳаме оҳувон ҳавон диданд,
Дамид сабзаву растанд оҳувон зи ҳавон.
Бад-он, ки дидаи наргис чу чашми ҷонон буд,
Нишот сохт ҳавош аз латоифи алвон.
Зи бас ки тарфи чаман бо чамона сӯҳбат ёфт,
Шудаст аз ӯ сари сарви чаман чу маст навон.
Чу пил-пил, ки аз руди Нил даргузарад,
Падид шуд зи ҳаво пора-пора абри равон.
Миёни сабзаи сероб ҷӯй пиндорӣ,
Зи руди Нил гузаштаст Мӯсии Имрон,[60]

Чароғи оламу султони ахтарон ба ҳамал
Гузашту гашт, бад-ӯ гашт рӯзу шаб яксон.
Зи ростеш биёрост кори боғу баҳор,
Чунин бувад, ҳама чун ростӣ кунад султон.
Бунафшаи табариро нигар ба тарфи чаман,
Чу пушти ошиқу зулфи шикастаи ҷонон.
Агар на бар рухи гул ошиқ аст дидаи абр,
Чаро чу дидаи ошиқ ҳаме бувад гирьён?
На абр душмани гул шуд, на боғ душмани абр,
Гул аз гиристани абр чун шавад хандон?
Агар на миллати Исо гирифту тарсо шуд,
Ҷаҳон зи баҳри чӣ пӯшид ҷомаи руҳбон?
Зи бас ки бар сари бӯстон гирист дидаи абр,
Ба ханда лолаву гул боз кардаанд даҳон.
В-аз он қибал ки салоҳи даҳон зи дандон аст,
Сиришки абр ниҳад дар даҳонашон дандон...
Зи бас ки абр ҳаме дур фишонад андар боғ,
Замини боғ садафчеҳра гашту баҳрнишон.
Ду ошиқанд шароби хушу баҳори латиф,
Ҳаме рақиб шавад дар миёнашон рамазон.
Ҷудо шаванд ҳам акнун зи бими чашми рақиб
Ҳам он зи сӯҳбати ину ҳам ин зи сӯҳбати он.
Чӣ ишқҳо, ки ба ин ошиқон тавон бозид,
Гар ин рақиб набошад нишаста дар ду миён.

Ба рӯзи аввали шаввол май тавон хӯрдан,
Гар ӯ видоъ кунад рӯзи охири шаъбон.
Ҳанӯз рӯи замин пуршиои шаъбон аст,
Шуои май ба тану ҷону чашму дил бирасон.
Зи ишқу май натавон дошт дасту дил холӣ,
Кунун, ки булбули ошиқ ҳамезанад дастон.
Зи дасти он, ки гулу лола рӯю орази ӯст,
Ба рӯи лоласитон бодаи чу лола ситон.
Чӣ бодае, ки чу бӯяш бар осмон гузарад,
Зи Муштарӣ ба саодат фузун шавад Қайвон.
В-агар зи ҷуръаи ӯ қатра бар замин афтад,
Ҳама ба қуввати ӯ лола рӯяд аз қатрон.
Чу роз дар дили ҷом асту чун аз ӯ бичашӣ,
Бурун кунад ҳама рози нуҳуфтаро зи ниҳон...
Гаҳи баҳор беҳ аз ошиқӣ ҳадисе нест,
Ҳадиси ишқ бигиру навои най бистон.
Хушо баҳору лаби дилбарони нӯшинлаб,
Ниҳода пеш лаб аз бӯсаҳои фитнанишон.
Шароб дар кафу гул пеши рӯи ӯст рафиқ,
Шароби васл шуда дарди ҳаҷрро дармон.
Чу шохҳои сабукро гарон кунанд аз барг,
Таронаҳои сабук бояду шароби гарон.
Ба рӯи он, ки чу бар рӯи ӯ фикандӣ чашм,
Ту Хизр бошиву ӯ бо ту чашмаи ҳайвон.

Ба ҷон харид тавонӣ се бӯса аз ду лабаш,
Чун ӯ шунидаӣ арзонфурӯш бозургон.
Агар чун ӯ саноме хезад аз нажоди турк,
Ҳамеша хурраму обод бод Туркистон.

* * *

Гӯӣ ба гирди рӯи ту он зулфи дилситон
Тӯда шудаст анбари тар гирди гулситон.
Ё гирди маҳ зи мушк ниҳодаст доми дил
Бар рӯи дилрабои ту он зулфи дилситон.
Ё боғи ҳусн бар рухи ту боғбон надошт,
Эзид бар ӯ зи ғолия бигзошт боғбон.
Ё дуди уд з-оташи миҷмар баромадаст,
Хирман задаст гирди гули лаъл арғувон.
Оташ зи дуду дуд зи оташ ҷудо наянд,
Оташ зи дуду дуд зи оташ диҳад нишон.
Ин дидаро ба дидани он дуд роҳ деҳ,
В-ин оташ аз миёнаи онҳо фурӯ нишон.
Аз ман бибурдаӣ дилу то дил бибурдаӣ,
Аз ту ба бӯсае дили ман ҳаст шодмон.
Зулфат, ки дил барад, набувад ҷуз надими дил,
Аз зулфат ин дақиқа биёмӯз ройгон.

Орост ам ду дида ба дур, то бидидамат
Ороста ба сиву ду дур ними нордон.
Ниме ба тӯҳфа бар ту фишонам зи умри хеш,
Гар ёбам аз забони ту як лафзи дурфишон.
В-аз умр як замон наравад бар муроди ман,
Гар нангарад ду дида ба рӯи ту якзамон.
Эй, чеҳраи латифи ту дар ҳар чаҳор фасл
Чашми маро ба ранги гули тоза мизбон.
Меҳмони ман кай оию кай бинад ин ду чашм
Аз дасти ман туро камаре баста бар миён?
Ваҳми маро ба васфи даҳони ту роҳ нест,
Як раҳ маро ба бӯса нишон деҳ аз он даҳон.
Бо ман сухан нагӯнию узри ту зоҳир аст,
Н-ояд сухан падид, чу бошад даҳон ниҳон.

* * *

Вақти баҳори нав сифати навбаҳор кун,
Хона зи гул чу буткадаи Қандаҳор кун.
Май бо нигори хуштараб андар баҳор неҳ,
Май бо нигор хуш тараб андар баҳор кун,
Мурғе ҳазор бонг барорад зи шохи гул,
Бо бонги ӯ нишоту тараб сад ҳазор кун.

Руду суруду мутрибу май хуш кунанд базм,
Тадбири ҷамъ кардани ин ҳар чаҳор кун.
Дар некӯӣ чу равзаи хулд аст ҷӯйбор,
Бо некӯвон нишоти лаби ҷӯйбор кун.
Хоҳӣ, ки коми дил зи замона талаб кунӣ,
Манзил ба зери шохи гули комгор кун.
Дар рӯзгор хуштар аз ин рӯзгор нест,
Дар ишрат эътимод бар-ин рӯзгор кун.
Он, ки[61] шукуфт савсану лола зи нуру нор,
Бо ҷоми май ҳикояти ин нуру нор кун.
Олам зи киштзори баҳорӣ дигар шудаст,
Бо некӯвон нишоти лаби киштзор кун.
Бе дасту по пиёлаву бода пиёда шуд,
Май дарфикан, пиёдаи ӯро савор кун,
Аз ишқи ёр бори гарон аст бар дилам,
Ҷоми гарон зи бодаи хушхори ёр кун.
Оби ду дида рози маро ошкор кард,
Ӯро кӣ гуфт: «рози маро ошкор кун»?
Эй, беқарор карда туро зулфи беқарор,
Бо ҷоми май ба зери дарахте қарор кун!
Булбул зи гул ба хӯрдани мул хонадат ҳаме,
Бар қавли ӯ ба вақти гули тоза кор кун.
Гул бурд гунаи мулу мул бурд бӯи гул,
Аз гул надим созу зи мул ғамгусор кун.

Эй, он, ки обрӯй ҳамеҷӯӣ аз сухан,
Оҳанги гуфтани сухани обдор кун!

* * *

Эй, лаъли фитна бар лаби чун нордони ту,
Ашкам зи ҳасрати ту чу дур дар даҳони ту.
Аз фарбеҳиву лоғарӣ аз сабру ранҷи ман
Нисбат ҳамекунанд сурину миёни ту.
Бегонавор мекунӣ аз ман ҳаме канор,
Ман монда дар миёни ғами бекарони ту.
Ҳастӣ ба чеҳра ҳури биҳиштиву рӯзгор
Орад ба базми хусрави даврон макони ту.
Эй ҷудпарваре, ки дар офоқ ҷуду базл
Мастур гашт бар кафи гавҳарфишони ту.

* * *

Рӯйзарринам аз андешаи симинбари ӯ,
Чӣ кунам, дида агар боз набинад бари ӯ?
Рӯи ӯ тозагули пурбару рухсори маро
Накунад тоза магар тозагули пурбари ӯ.

Ба лабу бар ҳама бо ҳуру парӣ бошам агар,
Лаби ман бар лаби ӯ бошаду бар бар бари ӯ.
Дилам ӯ дораду дил ҷуз бари дилбар нашавад,
Тӯбӣ онро, ки чун ӯ моҳ бувад дилбари ӯ.
То бирустаст ба гирди суманаш анбари тар,
Мушки ман яксара кофур шуд аз анбари ӯ.
Ҷанбари чарх нагардад ба муроди дили ман
То нагирам ба каф он анбари пурчанбари ӯ.
Қуввати сабри ман аз сӣ ба яке бозрамид,
То дамид аз бари гул хатти чу сисанбари ӯ.
Сураташ маҳзари фитнасту ба рағми дили ман
Хати мушкин-ш гувоҳӣ зада бар маҳзари ӯ.
Бистари ӯст, ки оромгаҳи деву парист,
Кошки хобгаҳи ман буваде бистари ӯ.
Ҳаст дар ду лаби ӯ хосияти оби ҳаёт,
Эй дареғо, ки набудӣ лабам Искандари ӯ.
Дидамаш: соғари май бар кафу лаб ҳамчу шакар,
Аҷаб орам, ки кунад майл ба май шаккари ӯ.
Лаби соғар ба лаби ӯ расаду ман нарасам,
Камтарам назди лаби ӯ зи лаби соғари ӯ.
Пайкарам лоғару зард асту ниҳиф асту низор
Аз ғами он рухи симу сумани пайкари ӯ.
Бар дилам кард ҷаҳон тангтар аз ҳалқаи хеш,
Зулфи пурҳалқаи хам дар хами сар дар сари ӯ.

Малики ишқ ҷафогустару бадтабъ шудаст
Дар балои дилам аз табъи ҷафогустари ӯ.

* * *

Набиди равшану овози руду рӯи чу моҳ
Муваккилони сабӯҳанд бомдоди пагоҳ.
Аз ин се дона дарафтанд ошиқон дар дом,
Аз ин се фитна гароянд оқилон ба гуноҳ.
Зи бод ном ниҳоданд бодаро, яъне
Чу боди субҳ дамидан гирифт, бода бихоҳ.
Сапедадам чӣ беҳ ояд, ки боди субҳ дамид,
Набиди равшану рӯи чу моҳу зулфи сиёҳ.
Зи доми фитнаву банди гунаҳ чӣ огоҳ аст,
Ки нест ҷону дили ӯ аз ин хабар огоҳ?
Чу офтоб баромад, ту бода бар каф неҳ,
Чу шаб зи субҳ бикоҳад, ту ғам зи бода бикоҳ.
В-ар офтоб, ки равшан бувад, набояд кард
Зи ҳурмати рухи соқӣ ба офтоб нигоҳ.
Бихоҳ он, ки туро бинад офтоб аз шарқ,
Ситора бар кафу пеши ту соқиёни чу моҳ...
Аё, сахову суханро ба маҷлиси ту маҳал,
Аё, умеду тамаъро ба ҳазрати ту паноҳ.

Маро замона, ки хасми ман асту чокари ту,
Ба оби тира ҳамедорадам ба ҳоли табоҳ.
Се сол шуд, ки аз ин ҳашт чарху ҳафт ахтар
Ба коми хеш набудам дар ин се сол ду моҳ.
Фироқи ёр маро бас набуду бӯъди диёр,
Ки шуд насиби дили ман ҷудой аз даргоҳ.
Чу бахт ёр набошад, ҷафо кунад айём,
Чу шер баста бимонад, ғулув кунад рӯбоҳ.
Чӣ фоидаст фалакро зи қаҳр кардани ман?
Чи роҳат аст ба бечода аз рабудани коҳ?
Дар ин ниёз ба ҷуди ту илтиҷо кардам,
Бувад нузули мусофир ба назди обу гиёҳ.
Раҳе, ки ҳодиса бар ман кушод, баста шавад,
Гарам ба чашми тафаззул нигаҳ кунӣ як роҳ.

* * *

Эй, бо ту дилам ҳама вафо карда,
Бо ман дили ту ҳама ҷафо карда.
На ӯҳдаи ошиқӣ ба сар бурда,
На ваъдаи мардумӣ вафо карда.
Моро ба балои ишқ раҳ дода,
В-онгаҳ ба миёни раҳ раҳо карда.

Аввал назари висол фармуда
В-охир ба фироқ мубтало карда.
На ҳуҷҷати ишқи ман фурӯ хонда,
На ҳоҷати ҷони ман раво карда.
Бе зулфи дутои хеш пуштамро
Чун зулфи дутои худ дуто карда.
Эй сарв, ту бо қабову ишқи ту
Дурроаи зӯҳди ман қабо карда.
Эй моҳ, ту бо кулоҳу хасмонат
Қасди кулаҳу қабои мо карда.
Иқрор намекунӣ ба дил бурдан,
Ман бар ту худойро гуво карда...
Моҳи рамазон расиду қандилаш
Аз рӯи қанинаҳо қафо карда.
Аз шорибі хамр сохта муслеҳ
В-аз соҳиби фисқ порсо карда.
Дасти ҳама мутрибон фурӯ баста,
Ранҷи ҳама соқиён ҳабо карда.
Соқӣ ҳамарӯза хушклаб монда,
Мутриб ҳамарӯза бенаво карда.
Он кас, ки ризои муфсидон ҷустӣ,
Оҳанги ризои подшо карда.
Дасте, ки пиёла бар ҳаво кардӣ,
Акнун ба дуост бар ҳаво карда.

* * *

Эй, қоматат қиёмати сарви чаман шуда,
Зулфайни ту ба бўй чу мушки Хутан шуда.
Ҳам қоматат чу сурати ту гашта дилфиреб,
Ҳам зулфи ту чу ваъдаи ту пуршикан шуда.
Аз шарми рўву қадди ту,
эй моҳ, моҳу сарв:
Он бар фалак гурехтаву ин дар йаман шуда.
Андар ҳиҷоби фитна бимондам, ки чашми ман
Мушки туро бидид,
ҳиҷоби суман шуда.
Чаҳ бо расан накўтару ҷоҳи зақан-тро
Зулфи дарози туст чу мушкин расан шуда.
Ширинлабиву з-он лабу дандони дилбарат
Ёқуту лаълу дурри самин бе саман шуда,
Раста бунафшазори ту бар барги настаран,
В-аз ишқи ту бунафшаи ман настаран шуда...
Марди санову назмаму андар санои ту
Назми ман аст муниси ҳар марду зан шуда.
В-аз имтиҳони ҳодисаи даҳри бенизом
Беназм гашта оламу ман мумтаҳан шуда.
Ашъорам аз Суҳайли Яман бартар асту ҳаст
Ашкам зи хуни дил чу ақиқи Яман шуда.

* * *

Эй, зи рухсори ту варде тоза гулзор омада,
Бо баҳори нав баҳори нав ба дидор омада.
Аз баҳори чеҳраи ту в-аз гули рухсори ту
Дил чу булбул вақти гул дар нолаи зор омада.
Ишқи ман дархурди он гулзору рухсор омада,
Ин ҷамоли олам аз гулзору рухсор омада.
Турраи ту, ғамзаи ту, чеҳраи ту, зулфи ту,
Ҳар яке дар дилбарӣ аз баҳри як кор омада.
Зулф дилдорӣ гузида, чеҳра ҷонпарвар шуда,
Ғамза ғаммозӣ гирифта, турра таррор омада.
Рӯй бозори ҷалолӣ в-аз руху болои ту
Сарву маҳро косидӣ дар рӯзи бозор омада.
Рӯву болои туро бар рағми моҳу қаҳри сарв
Дида даллолӣ гирифта, дил харидор омада.
Моҳро дар бенавоӣ, сарвро дар косидӣ
Аз ту навмедӣ расида в-аз ман озор омада.[62]
Ҷахти дил сӯи ту дорам, к-аз руху болои туст
Бар дарахти дилбарӣ ҳам баргу ҳам бор омада.
Ман чаро беборам аз зулфу рухат, к-аз дуду нур
Мушку маҳро бинам аз зулфу рухат бор омада.
Каждуми дилбанди ҷаррор аст мушкинзулфи ту,
Лашкари ишқи туз-он ҷаррора ҷарор омада.

Сурати зебову мушкинзулфи пурошӯби ту
Офати баззоз гашта, рашки аттор омада.

* * *

Эй, зулфи ёри ман зиреҳе ё зиреҳгаре,[63]
Ё пеши тири ғамзаи дилбар зиреҳдаре.
Ҳаргиз зиреҳ зи раҳ набарад ҳеҷ халқро,
Гар ту зиреҳгарӣ, ба зиреҳ чун зи раҳ барӣ?
Нашнидаам, ки ҳеҷ зиреҳ зӯҳра парварад,
Бар рӯи он санам зиреҳи зӯҳрапарваре.
Ҳорут хонамат ману Довуд[64] ғӯямат,
То дидамат, ки зӯҳрапарасту зиреҳгарӣ.
Довуд нестӣ, ба зиреҳ рағбатат чарост?
Ҳорут нестӣ, ғами Зӯҳра чаро х(в)арӣ?
Дилро ба роҳи ҳусн далели муҳаббатӣ,
Ҷонро зи боғи ишқ насими муанбарӣ.
Бар гул ниҳода тӯдаи шамшоду сунбулӣ,
Бар маҳ фитода сояи чавгону чанбарӣ.
Дар хуррамӣ чу сояи тӯбиву сидрай
В-андар ҷавор чашмаи ҳайвону кавсарӣ.
Ошиқ чаро кушӣ ту, на Салмову Висай?[65]
Бе раҳ чаро кунӣ ту, на Мониву Озарӣ?

Миҷмар ҳаме набоядату уднагҳатӣ,
Оташ ҳаме насӯзадату мушкпайкарӣ.
Гоҳе чу шаб ҳиҷоб шавӣ пеши офтоб,
Гоҳе чу абр парда шавӣ пеши Муштарӣ.
Гоҳ аз рухон-т соҳиби ёқуту дебаӣ,
Гоҳ аз лабон-т соҳиби марҷону шаккарӣ.
Чун ҷавр тирарангиву дилҳо барӣ ба ҷавр,
Гӯӣ, ки дар рабудани дилҳо муҷаббарӣ...
Болину бистари ту зи насрину савсан аст
В-аз чину тоб зинати болину бистарӣ.
Дар тоби туст зинати рӯи маҳи мунир,
Дар чини туст зевари барги гули тарӣ.
Боғӣ магар, ки маъдани насрину савсанӣ,
Чархӣ магар, ки ҷойгаҳи моҳу ахтарӣ...
Симин нашуд санавбару заррин камар набаст,
Заррин камар ту бандӣ, ки симин санавбарӣ.
Бо рӯи ту ба лолаву моҳам ниёз нест,
Донам чунин, ки лоларуху моҳманзарӣ.
Гӯям ба зулфи ту: «чу висоли ту ёфтам»,
Эй шаб, чӣ соҳирӣ, ки ба ҷуз рӯз наспарӣ?
Ман дар ғами ту пеша гирифтам ситамкашӣ,
То ту ба табъ пеша гирифтӣ ситамгарӣ.
Хоҳӣ, ки бишмарӣ ғаму андешаи маро,
Хоҳам, ки ҳалқаву гиреҳи хеш бишмарӣ...

Аз шаҳрҳот шеър фиристанд шоирон,
Зеро мадоеҳи шуароро ту дарх(в)арӣ.
Инак Адиб аз сари ихлосу эътиқод
Бо он, ки нест санъати ӯ шеъру шоирӣ,
Ин дур зи Қаъба суфта фиристод дар санот,
В-арна на ҳар дуриву санои на ҳар сарӣ!

* * *

Маро дилест, ки даъво кунад ба ишқ ҳамо,
Чӣ дил бувад, ки надорад ба ошиқӣ даъво?
Дилам асири ғами ишқу ман асири дилам,
Касе ба ҷуз мани асир асир бошад? Но!
Агарчи ишқ сари ранҷу мояи балвост,
Дили ман аст ҳама сола ишқро маъво.
Нигоҳ кун, ки чӣ моя дареғу дард бувад,
Бар он, ки фитнаи ранҷ асту ошиқи балво.
Диле, ки дид ба дунъё уқубати ғами ишқ,
Раво бувад, ки набинад уқубати уқбо.
Касе, ки дида набошад ҷамоли сурати ишқ,
Чӣ баҳра бошадаш аз айшу лаззати дунъё.
Ҳама саломати ман боре андар он бошад,
Ки бод сӯи ман орад саломе аз салмо.

Маро бузургқабуле бувад ба лайлу наҳор,
Агар биёбам хоки қабилаи Лайло.
Ғуломи он дилам аз ҷон, ки ишқрост ғулом,
Фидои он дилу ҷонам, ки шуд ба ишқ фидо.
Агар ба ҷону ба дил дилбаре тавонӣ ёфт,
Бихар, ки суди ту ҳосил шавад ба байъу широ.
Ҳар он чи роҳату иззат бувад ба ишқ дуруст,
Маро ба ишқ маломат чаро кунанд ҳамо?
Ман он касам, ки ба ишқ аст майли ман ҳама сол,
Ки дил ба ишқ ба ҷой асту қолбад ба ғизо.
Гарам ба ишқ азоб аст, ҳам ба дӯст халос,
В-агар зи ишқам дард аст, ҳам ба дӯст шифо...

• • •

Эй, зулфи дилбари ман дилбанду дилгусале,
Гаҳ дар паноҳи маҳе, гаҳ дар ҷавори гуле.
Гар дар паноҳи маҳӣ, чун чарх бад чӣ кунӣ?
В-ар дар ҷавори гулӣ, чун хор дил чӣ халӣ?
Бар гул ҳамегузарӣ, бар маҳ ҳамесипарӣ,
Дилро ҳамегусалӣ в-аз дил намегусалӣ.
Аз асли лола наӣ, бар лола мӯътакифӣ,
Аз ҷинси Зӯҳра наӣ, бо Зӯҳра муттасалӣ.

Дудӣ бар оташи рух, ларзон аз он сабабӣ,
Диръӣ зи мушки сиях, пурҳалқа з-он қибалӣ.
Осоиши назарӣ, ороиши қамарӣ,
Пирояи шакарӣ, ҳамсояи асалӣ.
Гарчи бурида саре, бенуқсу бегунаҳӣ,
В-арчи шикаста тане, беайбу бехалалӣ.
Бар номи туст ғазал, бар коми туст тараб,
Ҳам ҳуҷҷати тарабӣ, ҳам ҳоҷати ғазалӣ,
Чун вақти фазл бувад, мақсуди ҷону танӣ,
Чун рӯзи ишқ бувад, маъшуқи чашму дилӣ.
Ҳамроҳи ҷону дилӣ в-аз ҷону дил ивазӣ,
Ҳамранги мушку шабӣ в-аз мушку шаб бадалӣ.
Қардӣ ту қасди дилам в-аз бедилӣ ҳиҷилам,
Гар қасди ҷон бикунӣ, аз ман ба дил биҳалӣ.

* * *

Ғар на бад-он рӯй чу дебостӣ,
Ошиқиву ишқ на зебостӣ.
Деба агар рӯи туро монаде,
Пас дили ман ошиқи дебостӣ.
Ғар на зи ман меҳри ту бурдӣ шикеб,
Дил ба ҳавои ту шикебостӣ.

Бандаи ҳолат зи сувайдон дил
Қай шудаме, гар на зи савдостӣ.
Ваъдаи фардои ту кай хоҳаме,
Гар паси имрӯз на фардостӣ.
Сарви сиҳӣ гар чу ту будӣ ба қад,
Ҳеҷ касе сарв напиростӣ.
Ростӣ аз қадди ту дуздида сарв,
Гуфтамат, инак, сухани росте.
Моҳи фалак гар чу ту будӣ, ба шаб
Ошиқи маҳ Зӯҳраи заҳростӣ.
Сухраи хуршед нагаштӣ ба рӯз,
Гарчи рухат хубу муҳанностӣ.
Гар дили ту гирди вафо гардаде,
Аз равиши кори ту пайдостӣ.
Хори ҷафои ту хуш астӣ маро,
К-аз лаби ту ваъда чу хурмостӣ...
Зулму ситам менашудӣ нотавон,
Гар на тани адл тавоностӣ.
Фасли баҳор омаду гӯӣ дар ӯ
Лолаву гул Вомиқу Узростӣ.
Хубтар аз лолаву гул нестӣ,
Юсуф агар назди Зулайхостӣ.
Гӯӣ аз ин сабзаи сабзи латиф
Рӯи замин яксара миностӣ.

Зинда накардӣ чамани мурдаро,
Гар на сабо боди Масеҳостӣ.
В-ар на чаман ноиби ҷаннат шудӣ,
Гул на дар ӯ ноиби ҳуростӣ.
Ҳур чӣ гуфтӣ, чу бидидӣ чаман:
«Қошкӣ ороми ман он ҷостӣ».
Лола ту гӯӣ зи сиришки саҳар
Ҷоми маи лаъли мусаффостӣ.

* * *

Намози шом чу сӯҳбат буридам аз маъво,
Бурида гашт тариқи салом аз салмо.
Ба азми раҳ се мусофир мувофиқат кардем,
Маҳ аз сипеҳру шаб аз машриқу ман аз маъво.
Чу бахт бар лаби Ҷайҳун фиканд рахт маро,
Ба ҳам шуданд се Ҷайҳун зи гирьяам дарьё.
Яке зи обу ду аз хун, ки ҳар ду дидаи ман
Зи дарду доғи ватан хуни дил гиристандо.
Ба ҷуз фироқи рафиқон, кӣ донад ин санъат?
Кӣ аз ду дида ду дарьё ҳаме кунад иншо?
Зи мавҷи ҷунбиши Ҷайҳун ба дидаи дили ман
Нишони гардиши каждум зи печиши афъо.

Ҳамерасид фиғони ду чизи ман ба ду чиз:
Зи қаъри чаҳ ба Сурайё, зи авҷи маҳ ба саро.
Ба накбате бибуридам раҳе, ки фитна аз ӯ
Чунон ки сурати Моно зи хомаи Моно.
Дар он миён шаби торӣ зи шарқ сар барзад,
Чу иллате, ки набошад дар ӯ умеди даво.
Ситорагон ҳама чун оби дидаи Маҷнун,
Зи тирагии шаби торӣ чу турраи Лайло.
Ба маҳкамию дурустӣ чу азми ман гардун,
Ба равшанию баландӣ чу шеъри ман шаъро.
Баноти Наъш ба нури маонии равшан,
Дар ӯ Суҳо ба заъифӣ чу лафзи бемаъно.
Фалак чу аъмо бар ҷои худ фурӯ монда,
Назора чашми ковокиб бар ӯ ба истеҳзо.
Гирифта ҳамчу асое миҷарра андар даст,
Асо миҷарра бувад, чун фалак бувад аъмо.
Ситора лашкару бозори лашкар-ш гардун,
Ба саъду наҳс дар ӯ доду гиру байъу широ.
Ман андар ӯ мутаҳаййир, ки ҳеҷ халқ набуд,
Ки ҳеҷ аз ману аз ҳоли ман кунад инҳо.
Тариқи ман ба яке барри бекарону маро
Дар ӯ на ваъдаи манну на роҳати салво.
Зи бими боди самуму балои хунравон
Равони шахс ҳамекард орзуи фано...

* * *

Некӯӣ бар туст ошиқ, дигарон бар некӯӣ,
Некӯӣ бадхӯ кунад, маъзураме аз бадхӯӣ.
Ман, ки бар ту ошиқам, бо ман насозӣ, бас масоз,
То нагӯӣ: соз шавк-ат, ошиқ омад некӯӣ.
Қори шерон н-ояд аз оҳуву бар ман ишқи ту
Ҳашмати шерон ҳамеронад ба чашми оҳуӣ.
Эй, аҷаб навҳо куҳан гардад зи гашти рӯзгор,
Ишқи ту бо ман чаро ҳар рӯз бифзояд навӣ?
Гар ба хубӣ буд нақши монавӣ чун рӯи ту,
Ҳаст маъзур он, ки бигрояд ба кеши монавӣ.
Муставиқадриву ишқат бар дилам пӯшида кард
Ҳам сурати мустақиму ҳам тариқи муставӣ.
Лӯълӯи дарьёиву дарьёи хубӣ рӯи туст,
Эй шигифте, ҳам ту дарьёиву ҳам ту лӯълӯӣ.
Бо висолат ҷуфт гаштан худ бувад мумкин маро,
Гар ту як соат шабе бо фурқати ман биғнавӣ.
Ман зи шодӣ тоқ гаштам, ҷуфт шуд бо ман ғамат,
То туро бо тангчашмӣ ҷуфт шуд тоқ абрӯӣ.
Дид натвонад, ки бинад чашми ман рухсори ту,
Бас надонам, то ҳамеша дар дили ман чун туӣ.
Ҳусни ширинӣ зи Ширин бо ту монд андар ҷаҳон,
Ҳамҷу бо садри аҷал расму ниҳоди хусравӣ..,

Дар ҳама дилҳо фишондӣ тухми некӣ лоҷарам,
Аз забонҳо ҷуз наботи неккорӣ надравӣ.
Гар равӣ бо роҳи инсоф, аз ҳама арбоби назм
Кас чунин назме наёрояд бад-ин вазну равӣ.
Лӯъбате кардам, ки аз вай некӯӣ кярданд вом
Лӯъбатони Халлухиву некӯвони Пайғавӣ.[66]

* * *

Гар ин аст дил дар кафи дилбаре,
Бибояд ба коми дил аз дил баре.
Бар аз дил ба коми дил—он кас бувад,
Ки доим бувад дар бараш дилбаре.
Валекин чӣ донад, ки андар ҷаҳон
Намонад ҳаме дилбаре дар баре?
Нигаҳ кун бад-он боғи дилбар, ки буд
Кушода дар ӯ ҳар дилеро дare.
Ба ҳар тарфи ӯ хирмани лолае
Ба ҳар гоми ӯ тӯдаи анбаре.
Ба по ҳар дарахте чу як хусраве,
Сари ҳар якеро бадеъ афсаре,
Ба паймони ҳар афсаре кишваре,
Ба фармони ҳар хусраве лашкаре.

Зи бемеҳрии лашкари меҳргон
Набинӣ кунун афсаре бар саре.
Баҳор аз зумуррад ҳаме бар дарахт
Даровехт чун дилбаре зеваре.
Ҳазирон зумуррад ҳаме зар кунад,
Зиҳӣ ман ғуломи чунин заргаре.
Ба дидори ин турфа санъат равост,
Ки бино шавад чашми ҳар абҳаре.
Ҳам акнун хазон бинӣ, аз шарм сар
Дарорад ба кофургун чодаре.
Ба боғ андар аз мева чандин бутон
Надонам, кӣ орост бе озаре?
Дарахт онгаҳе осмонгун бувад,
Бидидам зи ахтар бар ӯ пайкаре.
Кунун, к-осмон ранги худ бозхост,
Падид омад аз ҳар суяш ахтаре.
Ба гавҳар бимонад ҳаме себи сурх,
Шунидӣ чунин камбаҳо гавҳаре?
Гар обӣ ба ахтар намонад, равост,
Ки ӯ модаре буду ин духтаре.
Чаро нор монандаи ахтар аст,
Ки н-ояд чунин судманд ахтаре?
Чу ангур мар бодаро модар аст,
Равонро ба роҳат беҳин духтаре.

Фидо дод аз баҳри фарзанд ҷон,
Чунин меҳрубон кам бувад модаре.
Ба фарзанди ӯ ҷон бупарвар, ки нест
Чу ӯ дар ҷаҳон ҳеҷ ҷонпарваре.
На чун ман тарабгустаре дид кас,
На чун хоҷа ҳаргиз дирамгустаре...
Амиро ман аз дурии даргаҳат
Ҳамегирам аз ранҷи дил кайфаре.
Гаҳе ҷома чун хирмани лолае,
Гаҳе дида чун ҳавзи нилуфаре.
На чашми маро сурати лӯъбате,
На гӯши маро нағмаи мизмаре.
Зи Тирмиз ба Рован чунон омадам,
Чу богавҳаре сӯи бадгавҳаре.
Ба охир чу Балъом[67] ботил шудам,
Дар оғоз будам чу пайғамбаре...
Расидам ба ин шаҳр бо шӯҳрате,
Ки дидан-ш дар дида равшантаре.
Дар ӯ бобино гашта ҳар бебино,
Дар ӯ чун Алӣ гашта ҳар Қанбаре[68].
На дар қавми ӯ ғайрати мардумӣ,
На дар боғи ӯ қомати аръаре.
На ҷуз сарду бетоб табъу диле,
На ҷуз хушку беоб ҷӯву ҷаре.

Кунун андарин шаҳр бебар манам,
Дувум болишеву савум бистаре.
На мушки маро сӯхта оташе,
На уди маро сохта миҷмаре...
Маро рӯз ҳамранги сисанбар аст,
Маро дида ҳамгунаи абҳаре.
Ба ҳар соате ёди Тирмиз маро
Бисӯзад дилу ҷон ба гарм озаре[69]...

* * *

Саҳни чаман, ки хурраму зебо шавад ҳаме,
Чун дурҷи дурру размаи дебо шавад ҳаме.
Зеботар аст ишрату хуррамтар аст айш,
То боғу сабза хурраму зебо шавад ҳаме.
Боғ аз дари танаъуму нузҳат шавад ҳаме,
Роғ аз дари нишоту тамошо шавад ҳаме.
Барнову пир қасди гулу мул ҳамекунанд
З-ин дайри пиргашта, ки барно шавад ҳаме.
Аз баҳри зинда кардани гулҳои навбаҳор
Боди сабо дуои Масеҳо шавад ҳаме.
Ҳар каҳрабо, ки боди хазонӣ ба боғ дод,
Он каҳрабо зумурраду мино шавад ҳаме,

Наргис нишони тоҷи Сикандар ҳамедиҳад,
То бўстон чу маснади Доро шавад ҳаме.
Дил Юсуф асту гул чу Зулайхо ҷавон шуда,
Юсуф асири ишқи Зулайхо шавад ҳаме.
Раъно шавад ҳар он, ки дили ошиқон бибурд,
Гул дил зи мо бибурд, ки раъно шавад ҳаме.
То шуд шукуфта ҳамчу Сурайё сари чаман,
Бўи хуш аз сарӣ ба Сурайё шавад ҳаме,
Зулфи бунафша гарчи дуто шуд чу пушти ман,
Ўро дилам ягонаву якто шавад ҳаме.
Рози дилам зи сабза ба саҳро баруфтад
Аз дилбарӣ, ки сабзаву саҳро шавад ҳаме.
Тарфи чаман тароифи боғи биҳишт ёфт,
То гул ба ҳусну сурати ҳуро шавад ҳаме.
Боғе, ки зоғи нохуш аз ў ошьёна ёфт,
Маъвои андалиби хушово шавад ҳаме,
Абр аз ҳаво чу дидаи Вомиқ шуд аз сиришк,
То лола ҳамчу орази Узро шавад ҳаме.
Дорад фурўғ оташи рахшон миёни дуд,
Барқ аз миёни абр чу пайдо шавад ҳаме...
Ин олами куҳаншуда ҳар сол дар баҳор,
Аз баҳри нузҳати ту мутарро шавад ҳаме.
То ту нишоти бода кунӣ дар ҳавои хуш,
Тираҳаво зи бод мусаффо шавад ҳаме.

То бар ҷамоли лола ба соғар хӯрӣ шароб,
Лола ба шакли соғари саҳбо шавад ҳаме.
Имрӯз кун тараб, ки муҳайёст айши умр,
Бода зи ҷоми умр муҳайё шавад ҳаме.

* * *

Эй, ба қомат чу сарви бӯстонӣ,
Қимати ҳусни хеш медонӣ?
Некӯиро ба рӯй мӯъҷизаӣ,
Дилбариро ба зулф бурҳонӣ.
Дар ҳаловат баробари шакарӣ,
Дар латофат баробари ҷонӣ.
Дил намозат барад, ки дилдорӣ,
Ҷон-т саҷда кунад, ки ҷононӣ.
Ҳама ороише, ту фирдавсӣ,
Ҳама пирояе, ту ризвонӣ.
Дил ситонӣ ба ҷаъди занҷирӣ,
Тан рабоӣ ба зулфи чавгонӣ.
На нигаҳ дорӣ, он чи бирбоӣ,
На накӯ дорӣ, он чи бистонӣ.
Бар рухи лола қатра шабгирӣ,
Бар сари сарв шохи райҳонӣ.

Агар ин хубтар бувад, инӣ,
В-агар он турфатар бувад, онӣ.
В-ар туро васфи хеш бояд кард
Ҳам ту аз васфи хеш дар монӣ.
Тану ҷонро ба ғамза ошӯбӣ,
Дилу динро ба бӯса дармонӣ.
Ба забон мӯъҷизи Масеҳой,
Ба даҳон хотами Сулаймонӣ.[70]
Нашиносад зи Юсуфи мисрӣ,
Гар-т бинад расули Канъонӣ.
Дар сари ман ҳарифи савдой,
Дар дили ман насими и́монӣ.
Сари зулфи туро ҳамемонад
Сари кори ман аз парешонӣ.
Бӯсаеро дилест аз ту баҳо,
Гар баҳо будӣ, ин-т арзонӣ.
Гар ба як ғамза сад ҷигар бихалӣ,
Набувад дар ту як пушаймонӣ.

* * *

Рӯзгори навбаҳор ояд ҳаме,
Ғамкашонро ғамгусор ояд ҳаме,

Вақти шодиву тараб ояд ҳаме,
Навбати бӯсу канор ояд ҳаме.
Боғ пургул гашту ҳар соат зи абр
Бар сари гулҳо нисор ояд ҳаме.
Аз насими мушкбору бӯи гул
Мушк пеши дида хор ояд ҳаме,
Ёраб, ин вақти саҳар боди сабост,
Ё насими зулфи ёр ояд ҳаме,
Ҳар куҷо чашм афканам бар кӯҳу дашт,
Пеши чашмам лолазор ояд ҳаме.
Хуш бувад айшу шаробу боғу гул,
Навбати ин ҳар чаҳор ояд ҳаме.
Он гули сурӣ зи баҳри рӯи дӯст
Ошиқонро ёдгор ояд ҳаме.
В-ин бунафши тар зи ишқи зулфи ёр
Мар-маро чун ҷон ба кор ояд ҳаме,
Лаҳни булбул нимшаб дар гӯши ман
Чун навои зеру зор ояд ҳаме.
Ошиқӣ кардан ба ҳар вақте хуш аст,
Хоса чун вақти баҳор ояд ҳаме.
Бозам аз сар тоза шуд савдои ишқ,
Ёди он зебонигор ояд ҳаме.
Беқарорам рӯзу шаб в-ин мар-маро
З-он ду зулфи беқарор ояд ҳаме.

Дар сари ман солу маҳ бе май хумор
З-он ду чашми пурхумор ояд ҳаме.
Номи ман чун дар шумори ишқ шуд,
Ранҷам афзун аз шумор ояд ҳаме.[71]

* * *

Зулф ба шона заниву турра фишонӣ,
Бас бувад ин фитнаро далелу нишоне.
Фитна барангехтанд турраву зулфат,
Чун ба лаб ин фитнаро фурӯ нанишонӣ.
Роҳати ҳар тан зи ҷон бувад, зи чӣ маънӣ
Офати тан гаштаӣ маро туву ҷонӣ?
Гар забар аз ишқ ғоятест, манам он,
В-ар забар аз ҳусн суратест, ту онӣ
Дил ба ҳавои ту додаам ману ҷуз ман
Ҳеҷ касе гургро надода шубонӣ,
Гашт ҷаҳон аз даҳони танги туам танг
В-ин на чунон омадам, ки буд гумоне.
Аз паси тангӣ бувад фарохиву аз ту
Танги ҷаҳон гаштаам ба танг даҳоне.
Аз ту бувад мар-маро ҷавонию пирӣ,
Пас ба ҳақиқат ба зиндагонӣ монӣ,

* * *

Ишқат зи баски шӯъбада пайдо кунад ҳаме,
Дилро дар орзуи ту шайдо кунад ҳаме.
Озурдаам ҳамеша аз ашки чашми хеш,
Азбаски рози ишқи ту пайдо кунад ҳаме.
Хушнудам аз хаёли ту, к-аз сурату рухат
Бо чашми ман ҳикояти ҳуро кунад ҳаме.
Румирухиву бод чу бар зулфи ту чаҳад,
Аз мушки сода шакли чалипо кунад ҳаме.
Моҳ аз шиои рӯи ту равшан шавад ҳаме,
Сарв аз нишоти қадди ту боло кунад ҳаме.
З-он зулфи хамгирифта, ки туғрои дилбарист,
Пушти маро хамида чу туғро кунад ҳаме.
Шукр аст садҳазор маро аз забони хеш,
Қ-аз ду лабат се бӯса тақозо кунад ҳаме.
Бо сад шикоятам зи забонат, ки ҳар замон
Васли туро ҳавола ба фардо кунад ҳаме.
Бар ақли ман ҷамоли ту лашкар кашад ҳаме,
Бар сабри ман фироқи ту ғавғо кунад ҳаме.
Овехтаст зулфи ту Ҳорутро аз он, к
Пайваста қасди Зӯҳраи заҳро кунад ҳаме.
Якто шудам з-ақлу сабуриву з-ин маро
Зулфи дутои туст, ки якто кунад ҳаме.

Дил бурд ишқат аз ману ҷонам намебарад,
К-ӯро муҳаббати ту муҳобо кунад ҳаме.
Анқост нопадиду висоли ту хештан
Аз чашми ман чу сурати анқо кунад ҳаме.
Рӯзи фироқи ту, ки набинам ҷамоли ту,
Бо ман ҳикояти шаби ялдо кунад ҳаме.
Он кун ба ҷони ман зи латофат, ки рӯзи базм
Акси рухат ба соғари саҳбо кунад ҳаме.

• • •

Набошӣ як замон аз ишқ холӣ,
Ки доим дар балои зулфу холӣ.
Қиро дар сар хирад бошад, надорад
Сар аз савдои зулфу хол холӣ.
Ҳаме то орази чун бадр бинӣ,
Ба кажживу низорӣ чун ҳилолӣ.
Ба қадди чун алиф то дил супурдӣ,
Ба қомат лоҷарам чун шакли долӣ.
Хаёли дӯст то дар хоб дидӣ,
Зи бехобӣ ба кирдори хаёлӣ.
Бад-он то бӯи зулфи ёр ёбӣ,
Ҳамеша ошиқи боди шамолӣ.[72]

Чаро з-ин сон гирифтори фироқӣ,
Агар доим харидори висолӣ?
Муҳоли сабру дил бар бод додӣ,
Зи бесабрӣ,
ки дар кори муҳолӣ.
Гаҳе чун андалиб аз гул хурӯшӣ,
Гаҳе чун фохта бар сарв нолӣ.
Зи ишқи қомати чун сарви маъшуқ
Чунон гаштӣ, ки пиндоранд нолӣ.
Чунонӣ дар ғами рухсори маъшуқ,
К-ат аз хор аст,
пиндорам ниҳолӣ.
Агар чун лола хоҳӣ то бихандӣ,
В-агар чун сарв хоҳӣ то биболӣ,
Зи ишқ он беҳ, ки бигзорӣ сиголиш,
Санои маҷлиси олӣ сиголӣ.

* * *

Рабудаӣ зи ман, эй ҷон, либоси барноӣ,
Туӣ, ки аз дилу аз ҷон азизтар боӣ.
Зи ман ҷуз он, ки ҳавои ман аст, настонӣ,
Ба ман ҷуз он, ки балои ман аст, нанмоӣ.

Саводи мӯи маро то бадал задӣ ба баёз,
Баёзи дасти маро дар саводи бинои.
Рухам зи омадани он баёз сафровист,
Дилам зи кам шудани он савод савдоӣ.
Равоии пир мурад,
чун даррасид мӯи сафед,
Видоъ кард маро чун сипоҳи барноӣ.
Сиёҳие, ки ватан дошт дар маҳосини ман,
Ба номаи гунаҳам рафт, ин-т расвоӣ.
Сапедӣ омаду овард нотавониву ранҷ,
Бирафт бо сияҳӣ қуввату тавоноӣ.
Зи ман биҷаст ҷавонӣ, чу Юсуф аз Яъқуб,
Маро расад дили Айюбу он шикебоӣ.
Мувакклони фалак рӯзу шаб сиёҳу сафед
Зи ман ба ҷаҳд сутурданд фарру зебоӣ.
Ту, эй фалак, чу шаб омад, зи рӯз н-андешӣ,
Машотавор сари зулфи шаб биппироӣ.
Замон-замон-ш ба дигар ситораи равшан
Мадад фиристиву оройише биявфзоӣ.
Шаби ҷавонии ман бе ситора хубтар аст,
Шаби маро ба ситора ҳаме чӣ ороӣ?
Зи ман ба хашм чӣ оӣ,
чу Мӯсӣ аз Қорун?[73]
Магар ҳалок шавам, то зи ман биёсоӣ!

* * *

Гар садьяк аз ҷамоли ту дар Муштаристӣ,
Уро зи як ҷамоли ту сад муштаристӣ.
Гар фоли муштарӣ зи ту фархунда боядӣ,
Сад офтоб чокари як муштаристӣ.
Ин ҳалқаҳои зулфи ту гӯӣ ба дилбарӣ
Бар маҳ зи мушк ҳалқаи ангуштаристӣ.
Дар некӯӣ ба оразн хуби ту монаде,
Гар офтобро фалак аз Шуштаристӣ.
Як лаҳза гар илоҷи висоли ту ёбаме,
Аз иллати фироқи туам хуштаристӣ.
Ҳамтои чеҳраи ту ба ҷуз Зӯҳра нестӣ,
Гар бар ду оразаш ду хати анбаристӣ.
Бар сурати ту фитна шудӣ озарисанам,
Гар ақлу дида бо санами озаристӣ.
Гар бо ҷамоли рӯи ту мондӣ париву ҳур,
Маъшуқи одамӣ ҳама ҳуру паристӣ.
Гар ҳусни бут чу сурати рӯи ту омадӣ,
Ҳар санъате, ки ҳаст, кам аз бутгаристӣ.
Безор кай шудӣ дилам аз сурати бутон,
Гар чашми ман ба сурати ту нангаристӣ.
Ҷандон кай омадӣ гулу лола ба боғу роғ,
Гар абри навбаҳор на чуи ман гиристӣ.

Гар акси оразат нарасидӣ ба боғу роғ,
На лола лаъл будиву на гул таристӣ.
Пурсеҳр кард боди саҳар боғу роғро,
Гӯӣ, ки шуғли боди саҳар соҳиристӣ.
Наргис чу Сомирӣ[74] ҳама бар зар намуда сеҳр,
Гӯӣ, ки дар миёнаи ӯ сомиристӣ.
Оройиши биҳишт кӣ диди ба кӯҳу дашт?
Гар фарши кӯҳу дашт на аз абқаристӣ...
Аз шеърҳои ман ҳама пурсеҳр шуд ҷаҳон,
Гӯӣ, ки соҳирӣ ҳама дар шоиристӣ.
Гар нестӣ сипеҳру ҷаҳонро сари ҷафо,
Бар аҳли назму наср маро сарваристӣ.
Болои ман дуто нашудастӣ бунафшавор,
Гар на ҷафои гунбади нилуфаристӣ.
Бо ҳар кӣ бад кунад, ҳама гӯянд феъли ӯ,
Бад нестӣ, агар на зи бадгавҳаристӣ.

* * *

Агар ба сурату рӯи туʼофтоб астӣ,
Бинои тирашаб аз нури ӯ хароб астӣ.
Зи кибру уҷб замоне натобаде бар халқ,
Гар аз ҷамоли ту ҷузве бар офтоб астӣ.

В-ар офтоб хабар дораде зи хубии ту,
Зи шарми рӯи ту пайваста дар ҳиҷоб астӣ.
Ҳамеша ишрати ман чун лаби ту хуш будӣ,
Агар суоли маро аз лабат ҷавоб астӣ.
Даҳони танги ту гӯӣ зи лаълии лаби ту
Зи нордони садаф луълуи хушоб астӣ.
Зи хуни дида нагаштӣ рухам чу парри тазарв,
Агар на зулфи ту чун чангали уқоб астӣ.
Бурида кай шудӣ аз чашми ман ба ёдат хоб,
Агар на ғамзаи он чашми нимхоб астӣ.
Гар аз буридани ту дил набурридӣ зи барам,
Буридан аз ту хато нестӣ, савоб астӣ.
Ба ман нигаҳ накунӣ, аз ҷафост, ё зи итоб,
Итоб беҳ зи ҷафо, кошкӣ итоб астӣ.
Ҳама насиби ман астӣ наъими ҳашт биҳишт,
Агар ба дӯстии ту маро савоб астӣ.
Биҳишт хондаме ни навбаҳори хуррамро,
Агар биноӣ биҳишт аз гулу ғулоб астӣ.
Расид булбулу гашт аз ҷаҳон ғариб ғуроб,
Чӣ бошад ин ки фироқи ту чун ғуроб астӣ?
Агар на зулфи ту бӯсидаӣ сабову саҳар,
Насими ӯ на ҳамоно зи мушки ноб астӣ.
Агар бунафша ба зулфи ту иқтидо кунадӣ,
Ҳазор гуна дар ӯ банду чину тоб астӣ.

Замонаро зи навй тоза кард аҳди баҳор,
Хуш аст, агар ҳама дар аҳди ин шабоб астй.
Чаман китоби тароиф шудаст, пиндорй
Ҳама таровати олам дар он китоб астй.
Агарчи дар дили ӯ ишқ нест, пиндорй
Рухаш ба хуни дили ошиқон хизоб астй.
Рубобвор биноланд булбулон, гӯй
Ҳамеша дар гулӯи булбулон рубоб астй.
Зи абр бар сари кӯҳ хаймаҳост в-аз борон
Гумон барй, ки бар он хаймаҳо таноб астй.
Миёни сабза, ки дар лола бингарй, гӯй:
Дилаш зи ишқи рухи некӯвон кабоб астй.
Ба сӯи оразй гул монд дидаи наргис,
Чунон ки гӯй ин Даъду он Рабоб астй.[75]

* * *

Танам ба ишқ асир асту дил ба меҳр фидо,
Ҳаме ба гӯши ман ояд зи ҳарфи ишқ нидо.
Дилам фидо шуду чашмам надид рӯи халос,
Халос нест асирони ишқро ба фидо.
Маломати ҳама олам марост аз паи ишқ,
На расми ишқ ман овардаам дар ин дунъё?

Малоҳати ҳама дуньё нигори ман дорад,
Аҷаб набошад, агар бевафост чун дуньё.
Ману туем нигоро, ки ишқу хубиро
Зи номи Лайливу Маҷнун бурун барем ҳамо.
Маломат аст аз ин ишқ ишқ бар Маҷнун,
Ғаромат аст аз он ҳусн ҳусн бар Лайло.
Манам, ки гаштаам аз ҷаври ошиқӣ хурсанд,
Ба сояи сари зулфат —ба сояи тӯбо.
Туй, ки гаштай аз некӯй хиҷолати моҳ,
Ки ҳусни ту ба Сурайёст в-они маҳ ба саро.
Аз он қибал, ки асалро ҳаловати лаби туст,
Худои азза ва ҷалл дар асал ниҳод шифо.
Ба сабри ман, санамо, он лаби чу пистаи ту
Ҳамон кунад, ки зумуррад ба дидаи афъо.[76]
Магар имоми ҳама некӯвон туй, ки туροст
Зи мушку лола ҳама сола тайласону ридо.
Магар амири ҳама ошиқон манам, ки мароcт
Зи оҳу ҳасрату нола сипоҳи вовайло...
Рефеърои ту бо ман тағайюрӣ дорад,
Ба тӯҳмате, ки маро андар он ҷиноят но.
Зи хидмати ту, ки дафъи азои даҳр аз ӯст,
Маро набуда гуноҳе азо расид азо...
Ба сад қасида туро хондаам ҳалиму карим,
Чунон макун, ки хиҷил гардам андар ин даъво.

Ба сад қасида, ки абьёти ӯ зи санъати ман
Ҳаме бар Озару Монӣ миро кунанд миро.
Надонам аз шуарои замона як шоир,
Ки дархури ту мадеҳе чунин кунад иншо.
Агар зи наср ба назм омадам, ту номи маро
Ба дафтари сила ор аз ҷаридаи иҷро.
Қалам ба номи ман андар макаш, ки номи туро
Ҳаме ба чарх расонам зи шеъри чун шаъро.
Чу шеъри нек биёбӣ, нигаҳ набояд кард
Ба ҳазлҳои забониву танзҳои ҳиҷо!

* * *

Гар дилу дилбар маро доим ба фармон бошаде,
Дарди ишқамро аз ӯ сад гуна дармон бошаде.
Банди сабру дарди ишқи ман нагаштӣ сусту сахт,
Гар на дилбар сахтҷавру сустпаймон бошаде.
Гар дилам дар банди он зулфи парешон нестӣ,
Ҳоли ман чун зулфи дилбар кай парешон бошаде?
Аз фалак саргаштаи ҷавру ҷафо кай бошаме?
Гар дили ӯ аз ҷафо кардан пушаймон бошаде.
Баъди ҷавр аз дилбарон уммеди инсофе бувад,
Кошкӣ ҷаври фалак чун ҷаври эшон бошаде.

Ҷаври гардун ҷон рабояд,
чаври ҷонон дил барад,
Ҷаври гардун кошкӣ чун ҷаври ҷонон бошаде.
Нестӣ аз ишқи ҷонону лаби дилбар дареғ,
Гар маро дар синаву тан сад дилу ҷон бошаде.
Бар дари ӯ дораме аз ишқи дидораш тавоф,
Гар на аз борони чашмам бими тӯфон бошаде.
Офтоби осмон бар рӯи ҷонон монаде,
Гарчи рӯи ӯ ба рӯзу шаб дурахшон бошаде.
Гар ба рӯи ҳусн гирӣ,
воҷиб астӣ, к-офтоб
Бар сипеҳр аз шарми он рухсор пинҳон бошаде.
Қоматашро монаде сарви сиҳӣ дар ростӣ,
Сарвро гар дидаву дил боғу бӯстон бошаде.
Сарвро гуфтӣ ки ман ҳамчун ту дилбар дилбарам,
Он чи гуфтӣ, сарбасар бар сарв товон бошаде.
Солу маҳ ҷавлон набудӣ ишқро гирди дилам,
Гар на зулфайнаш ба гирди маҳ ба ҷавлон бошаде.
Бӯси ӯ асли ҳаёти ҷовидонӣ нестӣ,
Гар лаби ӯро на лутфи оби ҳайвон бошаде.
Моҳрӯён рӯи ӯро моҳ кардандӣ хитоб,
Гар на маҳро ҷой бар гардуни гардон бошаде.
Нестӣ холӣ ду дастам як замон аз зулфи ӯ,
Гар на ҷодузулфи ӯ пурзарқу дастон бошаде.

* * *

Найсон насими боғ муанбар кунад ҳаме,
Қ-аз хок суда байзаи абҳар кунад ҳаме.
Боди сабо вазиду ҳавову димоғро
Пуранбарин сабои муанбар кунад ҳаме.
Лола нишоне аз лаби ҷонон диҳад ҳаме,
Савсан ҳикоят аз бари дилбар кунад ҳаме.
Гӯй бунафша аз хати хубон хиҷил шудаст,
На бингарад ба боғу на сар бар кунад ҳаме.
Гӯй, ки тоза наргиси махмур дар чаман
Майхора гашту ҷоми май аз зар кунад ҳаме.
Гавҳар зи санг хезаду ин абри ҷазъфом
Аз арғувон тавилаи гавҳар кунад ҳаме.
Бар дашт абр сурати Монӣ кашад ҳаме,
Бар хок бод санъати Озар кунад ҳаме.
Абре, ки ранги фохта дорад, зи хоку санг
Парри тазарву тавқи кабӯтар кунад ҳаме.
Шохи дарахт сояи тӯбӣ диҳад ҳаме,
Ашки саҳоб санъати кавсар кунад ҳаме.
Дасти табоеъ аз қибали базми ошиқон
Аз лолаҳо пиёлаву соғар кунад ҳаме.
Боди саҳар зи соҳати боғу ҳавои роғ
Бе мушку уд нофаву миҷмар кунад ҳаме.

Заргар шудаст боғ, ки ҳурони равзаро
Аз дурру зар қилодаву зевар кунад ҳаме.
Гар на замин зи сабзаи тар осмон шудаст,
Чун шох аз шукуфа пур ахтар кунад ҳаме?
Бе коргоҳи дебаи Шустар зи обу хок
Наққоши табъ дебаи Шустар кунад ҳаме.
Бе арзгоҳи лашкари Қайсар[77] зи сурху сабз
Наврӯз арзи лашкари Қайсар кунад ҳаме.
Бо абру бонги раъд баромехт теғи барқ,
Гӯӣ Алист ғорати Хайбар кунад ҳаме.[78]
Шоир шудаст булбулу ашъори хешро
Аз барги гул сафинаву дафтар кунад ҳаме.
Қумрӣ хатиб гашта, ки аз баҳри ӯ баҳор
Аз шохи сарв пояи минбар кунад ҳаме.

• • •

Зиҳӣ зи қадду рухат сарву лоларо хиҷалӣ,
Ба сарв ақл рабоӣ, ба лола дил гусалӣ.
Ба сарв баргузарӣ, сарвро бувад хорӣ,
Ба лола дарнигарӣ, лоларо бувад хиҷалӣ.
Ба боғ агар набувад сарв, сарвро ивазӣ,
Ба роғ агар набувад лола, лоларо бадалӣ.

Ба лаб асал набувад лола, гарчи лаъл бувад,
Агар ту лолаи лаълӣ, ба лаб чаро асалӣ?
Насими гул надиҳад сарв, растанаш зи гил аст,
Ту раста аз дилу ҷониву ё насими гулӣ.
Чӣ гуна лолаву сарв омадӣ, ки лолаву сарв
Зи қадду рӯи ту хоҳанд ҳар замон биҳалӣ?
Ба ёди лолаву сарви туам диҳанд сурур
Навои борбадиву набиди қатирбалӣ.[79]
Чу дар ғазал сифати сарву лола хоҳам гуфт,
Ғазал ба номи ту гӯям, ки асли он ғазалӣ.
Ду лола дориву як сарву соате сад бор
Бад-он ду лолаву як сарв ҷону дил биҳалӣ.
Ниҳолу тухми ту аз боғи Маҷдидин[80] будаст,
Чунин латифу чунин дилрабо аз он қибалӣ...
Замона бо фузало дар ҷадал бувад ҳама сол,
Ба нусрати фузалои замона дар ҷадалӣ.
Зи гуфтан Ҷабалӣ гар чунин қасидастӣ,
Зи ҷон сано кунамат бар ҷибилат Ҷабалӣ.[81]

* * *

Баҳори лоларухсорӣ, нигори сарвболоӣ,
Гули шамшодзулфайнӣ, маҳи хуршедсимоӣ.

Нигору маҳ туро хонам, баҳору гул туро гӯям,
Ки инҳо олам ороянду инҳоро ту оройӣ.
Ба шаб бо моҳ бозам ишқ баҳри моҳрухсоре,
Ба рӯз аз сарв бошам аз барои сарвболое.
Нигар оне, ки ҳосил гашт Яъқубу Зулайхоро
Зи рӯяш фарри барноӣ, зи бӯяш нури биноӣ.
Чу юсуфсуратастӣ ту, ки чун бинмоӣ он сурат,
Гузинад ақл яъқубиву гирад ҷон зулайхоӣ.
Зи бими чашми бад бар ту бихонам сураи Юсуф,
Чу ту бо сурати Юсуф маро рухсор бинмоӣ.
Туро, ҷоно, ки ҷонониву дилбандиву дилдорӣ,
Ғуломонанд ҷону дил, ғуломонро чӣ фармоӣ?
Чӣ фармон омад аз ишқат, ки тақсире падид омад
Зи ҷону дил дар он фармон ба миқдори тавоноӣ?
На дебову на динорӣ, валекин дилрабуданро
Чу дилбар шакли динорӣ, чу зебо нақши дебоӣ.
Чу бо ишқи ту пайвастам, шикебе доштам дар дил,
Ки шарти ошиқон бошад ба дил андар шикебоӣ.
Ҷамоли ту шикебоӣ ба зебоӣ бурид аз ман,
Ҷамол аст он, ки бирбояд шикебоӣ ба зебоӣ.
Агар дар аҳди барноӣ гули васли ту бӯсидам,
Чаро дар тарки аҳди ман чу гул гаштӣ ба раъноӣ?
Чу барноӣ бирафт аз ман, зи аҳди ман бурун
рафтӣ,

Дареғо аҳди барнои, дареғо аҳди барнои.
Гузашт он аҳду он муддат, расид он рӯзу он соат,
Ки бурдӣ табъу ақламро ба цинҳониву пайдой.
Рухи ҷонон ғизои ҷон, лаби соғар қарини лаб,
Қафи Мӯсӣ рухи соқӣ, дами Исо дами ной.
Кунун, к-аз рӯзи барнонию аз рӯи ту танҳоям,
Асиру дардмандастам зи ҷаври ин ду танҳой.
Ба барнонию васли ту таманно мекунад ҷонам,
Чу бечашмон ба биной, чу нодонон ба доной.
Ғуломи он дилам, к-ӯро ғуломи ишқ гардонад,
Ба қомат сарви тоторӣ, ба яғмо моҳи яғмой.
Агар оқил беҳ аз доно в-агар доно беҳ аз шайдо,
Шудам бо ақлу доной ғуломи ишқу шайдой.
Рабояндаст ишқи ту, ситояндаст зулфи ту,
Аз ин ҷуз сабр настонӣ в-аз он ҷуз ақл нарбой.
Дарозиро сари зулфат ба сарви қоматат монад,
Чу сарви боғи Маҷдиддин чаро ӯро напирой?..
Пур аз хубону ҳурон шуд ҷаҳон, якчанд ҷон парвар
Бад-ин хубони наврӯзӣ, бад-ин ҳурони саҳрой.
Чу дар боғ омадӣ, гулзорбони раъд мегӯяд:
Бад-ин шодӣ тароват гиру хуш бишкуф, ки мешой.



# АЗ ТАРКИББАНДҲО

* * *

Бо ҳусни боғу фарри баҳору ҷамоли гул
Некӯст ҳоли мо,
ки накӯ бод ҳоли гул.
Пурнақши озарӣ шуду пурсурати парӣ
Боғ аз баҳори хурраму чашм аз ҷамоли гул.
Гул бӯю бода нӯш ба дидори гул,
ки ҳаст
Имрӯз рӯзи бодаву имсол соли гул.
Бо гул нишину нағмаи булбул самоъ кун.
Пеш, аз раҳили булбулу пеш аз заволи гул.
Бо васли гул набиди чу гул хӯр,
ки ногаҳон
Моро зи гул фироқ намояд малоли гул.
Чун базми подшоҳ шуду чун равзаи биҳишт.
Шох аз навои булбулу боғ аз висоли гул.
Гӯй ҳаме ба боғи худованд Маҷдидин
Ризвон ба дасти хеш нишонад ниҳоли гул.
Фархунда гашт толеи боғ аз баҳори нав.
Вақти баҳор ноз физояд нигори нав.

* * *

Гар фош кард рози маро сози андалиб,
Гул низ фош кард ҳама рози андалиб.
Парвози чони ман ҳама бар сӯи дилбар аст,
То назди гул бувад ҳама парвози андалиб.
Чун андалиб нола кунам дар фироқи ёр
Вақти саҳар, ки бишнавам овози андалиб.
Ҷонро равост, гар бикашад бори ишқи дӯст,
Гулро сазост, гар бикашад нози андалиб.
Мулки чаман, ки зоғи хазонӣ гирифта буд,
Бистуд баҳору дод ҳама боз(и) андалиб.
Бо дил хуш аст нағмаи дидори дилбарӣ,
Бо гул накӯст нағмаи дамсози андалиб.
Гар мадҳи садри мӯсавиён[82] андалиб кард,
Инак дар ин сухан манам анбози андалиб.
Акнун вилоятест, гулу андалиброст,
Гар дар ҷаҳон ғамест, ғуробу ғариброст.

* * *

Мурғон ҳамезананд ҳама шаб навои боғ,
Он беҳ, ки қасди бода кунӣ дар ҳавои боғ.

Аз хуррамӣ, ки равзаи боғ аст, нангарад
Ризвон ҳаме ба равзаи хеш аз барои боғ.
Бо боғу сабза қасди қадаҳ кун, ки дар баҳор
Ҷонрост майли сабзаву дилрост рои боғ.
Ҳар гӯшае зи боғ биҳиштест ошкор,
Акнун касе биҳишт нахоҳад ба ҷои боғ.
Чун рӯи дӯст шуд чаману боғ дилкушой,
Бикшой дил бад-ин чамани дилкушои боғ.
Гоҳе асири гӯшаму гоҳе асири чашм,
Он аз барои булбулу ин аз барои боғ.
Булбул чу майли сайиди машриқ[83] ба боғ дид,
Додан гирифт доди сухан дар санои боғ.
Қимат ба боғ қомати кӯжи бунафшарост,
Ҳаргиз мабод қомати кӯжи бунафша рост.

* * *

Аз раъд гӯшҳо ҳама пурбонгу машғала аст,
В-аз барқ чашмҳо ҳама пуршамъу машъала аст.
З-он бодҳо, ки бар сари гулҳо ҳамевазад,
Ларзанда шохҳо чу замин гоҳи залзала аст.
Аз жолаҳо ба ҳам шуда бар рӯи лолаҳо,
Гӯӣ, ки рӯи лола зи жола пур обила аст.

Андар ҳаво зи қатраи борон қаторҳо,
Гӯй тавилае зи зару симу силсила аст.
Аз дидани тароифи атрофи бӯстон
Вақти назора мардуми якдил чу даҳдила аст.
Булбул ҳаме ба ҷоми гули тоза май хӯрад,
Ҷом ору булбула, ки гаҳи ҷому булбула аст.
То рӯи садри шарқ[83] набинам ба коми дил,
Аз дил маро шикояту аз гул маро гила аст.
Қумриву фохта, ки навоҳо кашидаанд,
Гӯй зи дӯст шарбати ҳиҷрон чашидаанд.

* * *

Рӯи замин зи сабзаву гул пурнигорҳост,
В-аз чашми абр бар сари ҳар ду нисорҳост.
Нохӯрда ҳеҷ бодаву нобуда ҳеҷ маст
Дар чашмҳои наргиси мискин хуморҳост.
Гӯй, ки сад ҳазор чароғ асту машъала,
Азбас фурӯғи лола ки аз лолазорҳост.
Дар рангу бӯй ҳамчу бунафшаст оби ҷӯй
Аз раҳмати бунафша, ки дар ҷӯйборҳост.
Чун зулфи ёр боди сабоform насимҳост,
Чун рӯи дӯст тарфи чаманро нигорҳост.

Гар фахри рӯзгор ба наврӯзи хуррам аст,
Ин рӯзгор фахри ҳама рӯзгорҳост...
Он дилбаре ки дидаи наргис ҳамекунад,
Аз ишқ дил тавонгару муфлис ҳамекунад.

* * *

Боди сабо, ки қасди гулафшон ҳамекунад,
Аз хоки тира дурри дурафшон ҳамекунад.
Хуршедвор қатраи борон зи хоку санг
Зарри иёру лаъли Бадахшон ҳамекунад.
Ҷамшедвор абри баҳорӣ бар аспи бод
Гирди ҳаво баромада ҷавлон ҳамекунад.
Наққоши Қандаҳор ба нуги қалам накард
Ин нақшҳо, ки қатраи борон ҳамекунад.
Дар тан зи бода ҷони дигар кун, ки ҳар шабе
Боди баҳор дар тани гул ҷон ҳамекунад.
Гар қасд дил насими сари зулфи дӯст кард,
Аз дилбарӣ насими сабо он ҳамекунад.
Боз ин сухан ҳадису ҳикоят зи базлу бирр
Дар маҷлиси раиси Хуросон[83] ҳамекунад.
Акнуи сазад, ки бода ту бар рӯи гул хӯрӣ,
Бар шохи гул шукуфа беҳ ояд, ки мул хӯрӣ.

* * *

Ин нолаҳо, ки булбули ошиқ кунад ҳаме,
Бар ҳоли ошиқон ҳама лоиқ кунад ҳаме.
Он кас, ки дил надод ба ёди бунафшазулф
Зулфи бунафша фитнаи ошиқ кунад ҳаме.
Барги гули дурӯя ҳамарӯза бо нифоқ
Васфи дилу забони мутобиқ кунад ҳаме.
Соқӣ кадом ҷом дар оташ набид сохт,
Аздодро чӣ гуна мувофиқ кунад ҳаме?
Ҷонест май, ки хосияти ӯ ҷамодро
Чун ҷон ба ҷунбиш ораду нотиқ кунад ҳаме.
Дастони марғу булбула дар гоҳи субҳдам
Аҳли салоҳро ҳама фосиқ кунад ҳаме.
Чун ҳиммати қивоми имомат намо ба ман,
Рафъи ниёзу нафъи халоиқ кунад ҳаме.
То мумкин аст, бода хӯр акнуну ишқ боз,
Воҷиб кунад, ки ҳеҷ набошад зи ишқ боз.

* * *

Пайваста гашт сӯи ман акнун паёми ишқ,
Пайваста бод хутбаи дилҳо ба номи ишқ.

Гул бишкуфад, чу сӯи гул ояд паёми абр,
Дил бишкуфад, чу сӯи дил ояд паёми ишқ.
Моро саломи ишқ расонид навбаҳор,
Бар лафзи навбаҳор беҳ ояд саломи ишқ.
Дил буд бас, ки дар бари мо доми ишқ дошт,
Дидем рӯи дилбару додем доми ишқ.
Бар ҳеч табъ номи латофат дуруст нест
Бе номи ишқу ошиқӣ, эй, ман ғуломи ишқ.
Чун мар-маро зи ишқ маломат расад ҳаме,
Танҳо на истода манам дар мақоми ишқ.
Аз доми ишқ ҳеч диле бенасиб нест,
Гӯӣ атои тоҷи маолист[83] доми ишқ.
Ҷонро хуш аст дар ғами ҷонон гудохтан,
Дар ишқ сӯхтан беҳу бо ишқ сохтан.

* * *

Боғ аз баҳор ҳурмати байтулҳарам гирифт,
Сабза зи лола зинати боғи Ирам гирифт.
Пушти бунафша бе ғами пирӣ ба хам бимонд,
Гӯӣ, ки ишқу муфлисӣ ӯро ба ҳам гирифт.
Чун нақши боғ дид, қалам кард дасти хеш
Он, к-ӯ ба нақш кардани дебо қалам гирифт.

Наққоши боду хок чунин нақш кам нигошт,
Сайёди ҳусну ақл чунин сайд кам гирифт.
Аз хона рахт сӯи чаман бар, ки рӯҳро
Хона чу дом гашт, зи кошона дам гирифт.
Рӯи замин зи дидаи абру ҳавои тар
Чун чашми ошиқони ҷафодида нам гирифт.
Шохи шаҷар зи гавҳару ёқуту симу зар
Чун пушти сонлони худованд[83] хам гирифт.
Садри замона, саййиди содоти[83] рӯзгор,
Моро ҳимоят аз ҳама офоти рӯзгор.

## II

То оби дилбариву малоҳат ба ҷӯи туст,
Ҷонам зи ошиқӣ ҳама бар ҷустуҷӯи туст.
Гар майли обҳо сӯи дарьё бувад ҳама,
Имрӯз майли оби малоҳат ба сӯи туст.
Рӯи ту обрӯи ҳама некӯвон бибурд,
В-ин оби чашми ман ҳама з-он обрӯи туст.
Гар санг з-оби дидаи ман нарм шуд, чаро
Сахтӣ ҳанӯз дар дили чун сангу рӯи туст?
Оби фасурда гӯи занахдони ту шудаст,
Пуштам ҳамеша то хами чавгон зи гӯи туст.

Рӯят з-об равшану ишқат з-оташ аст,
Бо обу оташи ту бағоят дилам х(в)аш аст.

* * *

Эй дил, зи баҳри дӯст дар оташ макон макун,
В-ар кардай, ки сӯхта гардӣ, фиғон макун.
Аз ҷои ғизои оташи ҷонон ҳамекунӣ,
Ҷоно, ғизои оташи ҷонон зи ҷон макун.
Ҷон сӯхтан нахоҳаду ҷонон бисӯзадаш,
Фармони ин ҳамекуну фармони он макун.
В-ар ишқи дӯст сӯхтаи оташат кунад,
Аз баҳри дӯст рӯй бар оташ гарон макун.
Бар шамъи рӯи ёр чу парвона нестӣ,
Парвонавор бар сари оташ макон макун.
Чизе наёфтанд бузургони хурдаёб
Сӯзандатар з-оташу созандатар з-об.

* * *

Гар бар сарам зи оташи тарбод нестӣ,
Аз ишку ранҷи ишқ маро ёд нестӣ.

В-ар бод нестӣ ҳама аҳду вафои ту,
Сабрам зи дарди ишқи ту бар бод нестӣ.
Пинҳон ҷамоли рӯи ту аз чашми ман чу бод
Гар нестӣ, маро дили ношод нестӣ.
Бо ёди лофи ишқи ту кай монаде ба ҷой?
Гар ҷони ман зи оҳану фӯлод нестӣ.
То сурма хоки пои ту кардаст чашми ман,
Овора карда хоби ду чашмам зи чашми ман.

* * *

Бар сар маро зи боди ҷафо хок мекунӣ,
Номи вафо зи дафтари ман пок мекунӣ.
Гарчи маро азизтар аз ҷону дидай,
Ҳар соатем хортар аз хок мекунӣ.
Дар некӯӣ зи хок бар афлок меравӣ.
Лекин зи ҷавр пешаи афлок мекунӣ.
Бебоквор хоки дарат қибла мекунам,
Оҳанги ҷони ошиқи бебок мекунӣ.
Тарьёки заҳри фурқати ту хоки пои туст,
Ман сурма з-он кунам, ки ту тарьёк мекунӣ.
Аз ман зи мастӣ оташу обам ҳамебарӣ,
Дар бодгири хеш сӯи бод нангарӣ.

* * *

Дар ошиқем қиблаи офот кардай,
Ишқи маро чӣ гуна мукофот кардай.
Дар дилбарет каъбаи офоқ хондаам,
Дар бедилем қиблаи офот кардай.
Имрӯз дилфиребтарӣ аз париву дӣ,
Гӯй,
ба Каъба дӯш муноҷот кардай.
Дар нарди дилрабоиву шатранҷи дилбарӣ,
Дилро асири шашдару шаҳмот кардай.
Чун чашми ман даҳони ту пурдур чаро шудаст,
Гар на санои саййиди содот кардай?
Садре, ки шамсу бадр зи рӯяш мунавваранд,
Бӯҷаъфаре, ки дасту забонаш ду ҷаъфаранд.

III

Абри фарвардин фурӯ шӯяд ҳаме рухсори гул,
Вақти дидори гул омад, ҳаббазо дидори гул.
Хуррамо рӯзе, ки моро тозаву равшан шудаст,
Ишқ бо дидори боғу дида бо рухсори гул.
Гар зи шодӣ рӯи мо чун гул набошад, айб нест,
Бодаи чун гул ба дасту пеши мо анбори гул.

Эй ба ранги хубу бӯи хуш димоғу дидаро
Ошкоро карда рӯю зулфи ту асрори гул.
Гул ҳаме бозор ҷӯяд бар гули рухсори ту,
Аз ту озорест гулро, то чунин шуд кори гул.
Хез бар гул арз кун, ҷоно, гули рухсори хеш,
То саросар бишканӣ бар гул ҳаме бозори гул.
Не, макун, к-онро зи боғи Маҷдидин овардаанд,
Аз паи озори худ чандин маҷӯ озори гул.
Ошиқонро наргису гул ошиқӣ талқин кунанд,
З-он, ки васфи чашму рухсори бутони Чин кунанд.

* * *

Хез, то бо дӯстон дар бӯстон манзил кунем,
Тан зи дил дар ранҷ монад, хештан бедил кунем.
Ин шабу рӯз, эй санам, якборагӣ беҳосиланд,
Мо аз ин беҳосилон сармояе ҳосил кунем.
Ҳар ғаме, к-он бар дили бечора овардаст чарх,
Май ба каф гирему онро як ба як зоил кунем.
Ошиқонро манзил андар майкада хуштар бувад,
Пас биё, то мо ватан дар хуштарин манзил кунем.
В-ар ҳарифон вақти мастӣ рой дар рафтан зананд,
Мо ҳамон соат замин аз хуни дида гил кунем.

Андуҳи беҳуда хӯрдан расми ҳушьёрон бувад,
Мо ба ҷоми якманӣ ин расмро ботил кунем...
Айши ман талх аст бе ту в-ар бихоҳад як замон
Давлати ширини ту талхи маро ширин кунанд.

* * *

Некӯй дар бӯстон то бар чӣ оин омадаст,
Чун нигори Қандаҳору сурати Чин омадаст.
Бӯстон гӯй биҳишт омад, ки бо дидори ӯ
Шодмон гаштаст дар вай ҳар кӣ ғамгин омадаст.
Навбати руду суруду сабзаву боғ омадаст,
Рӯзгори ромишу роҳу раёҳин омадаст.
Боғ пиндорӣ, ки насрин асту бар насрин магар
З-осмон Парвин ба хизмат пеши насрин омадаст.
Лола дар пеши гули рӯи ту дар хуноба ғарқ,
Рост пиндорӣ, ки Хусрав пеши Ширин омадаст.
Аз фурӯғи гуна-гуна гул замин чун осмон
Пур Суҳайлу Муштариву Моҳу Парвин омадаст.
Навбаҳор аз баҳри хизмат дар накӯтар зинате
Пеши боғу базми садрулмӯсавиййин омадаст.
Боғ пеши рӯи хубон бе ту бетамкин шудаст,
Соате дар боғ шав, то боғро тамкин кунанд.

* * *

Гар ту пиндорӣ, ки фасле беҳ зи найсон ҳаст? Нест.
Ҳеҷ вақте айшу ишратро бад-ин сон ҳаст? Нест.
Ё ба санъат ҳеҷ устодеву нaққоше дигар
Чун ҳавои навбаҳору абри найсон ҳаст? Нест.
Бо чунин хубон, ки бар тарфи чаман гирд омаданд,
Мисли эшон дар ҳама Тотору Қошон ҳаст? Нест.
Дар гумон афтад, ки чун рухсори боғу нақши бод
Дар саноат ҳеҷ дебо ҳеҷ иксон ҳаст? Нест.
Инчунин к-андар санои гул навои булбул аст,
Дар санои оли Ғассон шеъри Ҳассон[84] ҳаст? Нест.
В-ар барандешӣ, ки чандин хуррамӣ, к-ин фаслрост,
Васфи он бар хотиру андеша осон ҳаст? Нест.
В-ар чунон донӣ, ки садре дар Хуросону Ироқ
Чун раису саййиди шарқу Хуросон ҳаст? Нест.
Эй санам, рӯи туро ин фахр бас бошад, к-аз ӯ
Шоирон ташбеҳҳои рои Маҷдиддин кунанд.

IV

То фитна гаштам он санами симсокро,
Бигмошт бар сарам чу мувaккил фирокро.

Номам санампараст ниҳоданд ошиқон,
Азбас парастиши он санами симсоқро.
Ишқаш висоқ сохт диламрову ҳар замон
Аз оташи фироқ бисӯзад висоқро.
Чашму дилаш ба хуни дилам муттафиқ шуданд,
Тадбир чист дафъи чунин иттифоқро?
Даъвии дӯстеш нифоқест дар дилам
В-инак дуруст кард нифоқаш нифоқро.
Гар ман зи ишқи ӯ ба Хуросон даме занам,
Андар хатар бувад, ки бисӯзад Ироқро.
Дорам диле, ки сӯхтаи иштиёқи ӯст,
Ҷуз васли ӯ чӣ чора бувад иштиёқро.
Обам бибурд дилбару чашмам пуроб кард,
Ҷони маро бар оташи ҳасрат кабоб кард.

* * *

Гар дил асири дилбари бебок нестӣ,
Аз номи сабр дафтари ман пок нестӣ.
З-он оҷизам, ки нест маро доруи висол,
В-ар на зи дарди ишқ маро бок нестӣ.
Гар з-он даҳони танг ғаме нест бар дилам,
Айшам ба тангии дили ғамнок нестӣ.

Гар ҳастӣ офтоби фалакро ҷамоли ӯ,
Фарьёди ман зи ишқ бар афлок нестӣ.
Гар ҳастаме чу пираҳани ӯ туро ҳариф,
Аз ҷаври ишқ пираҳанам чок нестӣ.
Чашмаш ба заҳрханда набурдӣ ғамони ман,
Гар дар лабаш мунофеи тарьёк нестӣ.
Гар тоби ҷисму оташи дил нестӣ маро,
Доим чу бод бар сари ман хок нестӣ.
То дар ниқоби ҳаҷр ниҳон гашт рӯи ту,
Бар рӯи ман зи хуни дили ман ҳизоб кард.

* * *

Эй турк, бо ман аз хати паймон бурун машав,
Дар бадхӯӣ аз ин, ки шудастӣ, фузун машав.
Дар роҳи ишқ ҷони маро раҳнамун шудӣ,
Дар роҳи фитна дини маро раҳнамун машав.
Сад раҳ зи ишқ, оби ду чашмам чу хун шуда,
Як дам бигӯ ба оби ду чашмам, ки хун машав.
Аз баҳри дил рабудани ман ҳамчу ҷодувон
Андар либоси ҳилату макру фусун машав.
Бо ман, чу дил ба меҳру вафои ту додаам,
Гар пеш аз ин шудастӣ, боре кунун машав.

Аз ашки дида пардаи асрори ман мадар,
Якборагӣ ба пардаи ҳиҷрон дарун машав.
Гарчи дилам зи ишқи ту дар банди бандагист,
Оқир зи банди бандагии ман бурун машав.
Аз раҳмат офарид ҷамоли туро худой,
Эй, бас, ки раҳмати ту диламро азоб кард.

* * *

То бар маҳ аз шабу шаба занҷир кардаӣ,
Рӯзи маро ба гунаи шабгир кардаӣ.
Девонавор дархури занҷир гаштаам,
То гирди маҳ зи ғолия занҷир кардаӣ.
Дар ҳаққи ту зи меҳр чӣ тақсир кардаам,
Дар ҳаққи ман зи кина чӣ тақсир кардаӣ?
Мӯям чу қир буд, ки дар ишқат омадам,
Қири маро зи ҷавру ҷафо шир кардаӣ.
Хобе, ки дӯстет намудаст мар-маро,
Онро ба душманӣ зи чӣ таъбир кардаӣ?
Чун зер зор-зор бинолам зи ишқи ту,
Гарчи маро низортар аз зир кардаӣ.
Гарчи чу бахти хоҷа ҷавон будаам ба сол,
Чун бахти душманон-ш маро пир кардаӣ...

## V

Обрӯям бурдаию оташ андар ман зада,
Ман чу доғ аз доғи ишқи ту дар оташ тан зада.
Оина бардору бингар, то зи рӯю мӯи хеш
Оташе бо дуд бинӣ оташ андар ман зада.
Хирмани сабрам ҳама бар бод шуд, к-аз зулфи ту
Тӯдаҳои мушк дидам гирди маҳ хирман зада.
Оврази рӯи ту доим таъна бар савсан занад,
Лолаи худрӯй дидӣ таъна бар савсан зада?
Садҳазорон ҳурӣ андар ҳусну ҳур андар биҳишт
Аз дареғат садҳазорон чок бар домаи зада.
Моҳ бар гардуни гардон посбони боми туст,
Ошиқи моҳи туам, то моҳи хубон номи туст.

* * *

То маро бар сар фуруд омад қазои ишқи ту,
Хоки поят сурма кардам дар ризои ишқи ту.
Бандагонро шарт бошад дар қазо додан ризо,
Бе ризои дил набошам дар қазои ишқи ту.
Бар дилам ҳамвора кибри подшоҳон чун кунӣ,
Гар дили мискини ман шуд подшои ишқи ту.

Ҷону ҷонони манӣ в-аз ҷону дил ширинтарӣ,
Хуш бувад ҷон базл кардан дар вафои ишқи ту.
Аз дилам ақли маро дасти тасарруф кӯтаҳ аст,
Қай расад ҷонро тасарруф дар сарои ишқи ту?
Ҳаббазо ишқат, ки гарди фитна дар бозори ӯст,
Хуррамо рӯят, ки нури дида дар дидори ӯст.

VI

То зи бурҷи Ҳут оҳанги ҳамал кард офтоб,
Дар ҷамоду дар наботӣ сад амал кард офтоб.
Ҳар ду шохе бар камар бастанд чун ҷавзокамар,
То сарири шоҳӣ аз бурҷи ҳамал кард офтоб.
Дар миёни зоғу булбул мушкилӣ афтода буд,
Дар ҳамал ҳар мушкиле, к-афтод, ҳал кард офтоб.
Аз рухи насрину рӯи лолаву дидори гул
Сабзаро пурмоҳу Мирриху Зуҳал кард офтоб.
Равзаи фирдавс гашт аз моҳ то моҳӣ ҷаҳон,
Боғро дар зинату тинат масал кард офтоб,
В-ин ҳама тинат, ки андар зинати бӯстон ниҳод,
Аз барои зинати садри аҷал кард офтоб.
Соҳати саҳро зи зинат ҳамчу нақши монавист,
Ҳар куҷо чашмат барафтад, сурати нақши навист.

* * *

Абри фарвардин зи фирдавси барин ояд ҳаме,
З-он ки бо моъи маину ҳури ин ояд ҳаме.
Гар заминро пеш аз ин аз осмон рашк омадӣ,
Осмонро з-ин сипас рашк аз замин ояд ҳаме.
Аз самои кумриён қорӣ хиҷил гардад ҳаме,
В-аз ғулӯи булбулон савти ҳазин ояд ҳаме.
Раъд аз он чун Молики Уштур биғуррад, к-аз рухаш
Шӯълаи шамъи амиралмӯъминин ояд ҳаме[85].
Аз насими гул ба тан мушки Хутан хезад ҳаме,
В-аз замири гул ба дил дурри самин ояд ҳаме.
Бода хӯрдан бод бар рӯи раёҳин дини мо,
К-аз раёҳин бӯи базми Маҷдидин ояд ҳаме...

## VII

Шодам зи дил, ки ошиқи он зулфи дилкаш аст,
Аз ишқи зулфи ӯст, ки бо дил маро х(в)аш аст.
Зулфайни ӯ кашам, ки сари зулфи ӯ маро
Дилбанду дилфиребу диллороми дилкаш аст.
Тӯфон зи об хезад, то ошиқам бар ӯ,
Аз ишқ дар дилам ҳама тӯфони оташ аст.

Ҳусну ҷамолу нақшу нигору буту баҳор—
Дар дил маро зи ишқи рухаш ҷой ҳар шаш аст.
Қардаст тиркаш аз дили ман тири ғамзагон-ш,
Аз тир ҷурм нест, ҷиноят зи тиркаш аст.
Гарчи зи баҳри фитнаи дил дилрабои ман
Моҳи ситораоразу ҳури париваш аст,
Надҳам ба нақши сурати ӯ дил, ки дар дилам
Меҳри амиру саййиди олам мунаққаш аст,
Дилро зи ишқи дӯст маломат савоб нест,
Дар ҷӯи ишқ бе мижаи ошиқ об нест.

* * *

Ҷон дар танам ба банди ду зулфаш муқайяд аст,
В-андар танаш латофати ҷон муҷаррад аст,
То обу гул таровати рухсори ӯ бибурд,
Ашкам зи ишқи ӯ чу гулоби мусаъад аст.
То аз назораи рухи рангиниш муфлисам,
Шаб мунисам назораи шаърову фарқад аст.
Гар оразаш назора кунӣ, сунъи эзид аст,
Он сунъи эзид офати дини Муҳаммад аст.
Бурданд дил зи ман руху зулфаш, ки аҳдашон
Бо якдигар ба бурдани дилҳо муаккад аст.

Асбоби дилситониву анвои дилбарӣ
Бо он рухи мувавраду зулфи муаққад аст...
Гар дил ба доми ишқ зи хубӣ дар уфтад,
Бад бар диле, ки ошиқи ӯ дар ғиёб нест.

* * *

Рӯяш нишон зи санъати наққоши Чин диҳад,
Рӯяш магар ҳамеша нишоне чунин диҳад.
Зулфайн зи бас ки бар ғулу бар ёсумин занад,
Ҷонро ба тӯҳфа бӯи гули ёсумин диҳад.
Пеш омадам ба роҳу диҳад бӯса бар замин,
Лаб пеши ӯст, бӯса чаро бар замин диҳад?
Саъб оҳаниндил асту нахоҳад ҳаме дилаш
То шодие бад-ин дили андӯҳгин диҳад.
Гӯй, ки «ҳар киро бари симин диҳад худой»,
Аз рағми ошиқон-ш дили оҳанин диҳад.
Як ваъдаи висол аз ӯ ростӣ наёфт,
В-ар ваъдаи фироқ диҳад, ростин диҳад.
Аз рӯзи васли ӯ тарабе хостам, надод,
Он ч-ӯ надод, мадҳи аҷал Маҷдидин диҳад.
З-он рӯи обдор дар ин рӯй об нест,
З-он чашми нимхоб дар ин чашм хоб нест.

* * *

Ороми дил зи зулф беором кардаам,
В-аз номи ишқ тӯҳфаи айём кардаам.
Дар дил маро намонд з-ороми дил нишон,
То хештан нишонаи ин ном кардаам.
Аз ишқи рӯи ӯ, ки ҳама ранги сим аз ӯст,
Гӯй, ки ранги рӯй зи зар вом кардаам.
То дил ба зулфу оразу рӯяш супурдаам,
Дилро зи мушку симу суман дом кардаам.
Солам бурун шудаст зи ҳангоми номи ишқ,
Коре, ки кардаам, на ба ҳангом кардаам.
Мардон басе кунанд ба ноком корҳо
Ман дил асири ишқ ба ноком кардаам...
Кардам дуо, ки ёбам аз ишқ офият,
Ошиқ бад-он шудам, ки дуо мустаҷоб нест.

* * *

Дар ошиқӣ ҳар он, ки маломат кунад маро,
Бе мӯҷибе ғарими ғаромат кунад маро.
Дар доми ошиқӣ на ман афтодаам нахуст,
Ҳосид ба ошиқӣ чӣ маломат кунад маро?!

Хурсанд гаштаам ба салом аз забони дӯст,
То он салом чуфти саломат кунад маро.
Созам ба ишқи қоматаш аз сарв ғамгусор,
То сарв аз ӯ ҳикояти қомат кунад маро.
Бо рӯн дӯст рӯзи қиёмат хуш оядам,
Бошад, ки васли хеш каромат кунад маро.
Гар бахт бо висоли лабаш подшо кунад,
Аз давлати қавоми имомат кунад маро.
Серӣ намудан аз лаби дилбар шикоят аст,
Дар шарти ишқ лафзи шикоят савоб нест.

* ● *

Гар дил зи ишқ маъдани офат ҳаме шавад,
Аз ғояти қабул латофат ҳаме шавад.
Гар ошиқӣ, зи ишқ ба офат ҳазар макун,
Ҳар ошиқе ба ишқ изофат ҳаме шавад.
Назди лабони дӯст чу ғоиб шавад рақиб,
Ҳар шаб равони ман ба зиёфат ҳаме шавад.
Дурам зи ёру аз дили ман ёди ӯ на дур,
Дурӣ миёни мо зи масофат ҳаме шавад.
Ҳар дил, ки сайди ишқ нагардад, зариф нест,
Дил сайди ошиқӣ зи зарофат ҳаме шавад.

Гар хун шавад зи андӯҳи дил ашки ошиқон,
Аз бими ҳаҷру заҳмати офат ҳаме шавад.
В-ар дур шавад ба вақти сухан лафзи модеҳон,
Аз мидҳати низоми хилофат ҳаме шавад.
Тира машав, ки сахт хароб омадаст дӯст,
Қирдори ӯ чу наргиси масташ хароб нест.

• • •

Дурри даҳон-ш таъна ҳаме бар садаф занад,
Хубӣ ҳаме ба сурати хубаш халаф занад.
То кардаам зи дил садафи дурри ишқи ӯ,
Рӯзе ҳазор тири бало бар садаф занад.
Гаштаст ҷони ман ҳадафи тири ғамзагон-ш,
Як тир нест, к-он на ҳаме ба ҳадаф занад.
Ҳар рӯз бомдод чу сар бар кунад зи хоб,
Пеши ҷамоли ӯ сипаҳи фитна саф занад.
В-аз шодии назораи рӯяш бар осмон
Хуршед пой кӯбаду Ноҳид даф занад.
Лофе занам ба ҳар нафасе бар ҷаҳониён,
Гар бо ман он санам нафасе аз лутаф занад.
Ман лоф аз он нафас назанам, лек нотиқа
Лоф аз ҷамоли итрату фахру шараф занад.

Махмур гардад он, ки ба мастӣ хӯрад шароб,
Махмур ҳаст чашмашу мастӣ шароб нест.

* * *

Гар ошиқӣ на мояи офот бошаде,
Ошиқ шудан маро зи муҳиммот бошаде.
Гар дар миёна таънаи бадгӯй нестӣ,
Ҷони маро зи ишқ мубоҳот бошаде.
Маъшуқи ман мухолифи ман нестӣ ба ишқ,
Гар ишқро ба ишқ мукофот бошаде.
Дилро саодатест муноҷоти дилбарон,
Эй кошкӣ,
ки ваҷҳи муноҷот бошаде.
Бошанда шуд ба кӯи харобот ёри ман,
Эй кошкӣ,
ки ба кӯи харобот бошаде.
Гар ҷони ман зи ишқ беором нестӣ,
Ороми ман ба кӯи харобот бошаде.
Гар домани висол ба даст омадӣ маро,
Аз ҷоху ҷуди саййиди содот бошаде.
Дил зидди дилбар аст, ки айёми васлро
Аз дил шитоб ҳасту зи дилбар шитоб нест.

* * *

Гарчи зи банди бандагӣ озод будаам,
Дар банди ишқи турки паризод будаам.
Имрӯз банда кард маро зулфу банди ӯ,
Аз дӣ маро чӣ фонда, к-озод будаам.
Аз чашми хешу сурати нақши хаёли дӯст
Ҳар шаб ҳарифи Даҷлаи Бағдод будаам.
В-аз ёди чашму зулфу хаташ дар шабони ҳаҷр
Бо наргису бунафшаву шамшод будаам.
Будаст ёди ман дили ӯро, ки умрҳо
Аз ишқи ӯ ба нолаву фарьёд будаам.
Қути дилам, ки дам назанам ҷуз ба ёди ӯ,
Он бас кунад, ки бар дили ӯ ёд будаам.
Гар ҳеҷ вақт шод набудам зи васли ӯ,
Аз ҷуди садри мӯсавиён шод будаам.
Андеша аз азоби фироқ аст бар дилам,
Дилро батар зи фурқати дилбар азоб нест.

* * *

Хуррам ба рӯи ишқ бувад рӯзгори дил,
Савдои ишқи ёр ҳама рӯз кори дил.

Ҷуз рӯи некӯвон набувад эътибори чашм,
Ҷуз ишқи дилбарон набувад ихтиёри дил.
Дилро ба доми ишқ маломат макун, ки ҳаст
Ҳусн аз шумори дилбару ишқ аз шумори дил.
Аз дӯст бо ду гуна баҳорам, ки омадаст
Рӯяш баҳори дидаву ишқаш баҳори дил.
Ӯ дӯстдори дил шуду ман дӯстдори ӯ,
Ман дӯстдори ӯ беҳу ӯ дӯстдори дил.
Дил ишқи ӯ ниҳод маро дар миёни ҷон,
Дилбар чаро ниҳод маро бар канори дил?
Гар хуррам аз дил аст ҳама рӯзгори ишқ,
Хуррам зи садри шарқ бувад рӯзгори дил.
Гар равшан офтоб кунад рӯи рӯзро,
Бе рӯи дӯст рӯзи маро офтоб нест.

* * *

Эй, ман ниҳода меҳри туро бар миёни ҷон,
Дорам ҳазоргуна зи ишқат забони ҷон.
Эй, ту ниҳода меҳри маро бар карони дил,
Ҷуз ман забони ҷон кӣ ниҳад дар миёни ҷон?
То бе туам, зи ҷон тани ман бехабар шудаст,
Дар ҷон ту будай, зи кӣ пурсам нишони ҷон?

Рози ниҳони ҷони маро ошкор кун,
Донӣ, зи халқ ҷуз ту надонад ниҳони ҷон.
Ҷоно, зи ҷон ба ҳаҷри ту маҳҷур гаштаам,
Товони ҷон бидеҳ, ки туӣ дар замони ҷон.
Дар ҷони ман зи ғамзаи чашмат бало маёр,
То ҳам баён зи чашм кунам, ҳам баёни ҷон.
Дидори ихтиёри имом аст чашми чашм,
Гуфтори ифтихори имом аст ҷони ҷон.
Эй, чашму ҷон мунаввару хуррам ба рӯи ту,
Дар ҷоми ишқ, то ту набошӣ, шароб нест.

• • •

Ҷону диливу номи ту ҷонон ниҳодаам,
Ин доғ бин, ки бар дилу бар ҷон ниҳодаам.
Ҷоно, ба ҷони ту, ки тамаъ баргирифтаам
Аз ҷону дил, ки номи ту ҷонон ниҳодаам.
Аз баҳри қосидат, ки ба ҷонам тамаъ кунӣ,
Дида ба роҳу гӯш ба фармон ниҳодаам.
Меҳри туро, ки хозини хубӣ ҷамоли туст,
Дар сина чун хазинаи осон ниҳодаам.
Меҳмони ман биё, ки ман аз ҳукми ошиқӣ
Бар шарти ҳадья туҳфаи меҳмон ниҳодаам.

Аз кону баҳр —дидаву дил ҳадьяи туро
Ёқуту лаълу лӯълӯву марҷон ниҳодаам.
Сад ганҷи зар зи баҳри сухан дар замири хеш
Дар мидҳати раиси Хуросон ниҳодаам.
Ишқи ту гар вилояти сабрам хароб кард,
Дар дил маро вилояти ишқат хароб нест.

* * *

Аз сурати ту маснади хубӣ ҷамол ёфт,
В-аз қомати ту боғи малоҳат ниҳол ёфт.
Ҳар к-ӯ маро зи ҳури биҳиштӣ суол кард,
Чун сурати ту дид,
ҷавоби суол ёфт.
Хуршедро набуд ба тобандагӣ ҳамол,
Дар кӯи ту зи тобиши рӯяш ҳамол ёфт.
Ҷонам, ки аз ҳарорати ишқи ту ташна буд,
Аз хидмати хаёли ту оби зулол ёфт.
Андар хаёл ҳар кӣ зиёрат кунад маро,
Андар либоси дил ба дили тан хаёл ёфт.
Ҷоно, туӣ,
ки ёфта бошад бақои ҷон
Он кас, ки бо ҷамоли ту рӯзе висол ёфт,

Сақфи фалак зи нури ҷамоли ту нур ёфт,
Фарқи шараф зи тоҷи маолӣ ҷамол ёфт.
Гар дил ҳаме бар оташи ишқат шавад кабоб,
Зулфат чаро бар оташи рӯят кабоб нест?

* * *

Гар рӯи ту ба ранги май соф нестӣ,
Васфаш иёри хотири вассоф нестӣ.
Зулфат зи бӯса додани лаб маст, кай шудӣ,
Гар дар лаби ту бӯи май соф нестӣ?
Дар васф бо парет баробар ниҳодаме,
Гар дар миён тафовути авсоф нестӣ.
Сарфи ҷамоли ту зи парӣ дил надонадӣ,
Гар дида бо ҷамоли ту сарроф нестӣ.
Чун ҳалқаи зиреҳ нашудӣ бар дилам ҷаҳон,
Гар ишқи он ду зулфи зиреҳбоф нестӣ.
Хуршед гар назири ту будӣ ба некӯӣ,
Аз некӯӣ забони ту бар лоф нестӣ.
Маҳро ба зулм ҷинси ту хондӣ агар сипеҳр,
Адли ҷалоли ҷумлаи ашроф нестӣ.
Ҷоми шароби васли ту ҳосил куҷо шавад,
К-андар тарики суҳбати ту ҷуз шароб нест.

* * *

Ҷоно лаби ту боз гирифтаст ротибам,
Аз ду лабат ба ротиби як бӯса роғибам.
Дар фитнаи ту бастаи ҷаври ҳаводисам,
Дар ғамзаи ту хастаи тири навоибам.
Зулфи ту пеши рӯй сияҳпӯш ҳоҷиб аст,
Озурдаам, ки бор надодаст ҳоҷибам.
Аз лоғарӣ, ки ҳастам, азбаски лоғарам,
Эдун гумон барӣ, ки зи пеши ту ғоибам.
Чун ғоиб аст рӯи чу хуршеди ту зи ман,
Аз оби дидагон фалаки пуркавокибам.
Ганче аҷоиб аст туро дар ҷамолу рӯй,
То ман ба дида фитнаи ганҷи аҷоибам.
Гар зулфи ту на хулқи худованд шуд, чаро
Дар ҳеҷ нофа хуштар аз он мушкноб нест?



# ҒАЗАЛҲО

Соқӣ, каме қарини қадаҳ кун шаробро,
Мутриб, яке ба захма адаб кун рубобро.
Ҷом аз қиёси обу май аз ҷинс оташ аст,
Соқӣ, ба ёди маркаби оташ кун обро.
Бифкан маро ба бодаву масту хароб кун,
Як сӯ фикан ҳадиси ҷаҳони харобро.
Аҳди шабоб дораму ҷоми шароб ҳаст,
Аҳди шабоб зебад ҷоми шаробро.
Андеша чун суол бувад, бода хӯр чу об,
Пеш аз суол сохта дор ин ҷавобро.
Аз баҳри он, ки умр ҳаме нагзарад чу хоб,
Маъзул кардам аз амали дида хобро.
Чун умр хуш набувад магар бо шаробу ишқ,
Дил ишқро супурдаму тан мар шаробро.

* * *

Соқӣ, бидеҳ он маи мусаффоро,
Он роҳати рӯҳи пиру барноро.

Хоҳӣ, ки танат сафои ҷон гирад,
Аз каф манеҳ он маи мусаффоро.
Соқӣ, бидеҳ он қадаҳ, ки дар мастӣ
Аз ҳастии ғам фараҳ диҳад моро.
З-он май, ки ба зинда кардани шодӣ
Ӯ монаду бас дами Масеҳоро.
Май ҳаст кунад нишоти ногаҳро,
Май нест кунад ғами муфоҷоро.
Имрӯз шароб нӯшу шодӣ кун,
Бигзор ҳадиси диввy фардоро.
Гардан манеҳ ин сипеҳри саркашро,
Тамкин макун ин ҷаҳони раънорo.

* * *

Соқӣ, бидеҳ он шароби гулгунро,
К-аз гуна хиҷил кунад табри хунро.
Ҳоҳӣ, ки рухи ту ранги гул гирад,
Аз каф манеҳ он шароби гулгунро.
Нохуш натавон гузошт бе бода
Вақти хушу соати ҳумоюнро.
Он бода ақиқи нобро монад,
Чунон ки пиёла дурри макнунро.

Як қатра аз ӯ ғизои ҳомун кун,
То лоласитон кунем ҳомунро.
Як ҷуръаи он бирез дар Ҷайҳун,
То гунаи гул диҳем Ҷайҳунро.
Афсуни ғаманд бодаву мастӣ
Бар лашкари ғам гумор афсунро.
К-ин сарф кунад суруфи ғетиро
В-он дафъ кунад балои гардунро.
Бода сабаб аст айши мардумро,
Лайлӣ ғараз аст ишқи Маҷнунро.
Қонуни карори ишрат омад май,
Зоеъ макун ин карору қонунро.
Гар толиби молу ганҷи афзунӣ,
Ороста бош ранҷи афзунро.
Бе мол чӣ бад расид Мӯсоро?
В-аз ганҷ чӣ нафъ буд Қорунро?

* * *

Дӯш набурдаст маро ҳеҷ хоб,
Хуфтани ушшоқ набошад савоб.
Чашми ман ар хоб наёбад, равост,
Об гирифтаст дар ӯ ҷои хоб.

Гар шакар омад лаби ширини ёр,
Чунки маро талх фиристад ҷавоб.
Дар лаби лаълаш ҳама нӯш асту қанд,
Дар сари зулфаш ҳама печ асту тоб.
Бе рухи ӯ нур наёбад қамар,
Бе лаби ӯ нӯш нагардад шароб.
Бод чу бирбуд ниқоб аз рухаш,
Дидаи ман шуд фалаки офтоб.

* * *

Гар бода бо мушофаҳаи дӯстон хуш аст,
Ҷои ҷамона бар ҷамону бӯстон хуш аст.
Гулҳои бӯстон чу рухи дӯстони мост,
Пас бӯстони мо зи рухи дӯстон хуш аст.
Гетӣ ҷавон шуд аз сару пирӣ гирифт май,
Маҷлис ба зери соя сарви ҷавон хуш аст.
Ҳам абр дурфишон шуду ҳам боғ гулфишон,
Ин гулфишон зи сӯҳбати он дурфишон хуш аст.
Гар ҷоми май ба дида хуш ояд, шигифт нест,
Дар ҷоми май латофати ҷон асту ҷон хуш аст.
Булбул ҳикояти гулу мул хуш кунад ҳаме,
Уро зи баҳри ин ду ҳикоят забон хуш аст.

Хуш дор дил ба ишрату шодӣ, ки дар ҷаҳон
То мо хушему ишрати мо хуш, ҷаҳон хуш аст.

* * *

Рӯи ман чин аз фироқи он нигори Чин гирифт,
Айши ман талхӣ зи ишқи он лаби ширин гирифт.
Ин дили ношоди ман аз қадди чун шамшоди ӯ
Он ҳамегирад, ки Фарҳод аз ғами Ширин гирифт.
Гар дар оташ ҳеҷ кас маскан нагирад, пас чаро
Меҳри ӯ маскан миёни ин дили мискин гирифт?
Бистару болини ман об асту оташ,
пас чаро
Носиголида фироқаш бар сари болин гирифт?
Ман ғуломи он руху боло,
ки сарву моҳро
Ростӣ з-он ҳосил омад, рӯшноӣ з-ин гирифт.
Ҳар кӣ ёди ӯ гирифту май ба рӯи ӯ кашид,
Шарбати кавсар чашиду ёри ҳуроин гирифт.
Чун зи рухсору лабаш бар кӯҳу дашт афтод акс,
Ин ҳама беҷода гашту он ҳама насрин гирифт.
Чун лаби лаълаш бидидам, ҷазъи ман парвин фишонд,
Бар ман аз бими рақибон лаъл дар парвин гирифт.

* * *

Чеҳраи боғ заъфаронӣ гашт,
Гунаи бод арғувонӣ гашт.
Дӯстон тарки бӯстон гуфтанд,
Ҷашни наврӯз меҳргонӣ гашт.
Гули худрӯй рӯй пинҳон кард,
Булбул аз шохи гул ниҳонӣ гашт.
Боғбон роҳи хона пеш гирифт,
Пешаи зоғ боғбонӣ гашт.
Зинда кун айшро ба ҷоми шароб,
Ки шароб оби зиндагонӣ гашт.

* * *

Иди хубон идро чун рӯи хеш оростаст,
Рост пиндорӣ зи рӯяш ид идӣ хостаст.
Гар ҷамоли ид оламро биёрояд,
равост,
Чашми халқ аз нури рӯяш бар маҳи нокостаст.
Хоки роҳ
аз бӯи зулфаш пурнасими анбар аст,
Идро боре ҷамоли рӯи ӯ оростаст.

Фитнае аз ҳусни ӯ дар таъбия раҳ ёфтаст,
Лавҳае аз ишқи ӯ дар идгаҳ бархостаст.
Сарви боғу боғбон аз қомати ӯ тираанд,
Гӯӣ ӯро боғбони Маҷдидин пиростаст.

* * *

Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,[86]
Чаман ранги «Аржанг»-и Моно[87] гирифт.
Сабо нофаи мушки тиббит надошт.
Ҷаҳон бӯи мушк аз чӣ маъно гирифт?
Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,
Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт?
Рухи савсани симсимо зи нур
Мисоли кафи дасти Мӯсо гирифт.
Сари наргиси тоза аз симу зар
Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.
Либосаш сияҳ кард чун роҳибон
Бунафша, магар дини Исо гирифт.
Ба май монад андар ақиқин қадаҳ
Сиришке, ки дар лола маъво гирифт.
Қадаҳ гир якчанду дунъё магир,
Ки бадбахт шуд ҳар кӣ дунъё гирифт.

* * *

Чун зулфи ту беқарорам аз ишқат,
Чун чашми ту бохуморам аз ишқат.
З-он рӯй, ки барги лоларо монад,
Дилсӯхта лолаворам аз ишқат.
З-он зулфи чу рӯзгор шӯрида
Шӯридаи рӯзгорам аз ишқат.
Борам надиҳиву ман зи дилтангӣ
Бо дидаи ашкборам аз ишқат.
То хор маро чу хок медорӣ,
Ҷуз бод ба каф надорам аз ишқат.

* * *

Бар сипеҳри некӯй рӯяш чу маҳ хирман задаст,
Оташи ишқ-он маҳи хирманзада бар ман задаст.
Номи ман дар ишқи ӯ гаштаст хирмансӯхта,
То сари зулфаш зи анбар гирди маҳ хирман задаст.
Кӯтаҳ аст аз домани ақлу сабурӣ дасти ман,
То маро савдои он маҳ даст бар доман задаст.
Ишқи шӯрангези ӯ зад роҳи дину дил маро,
Гарчи ӯро дӯст хондам, захм чун душман задаст.

Пеши тири ишқи ӯ аз сабр ҷавшан сохтам,
Рӯзи сабрам тира шуд, то тир бар ҷавшан задаст.
Дидаам равшан ба рӯяш буду акнун бод сард,
Хоки навмедӣ маро дар дидаи равшан задаст.
Гарчи ҳардам з-он дили бераҳми ӯ оҳе занам,
Раҳм н-ояд дар дилаш, гӯё дил аз оҳан задаст.

* * *

Он бодаро, ки гунаи беҷода омадаст,
Бӯяш чу бӯи савсани озода омадаст.
Ранги гулу гулоб насими биҳишт ёфт,
Гӯй, ки аз биҳишт фиристода омадаст.
Беҷодаранг бодаву беҷодалаб ҳариф,
Беҷода пеши хидмати беҷода омадаст.
Пур кун қадаҳ, ки дар сари ман боди ошиқист,
Бо боди ишқам орзуи бода омадаст.
Соқӣ зи ҳар гурӯҳ, ки бошад раво бувад,
Шарти нахусти ӯ ранҷи сода омадаст.
Омода бар бисоти тамошо дили ман аст,
То дил ба ишқу бода ғаравдода омадаст,
Ҳар соате ҳазор тараб зояд аз дилам,
То бозам он нигори паризода омадаст.

* * *

Боди саҳарӣ тараб фазояд,
Ғам аз дили ғамкашон зидояд.
Боде,
ки ба субҳидам барояд,
Бе бода маро тараб фазояд.
Дил дар бари ман бад-ӯ шитобад,
Ҷон дар тани ман бад-ӯ гарояд.
Гар ҷон барамаш ба ҳадья, зебад
В-ар дил диҳамаш ба тӯҳфа, шояд.
З-он бода маро бувад кушоиш,
Гар зулфи бутам гиреҳ кушояд.
Форим шавад аз зиёрати ӯ
В-онгаҳ ба зиёрати ман ояд.
Бе бӯсаи ӯ,
ки ҷон фурӯзад,
Бе чеҳраи ӯ,
ки дил рабояд,
Дил дар бари ман ҳаменамонад,
Ҷон дар тани ман ҳаменапояд.
Бод аст ба дасти ман,
ки бе дӯст
Табъам ҳама бодро ситояд.

* * *

Хушо чое, к-аз ӯ чоне баросуд,
На дарвеше, ки султоне баросуд.
Сабо маъшуқаи дилҳо аз он шуд,
Қ-аз ӯ вақти саҳар чоне баросуд.
Ба чашми худ парешонӣ мабинод,
Касе, к-аз вай парешонӣ баросуд.
Сулаймонро ҳама ҳашмат аз он буд,
Ки мӯре дар биёбоне баросуд.
Накӯӣ бар накӯрӯён бимонод,
Ки аз лабҳош дандоне баросуд.
Дари шоҳон баланд аз баҳри он шуд,
Қ-аз ӯ афтода нолоне баросуд.

* * *

Маро ҳавоӣ саҳар чун паёми ёр овард,
Насим бӯи биҳиштӣ аз он диёр овард.
Дилам ба мақдами ӯ пур зи лаълу дур табақе
Ба дасти мардуми чашмам паи нисор овард.
Ғуломи фасли баҳорам, ки ҳар варақ рангаш
Маро ба тоза паёме зи рӯи ёр овард.

Кучост булбули хушнағма? Гӯ: «биёву бубин,
Ки боди субҳ насиме зи навбаҳор овард».
Ба сад забон натавон гуфт шукри ин неъмат,
Агарчи аз паси садсола интизор овард.

* * *

Чоно, сухани ту завқи чон дорад,
Ширинии он лабу даҳон дорад.
Ҳар к-ӯ даҳане пур аз шакар хоҳад,
Номи ту ҳамеша бар забон дорад.
Ошиқ чӣ кушӣ? Магар намедонӣ,
К-ӯ мансаби ҳуснро замон дорад!
Дар чашмаи чашми ман, ту пиндорӣ,
Ишқи ту ҳазор баҳру кон дорад.

* * *

Майхорагон, ки бода зи ратли гарон хӯранд,
Ратли гарон зи баҳри ғами бекарон хӯранд.
Ратли гарон барад зи дил андешаи гарон,
Дархур бувад, ки бода зи ратли гарон хӯранд.

Дар бода ранги орази маъшуқ дидаанд,
Ратли гарон
ба қуввату нирӯи он хӯранд.
Ҷон аст ҷинси бодаву бодаст ҷинси ҷон,
Аз баҳри ҷону роҳат он ҷинси ҷон хӯранд.
Хуштар зи бода ҳеҷ наиме нахӯрдаанд
Онҳо, ки молу неъмати мулки ҷаҳон хӯранд.

* * *

Чеҳра,
к-он моҳҷабин месозад,
Аз паи бурдани дин месозад.
Даҳанаш чашмаи нӯш асту дар ӯ
Аз сухан моъи маъин месозад.
Не, ки ҳуққи садаф аст,
аз паи он
Аз садаф дурри самин месозад.
Не, ки ҳалқаст,
чу хомӯш шавад,
Боз аз он ҳалқа нигин месозад.
Не шакар асту гаҳи базла дар ӯ
Мағзҳоро шакарин месозад.

* * *

Гарчи рухаш ҳамеша ҳикоят зи маҳ кунад,
Маҳ чун ҷамоли сурати ӯ дид, хаҳ кунад.
Чун бар маҳи дуҳафта зи дебаҳ кулаҳ ниҳод,
Маҳ бар фалак ҳаме гилаи он кулаҳ кунад.
Гар оразаш ба нур кунад рӯзро сапед,
Шабро ҳамеша зулмати зулфаш сияҳ кунад.
Ноиб, ки қасди дидани ӯ кард дар замон,
Аз тавба бозгардаду қасди гунаҳ кунад.
Уро зи рӯи ишқ ба сад ҷон ниам кунам,
Гарчи маро забон-ш ба як бӯса наҳ кунад.
Гар ҳафт чарх кори маро сар ба раҳ накард,
З-он лаб се бӯса кори маро сар ба раҳ кунад.
Гӯяд: «ба чеҳра моҳи дупанҷ асту як чаҳор»,
Дар рӯзи базм ҳар кӣ ба рӯяш нигаҳ кунад.

* * *

Ҳар кӣ маъшуқи мӯҳташам дорад,
Дилбару коми дил ба ҳам дорад.
Рӯи некӯш мӯҳташам кардаст,
Кор маъшуқи мӯҳташам дорад.

Зулфи чодӯш сабри ман бирбуд,
Зулфи ӯ чодуй чӣ кам дорад?
Рӯй чун чашми ӯ дижам дорам,
Зулф чун пушти ман ба ҳам дорад.
Чашми ман пурнам аст аз оташи ишқ,
Ачаб аст оташе, ки нам дорад.
Дар ману ҳоли ман нигаҳ накунад,
Аз такаббур, ки он санам дорад.
Накашам сар зи хатти хидмати ӯ,
Гарчи бар ман сари ситам дорад.
Оташ андар дилам задаст ғамаш,
Дили ӯро аз ин чӣ ғам дорад?

* * *

Эй, аҳду вафои мо кучо шуд?
Аз ҳар ду дилат чаро чудо шуд?
Дӣ одати ту ҳама вафо буд,
Имрӯз чаро ҳама чафо шуд?
Бар лашкари ҳусн подшоҳӣ,
Чунин шавад он, ки подшо шуд.
То ту бишудӣ, бишуд қарорам,
Маълум намешавад кучо шуд?

Ҳиҷрони ту дашти Карбало[84] буд,
З-ӯ ҳиссаи ман ҳама бало шуд.
В-аз хуни ду дида рӯям инак
Чун халқи шаҳиди Карбало шуд.
З-ин гуна шавад, ки ман шудастам,
Ҳар дил, ки ба ишқ мубтало шуд.

* * *

Дида, ки руху зулфи ту аз дур бубинад,
Бар рӯзи мунаввар шаби дайҷур бубинад.
Дар зулмати зулфайни ту рухсори ту нур аст,
Пурнур шавад дида, ки он нур бубинад.
Ошиқ, ки ба кӯят гузарад, хулд биёбад,
Дида, ки ба рӯят нигарад, ҳур бубинад.
Аз ранҷ шифо ёбаду ранҷур намонад,
Гар рӯи туро мардуми ранҷур бубинад.
Осема шавам, чун лаби нӯшин-т бубинам,
Монандаи занбӯр, ки ангур бубинад.
Бо ту масали ман, ки ҳаме бинамат аз дур,
Чун ташнаву об аст, ки аз дур бубинад.
Гар васли ту ёбам, сухани ҳаҷр нагӯям,
Монеъ чӣ кунад, ҳар кӣ раҳи сур бубинад?

* * *

Чашми ман бе рӯи ту равшан мабод,
Рӯи ту ҷуз пеши чашми ман мабод.
Савсани озода хоки пои туст,
В-ар набошад, дар ҷаҳон савсан мабод.
Ин дили мискини бероми ман
Ҷуз ба зери зулфи ту маскан мабод.
В-ин тани ранҷуру ҷони хастаро
Дар ҷаҳон ҷуз кӯи ту маъман мабод.
Гар бувад ҷону дилу тан бе ту хуш,
Дил мабоду ҷон мабоду тан мабод.

* * *

Дилам бе рӯи ту хуррам набошад,
Чу дилбар нест, дил беғам набошад.
Асирам ишқро, ғамгин аз онам,
Асири ишқро ғам кам набошад.
Ба бӯсе марҳаме неҳ бар дили ман,
Шифои хаста ҷуз марҳам набошад.
Маро гӯй, ки «дил дар ишқ хуш дор»,
Хушиву ошиқӣ бо ҳам набошад.
Гаҳ аз ту шод бошам, гоҳ ғамгин,
Ҷаҳон бе суру бе мотам набошад.

* * *

Дили ман бе ту ҳикоят зи даҳони ту кунад,
Тани ман бе ту ривоят зи миёни ту кунад.
Кӣ тавонад, ки кунад бо лаби пурханда маро?
Гар кунад, хандаи он тангдаҳони ту кунад.
Солу маҳ касд ба қосид шудани анбару мушк
Зулфи анбаршикани мушкфишони ту кунад.
Дили пуроташам андар хами зулфайни ту монд,
Ҳошалиллоҳ, ки оҳанги зиёни ту кунад.
Лоларухсориву чун лола маро сӯхтадил.
Ишқи рухсораи чун лоласитони ту кунад.
Ҳар замонам чу камон ҷуфтаву чун тир низор
Тири он ғамзаи абрӯйкамони ту кунад.
Ба забон талх чӣ гӯию туро лаб чу шакар,
Чӣ шавад, гар дили ман шукри забони ту кунад?

* * *

Бо ман дилат ошно намегардад
В-аз ту дили ман ҷудо намегардад.
Ҳарчанд вафои ман раҳо кардӣ,
Аз дасти ту дил раҳо намегардад.

Аз бахри се бўса з-он ду лаб ҳаргиз
Як ҳоҷати ман раво намегардад.
Рўзе,
ки ду чашми ман намегирьяд,
Дар шаҳр як осиё намегардад.
Бар ишқи ту подшост дил,
лекин
Бар васли ту подшо намегардад.
Ҳар тир,
ки ғамзаи ту андозад,
Бар дил занаду хато намегардад.
То ту ба муроди мо намебошӣ,
Гардун ба муроди мо намегардад.

• • •

Эй, аз бунафша зулфи ту пурпечутобтар,
Чашмат зи чашми наргиси тар нимхобтар.
Хуш деҳ ҷавоби дўст,
ки аз ҷамъи дилбарон
Дилбартар он бувад, ки бувад хушҷавобтар.
Хуррам шудаст сабзаву мушкин шудаст бод,
Бар рўи сабза бодаи мушкин савобтар.

Оташтар аст аз оташи рахшон шароби лаъл,
Уро пиёлаи тараб аз об обтар.
То мардум аз суруфи ҷаҳон бехабар зиянд,
Он беҳ, ки ҳар замон бувад аз май хароботар.
Аз баҳри он, ки умр ҳаме бигзарад шитоб,
Май дарфикан ба ҷому маро деҳ шитобтар.

• • •

Ҳар гаҳ, ки гули лаъл бихандад ба чаман-бар,
Ҷуз ҷоми маи лаъл нашояд ба даҳан-бар.
Ман ҷома зи ҷаври ғами дилдор даридам,
Гул ҷома зи ҷаври кӣ даридаст ба тан-бар?
Фарьёд кунад, ҳар кӣ ба бедод дарафтад,
Фарьёд зи раъд омаду бедод ба ман-бар.
Монад ба сиришки ману рухсораи маъшуқ
Ҳар қатра, ки шабгир дарафтад ба суман-бар.
Аз лола ҳама дашт ақиқи яманӣ гашт,
Тороҷ кай омад ба Бадахшону Яман-бар?
Аз жола замин маъдани дурри аданӣ шуд
То бод гузар кард ба дарьёи Адан-бар.
Азбаски ҳаме мушк фишонанд дарахтон,
Афсӯс кунад шохи дарахтон ба Хутан-бар.

* * *

Фалак ҳаме накунад дар ҷафои ман тақсир,
Малак ҳаме накунад дар ҳалоки ман таъхир.
Чу тир бар ҷигар омад,
чӣ манфиат зи хурӯш?
Чу рӯзи умр саромад, чӣ фоида зи нафир?
Агар на чашми замири ту тирагӣ дорад,
Дар ин замона чаро нангарад ба чашми замир?
Ҷаҳон ба чашми ҳакимон ҳақорате дорад,
Маро ризои ту бояд,
на ин ҷаҳони ҳақир,
Ба сабр кӯшу қазоро қабул кун, Собир,
Ризо диҳад ба қазо, ҳар кӣ оқил аст дарҳир.

* * *

Эй, ду лаби ту зи шаҳд хуштар,
Дандони туам зи маҳд хуштар.
Бадхӯ машаву табаҳ макун аҳд,
Хӯи хушу ҳусни аҳд хуштар.
Гар васли туро ба ҷаҳд ёбам,
Коре набувад зи ҷаҳд хуштар.

Гар васли туро ба ҷаҳд хоҳам,
Коре набувад зи ҷаҳд хуштар.
В-ар шаҳд хуш аст,
гӯ ҳамебош,
Бӯси ту маро зи шаҳд хуштар.

* * *

Ҳама мақсуди мо шуд рост имрӯз,
Ки он мақсуди дил
бо мост имрӯз.
Гар орояд баҳори нав ҷаҳонро,
Ҷаҳонро рӯи ӯ орост имрӯз.
Дилам дӣ васли ӯ ҳоҷат ҳамехост,
Раво гашт,
он чӣ дӣ мехост имрӯз.
Чу фарри рӯи ӯ имрӯз ин ҷост,
Ҷамоли навбаҳор ин ҷост имрӯз.
Зи пеши ӯ чу биншастаст моро,
Ғами нодиданаш барҷост имрӯз.
Ҳар он шодӣ,
ки аз олам ниҳон буд,
Аз он бар рӯз нопайдост имрӯз.

Парӣ мегуфт: «аз ӯ некӯтарам ман»,
Падид омад дуруғ аз рост имрӯз.
Гар иқболи маро фардост ваъда,
Маро бо васли ӯ фардост имрӯз.
Чу мо дар сояи иқболи шоҳем;
Ҳама иқболҳо мораст имрӯз.

* * *

Овард ба мо булбули ошиқ хабари гул,
Ҷуз булбули гулдӯст кӣ донад хатари гул?
Ҳарчанд ки дар гул ҳама хубию хушӣ ҳаст,
Бе мул на ҳамоно,
ки хуш омад хабари гул.
З-он қатраи шабгир,
ки бар шохи гул афтод,
Чун тоҷи шаҳон гашт зи дур тоҷи сари гул.
Азбаски сабо бар раҳи гулзор гузар кард,
Пурмушку ақиқ аст ҳама раҳгузари гул.
Зеру забари гул ҳама лаъл асту забарҷад,
Дил зеру забар гашт зи зеру забари гул.
Гул як асар аст аз қадаҳи мул ба латофат,
Зебо набувад бе асари мул асари гул.

* * *

Равнақ гирифт кори май аз рӯзгори гул,
Хубию дилбарист ҳама кору бори гул.
Лутфи дақиқ ёфт мизоҷи ман латиф,
Оби ақиқ бурд рухи обдори гул.
Ҳар дур, ки рехт дидаи ман дар фироқи ёр,
Овард абру кард саросар нисори гул.
Май хӯр ба вақти булбулу гул дар миёни боғ,
Акнун, ки ёфт булбули ошиқ канори гул.
Эмин нишин ба вақти гул аз ҷаври рӯзгор
Гаҳ дар паноҳи бодаву гаҳ дар ҷавори гул
Бо гулрухе, ки чун гули рухсори ӯ ба ранг
Як гул набуд дар ҳама хайлу табори гул.
Гулро ба боғ гар набувад ҷовидон мақом,
Моро бас аст рӯи гул ёдгори гул.

* * *

Булбул кушода кард забон бар санои гул,
Маъшуқи булбул аст рухи дилкушои гул.
Ҳар шаб зи шом то ба саҳар соҳирӣ кунем
Ман дар санои булбулу ӯ дар санои гул.

Маъзӯл гашт соқиву мансух шуд самоъ,
Ин аз навои булбулу он аз лиқои гул.
Дар зери шукру миннатам аз гӯшу чашми худ
Гоҳ аз барои булбулу гоҳ аз барои гул.
Ёрам ҳаме ҳавои хушу боди гулфишон,
Дар сар нишоти бодаву дар дил ҳавои гул.
Вақти гул аст, хез, биёр, эй гули баҳор,
З-он май, ки ҳаст гунае аз ошнои гул.
Доди нишоту ишрату инсофу умру айш
Бистон зи гул, ки дер намонад бақои гул.

* * *

З-он ду лаби чу ақиқи ёрам[89].
Аз дида ҳаме ақиқ борам.
Кор аст маро ақиқборӣ.
То ишқи ақиқи ӯст корам.
Кардаст сиришки ман ақиқӣ
Ишқи лаби чун ақиқи ёрам.
То ишқи ақиқи ӯ гузидам,
Чун кони ақиқ шуд канорам.
Ҳарчанд зи дида бо ақиқам,
Ҳамтои ақиқи ӯ надорам.

Гар ман ба Яман ақиқ ҷӯям,
Ҳамчун лаби ӯ ба каф наёрам.
То рағбати дил ба ишқ бошад,
Дар ишқи ақиқи он нигорам.

* * *

Биё, ки бо сари зулфи ту корҳо дорам,
Зи ҷоми ишқи ту дар сар хуморҳо дорам.
Биё, ки бо ду рухи ту,
ки рӯзро монад,
Шикояту гилаи рӯзгорҳо дорам.
Биё, ки чун ту биёӣ,
ба вақти дидани ту
Зи дидагон қадаматро нисорҳо дорам.
Чу омадӣ, марав аз назди ман,
ки бо ҳама умр
Ба бӯса бо лаби лаълат шуморҳо дорам.
Нигор гар шудаам,
к-аз хаёли сурати ту
Ҳамеша пеши ду дида нигорҳо дорам.
Ҷамол деҳ чу рухи хеш корҳои маро,
Ки бе ҷамоли ту шӯрида корҳо дорам.

* * *

Пайки ду зулфи дилбарӣ, эй боди субҳдам,
З-он бо насими анбарӣ, эй боди субҳдам.
Бар мушки тобдодаи дилбар гузаштаӣ,
З-он дилрабою дилбарӣ, эй боди субҳдам.
Бар ҳалқаи муаттари мушкин гузаштаӣ,
Чун мушк аз он муаттарӣ, эй боди субҳдам.
Дар тан латофати ту маро ҷони нав ниҳод,
Гӯӣ, ки ҷони дигарӣ, эй боди субҳдам.
Парвардаи насими сари зулфи дилбарӣ,
З-ин рӯй рӯҳпарварӣ, эй боди субҳдам.
Хуш гашт умр бо туам аз ишқу ошиқӣ,
Қ-аз умру ишқ хуштарӣ, эй боди субҳдам.
Аҳд аст бо манат, ки саломам барӣ ба дӯст,
Ҳон, то зи аҳд нагзарӣ, эй боди субҳдам.

* * *

Эй дил, ғубори ғам бубарад боди субҳдам,
Бар зулфи дӯст гар гузарад боди субҳдам.
Бе боди субҳдам назанам дам, ки ҳар шабе
Пайғоми ман ба дӯст барад боди субҳдам.

Атру бухур бӯй ба зулфаш супурдаанд,
Бар зулфи ӯ аз он сипарад боди субҳдам.
Аз зулфи ӯ шудаст муаттар чу зулфи ӯ,
Азбас гиреҳ, ки мешумарад боди субҳдам
З-он зулф гашт муниси дилҳои ошиқон,
Оре, салоҳи худ нигарад боди субҳдам.

* * *

Ид асту ҳаққи ид бибояд шинохтан,
Аз бода нӯш кардану барбат навохтан.
Шаръ аст ҳаққи рӯза ба тоат гузоштан,
Шарт аст ҳаққи ид ба ишрат шинохтан.
Акнун, ки сохтанд ба як ҷой чангу ной,
Вақт аст вақти бо қадаҳи бода сохтан.
Чавгони зулфу гӯи занахдони ёр гир,
Дар рӯзи ид расм бувад гӯй бохтан.
Бар аспи бода сӯи тараб тохтан барем,
Зеро ба ид расм бувад асп тохтан.
Гар кина охтан зи адам расму одат аст,
Аз ғам бувад ба қуввати май кина охтан.
В-ар сар фарохтан ба бузургию ҳиммат аст.
Бояд ба мадҳи садри аҷал сар фарохтан.

Фехристи ҷуд,
саййиди сода, ки кори ӯст
Носеҳ азиз кардану ҳосид гудохтан.

* * *

Маъшуқа турфа-турфа намояд гул аз рухон,
В-аз мушк нофа-нофа кушояд зи арғувон:
З-он турфа-турфа турфафурӯшон ҳама хиҷил,
З-ин нофа-нофа нофакушоён ҳама даҳон.
Холаш чу дона-дона сипанд аст зери зулф,
Зулфаш чу ҳалқа-ҳалқа каманд аст бар рухон:
З-он дона-дона донаи норам шуда сиришк,
З-ин ҳалқа-ҳалқа ҳалқа шуда бар дилам ҷаҳон.
Рӯяш чу тӯда-тӯда гули лаъл дар чаман,
Хатташ чу тоза-тоза бунафша ба бӯстон:
З-он тӯда-тӯда тӯда маро лаъл пур зи зар,
З-ин тоза-тоза тоза маро ишқ парниён.
Чашмаш ба ҷумла-ҷумла зи ман
ҳуш бурду сабр,
Ҷаъдаш ба пора-пора зи ман дил рабуду ҷон:
З-он ҷумла-ҷумла ҷумла биронам зи дида ашк,
З-ин пора-пора пора кунам ҷома ҳар замон.

* * *

Эй, намуда тира-тира силсила бар арғувон
В-эй кашида хира-хира ғолия бар мушкдон.
Ҳар замон з-он тира-тира тира бодӣ абру меғ,
Ҳар замон з-он хира-хира хира будӣ мушки бон.
Раста дорӣ ришта-ришта зери гавҳар дурри ноб,
Баста дорӣ пушта-пушта зери каттон парниён.
Ҳар замон з-он ришта-ришта риштаи гавҳар хиҷил,
Ҳар замон з-ин пушта-пушта пуштаи насрин навон.
Гаҳ кушоӣ нофа-нофа мушк зери настаран,
Гаҳ намоӣ тӯда-тӯда сим зери парниён.
Ҳар замон з-он нофа-нофа нофаи Тиббит хиҷил,
Ҳар замон з-он тӯда-тӯда тӯдаи гул нотавон.
Хӯша-хӯша чаъди тар дорӣ ба рӯи маҳ нагун,
Ҳалқа-ҳалқа зулфи кач дорӣ ба рӯи гулситон.
Ҳар замон з-он хӯша-хӯша хӯша борам чун ақиқ,
Ҳар замон з-он ҳалқа-ҳалқа ҳалқа гардам чун камон.

* * *

Дил ба ишқи рӯи дилбар шод кун,
В-аз руху зулфаш гулу шамшод кун[90].

Ақл пеш, андешаро бар тоқ неҳ,
Нафси шодидӯстро дилшод кун.
Гаҳ бинои беғамӣ барпой дор,
Гаҳ сарои хуррамӣ обод кун.
Чокарони ишқро ичро бидеҳ,
Бандагони ҳирсро озод кун.
Дар чаҳон аз зулми мо инсоф хоҳ,
В-аз фалак бедоди моро дод кун.

* * *

Булбул расид, нағмаи булбул раҳо макун,
Гулбун шукуфт, чуз ҳама бар гул сано макун.
Аз рӯи дӯст дидаи худро тиҳӣ мадор,
В-аз дасти хеш дастаи гулро чудо макун.
Гар аҳд кардаӣ, ки нагирӣ қадаҳ ба даст,
Он аҳдро чу аҳди гуломад вафо макун.
Рӯзи май аст, соғари майро зи каф манеҳ,
Вақти гул аст, сӯҳбати гулро раҳо макун.
Эй соқӣ, аз шароби гарон гар фиғон кунем,
Дардеҳ, чунон ки хоҳию фармон маро макун.
Эй зоҳид, ар дуоии тавбат ҳамекунӣ,
Моро ба вақти булбулу гул ин дуо макун.

* * *

Эй, сипаҳи ишқи ту бар мо зада,
Сабру дили мо ҳама яғмо зада.
Ҷони ман аз ишқи ту ларзон шуда
Ҳамчу тани мардуми сармозада.
Бар мани бечора набахшию ман
Ҷуз ба ризои ту нафас нозада.
Рӯи ту дебою маро орзуст.
Бӯса бар он рӯи чу дебо зада.
Нест замине, ки набинам ҳаме
Боргаҳи васли ту он ҷо зада.

* * *

Шаб шунидастӣ зи рӯз овехта,
Моҳ дидастӣ зи мушк ангехта.
Лола пеши рӯи наргис саф зада,
Гирди марҷон гарди анбар бехта.
Ин ҳама бар рӯи зебо рӯи ӯст
Ошиқонро ранги ишқ омехта.
Рӯи моҳ овехта анбар туроcт,
Дил бад-он овехта овехта.

Оташи ҷангу ҷафо бар ман марез,
То нагардад обрӯям рехта.

* * *

Моҳро монад рухаш нокоста,
Зулфи чун шаб моҳро ороста.
Сарвболое, ки чун болои ӯ
Боғбон як сарв нопироста.
То маро савдои он маҳ дар сар аст,
Моҳро монам, валекин коста.
Дар нишасту хост чун сарву маҳ аст.
Фитнаҳо з-он сарву маҳ бархоста.
Аз ҳама хубон дил ӯро хостаст,
Ҳам дилаш додам ҷудо, ҳам хоста.

* * *

Эй, шаби торӣ ғуломи мӯи ту,
Рӯзи равшан пешкори рӯи ту.
Чокари рӯзу шабам, то рӯзу шаб
Ноибанд аз рӯи ту в-аз мӯи ту.

Бастаи мӯи ту дилҳои ҷавон,
Бастаи як мӯям аз гесӯи ту.
Аз ду чашмам ҷӯи хун ангехтаст
Ишқи мӯи дилбари хушбӯи ту.
Ишқ гӯӣ об хӯрд аз ҷӯи ман,
Ҳусн гӯӣ рӯй шуст аз ҷӯи ту.
Гӯйи хубӣ мебарад аз дилбарон
Ғамзаи чавгони мушкинмӯи ту.
Гашт таббои дилу даллоли ҷон
Қосиди кӯи ман андар кӯи ту.
Аз намози ишқ фориғ нестам,
То маро меҳроб гашт абрӯи ту.

* * *

Чун зулфи ту беқарорам аз ту,
Чун чашми ту бохуморам аз ту.
Эй, гашта чу рӯзгор бадаҳд,
Саргаштаи рӯзгорам аз ту.
Эй, ҳусни ту бешумор гашта,
Дар ҳасрати бешуморам аз ту.
Пуроби ду дида шуд канорам,
То гашт тиҳӣ канорам аз ту.

Аз бехабарӣ ки ман шудастам,
Ҳаққо, ки хабар надорам аз ту.

* * *

Хилъати чашми ман аст роҳати дидори ту,
Роҳати гӯши ман аст лаззати гуфтори ту.
Рашки ҳама оламанд гӯши ману чашми ман
Аз паи гуфтори ту в-аз паи дидори ту.
Аз гули рухсори ту хаста дилам рӯзу шаб,
Хастани хор омадаст аз гули рухсори ту.
Гарчи на хорӣ, на гул, ҳам ту гулӣ,
ҳам ту хор,
Эй ҳама гулҳои боғ чокари як хори ту.
Дар сари кори ту шуд донишу сабру хирад,
Эй, хиради бихрадон шефта
дар кори ту.
Ақл даҳони туро нимаи динор хонд,
То ҳама ақлам бибурд нимаи динори ту.
Ишқ ҷамоли туро бо гулу гулзор ёфт,
Эй, ҳама зории ман з-он гулу гулзори ту.
Фосидию косидем аз ту падид омадаст,
Фосиди роҳи туам, косиди бозори ту.

* * *

Гашт аз ҳавои ӯ тани ман чун миёни ӯ,
Шуд дар фироқи ӯ дили ман чун даҳони ӯ.
Ин фоида бас аст зи ишқаш, ки мар-маро
Дил чун даҳони ӯ шуда, тан чун миёни ӯ.
То бадгумон шуд он бути абрӯкамон ба ман,
Шуд рӯзгори ман ҳама ҳамчун камони ӯ.
Буди ҳамеша оразн ӯ навбаҳори ман,
Акнун шудаст чеҳраи ман меҳргони ӯ.
Ҳамчун рикоби хеш бимолад маро ба по,
Бар дасташ арчи бӯса занам чун инони ӯ.
Пуштам нишони ҳалқаи зулфайни ӯ гирифт,
Ин бас, ки ҳаст бар тани ошиқ нишони ӯ.
Н-озорам аз забонаш ба ҳар бад, ки гӯядам,
Ин бас, ки номи ман гузарад бар забони ӯ.

* * *

Гар ба ду рух фитнаи наззорай,
Дарди диламро ба ду лаб чорай.
Оина дар пеши ту бинам, магар
Пеши рухи хеш ба наззорай?

Дар дили ман ор(и)заи ишқи туст,
То ту бад-он оразу рухсорай.
Ахтари васлам зи ту торӣ чарост?
Гар ту ба рух ахтари сайёрай.
Зӯҳра наӣ,
чунки чафопешай,
Чарх наӣ, чунки ситамкорай.
Қам накунад ишқи ту хун рехтан,
То ту бад-он наргиси хунхорай.

* * *

Эй, турраҳои хубон аз нофаи ту бӯе,
Дилҳои ошиқонро бинмуда ту чу гӯе.
Чун шамъ чумла дорӣ парвонаи ғаматро
В-онгаҳ зи ту надида парвона ҳеч рӯе.
Ҳусни ҳазор Лайлӣ аз гулбуни ту ранге,
Ишқи ҳазор Мачнун аз чуръаи ту бӯе.
Эй,
дасти ғорати ту дар чорсӯи ишқат
Сарҳои гарданонро овехта ба мӯе.
Коми диле баровар аз давлати чамолат,
То коми дил биёбӣ аз давлати накӯе.

* * *

Сипеҳри некӯиро меҳру моҳӣ,
Ҷаҳони бадхӯиро солу моҳӣ.
Чунин дар некӯӣ то кай физоӣ?
Чаро аз бадхӯӣ лахте накоҳӣ?
На бе васли ту рӯзамро сапедист,
На бе ҳаҷрат гилемамро сиёҳӣ.
Ду лаб дорӣ, ки бурданд аз ҳаловат
Ба як бӯса зи ҳоли ман табоҳӣ.
Туро ҷӯям, ки сарви боқабоӣ,
Туро хоҳам, ки моҳи бокулоҳӣ.
Чу хоҳони туам, дигар чӣ ҷӯӣ?
Чу ҷӯёни туам, дигар чӣ хоҳӣ?
Ҳаме номи малоҳат бар ту зебад,
Чу бар хоразмшаҳ хоразмшоҳӣ.

* * *

Танг аст маро дил зи ғами тангдаҳоне,
Чун мӯй шудам аз ҳаваси мӯймиёне.
Аз хуни ҷигар чеҳраи ман лоласитон аст,
То дурам аз он чеҳраи чун лоласитоне.

Эй, дода маро васли ту ҳар соат суде,
Дорам зи фироқи ту ба ҳар лаҳза зиёне.
Темори ману нози туро нест қиёсе,
Ҳусни туву андуҳи маро нест кароне.
Чун хатту даҳони ту ба тангию ба хушӣ
На ғолияе дидаму на ғолиядоне.
Бӯсе зи лаби хеш ба ҷоне нафрӯшӣ,
Бифрӯш, к-аз ин кам набувад қуввати ҷоне.
Ҳарчанд ту аз бандан худ ёд наёрӣ,
Бе ёди ту ин банда набудаст замоне.

* * *

Аз мушки ноб силсила бар маҳ фикандай,
Моро ба мушку силсила аз раҳ фикандай.
Дар сим чоҳ дориву мискин дили маро
Дар чаҳ фикандай туву ногаҳ фикандай.
Гар сурати паямбари чоҳӣ рухи туроcт,
Мискин дили маро зи чӣ дар чаҳ фикандай?
Даҳ раҳ зи маҳ бадеътарӣ дар камоли ҳусн,
Рӯзе ба тири ғамза чу ман даҳ фикандай.
Дар ишқи ту чу пушти маҳи ту хамидаам,
То ту зи мушк силсила бар маҳ фикандай.

* * *

Эй, зулфи ту чун ваъдаи васлат ба дарозӣ,
Хубет ҳақиқат буваду ваъда маҷозӣ.
Дилдориву дилро ҳама дар ишқ фиребӣ,
Ҷонониву ҷонро ҳама дар ваъда гудозӣ.
Ҳаргиз нарасад аз ту дили ман ба навознш,
Ё одати хубон набувад банданавозӣ?
Абрӯй ба тоқи ту, ки меҳроби намоз аст,
Лекин суханат нест гаҳи ваъда намозӣ.
Нашнидаам аз кас, ки бинозанд ба тангӣ,
То чанд ба чашму даҳани танг бинозӣ...

* * *

Гаштам аз ҳиҷри ӯ низор чун най.
Ваъдаи васли ӯ надонам кай?
Ӯ бути дилбар асту нест маро
Ҳеҷ коре ба ҷуз парастиши вай.
Эй, баҳоре, ки бе ҳавои баҳор
Рӯи ту гул дамонад андар дай.
Гар гул аст аз ду орази ту хиҷил,
Чун зи мижгони ман кушояд х(в)ай?

Бас бахилӣ ба вақти бӯсу канор,
Боз ҳангоми ваъда Ҳотами Тай.
Бим бошад, ки ман маро нахӯрад,
Кай маро бе ту хӯрд бояд май?

* * *

Ба рӯи туам дил кушояд ҳаме,
Гарам зулфи ту дил рабояд ҳаме,
Лаби туст дармони дарди дилам,
Дилам сӯи ту з-он гарояд ҳаме.
Ҳама суди ман ҳаст дар васли ту,
Фироқи туам з-он газояд ҳаме.
Шароб ор, хез, эй дилором ёр,
Ки ҳушьёр будан нашояд ҳаме.
Хуш омад ҷавонию ишқу шароб,
Чу ин буд, дигар чӣ бояд ҳаме?!
Ба коре, ки дорад тааллуқ ба дил,
Маро ошиқӣ хуштар ояд ҳаме.
Чу номи маю ошиқӣ бишнавам,
Дил андар тани ман напояд ҳаме.
Маро маст кун, к-андӯҳи рӯзгор
Зи ҳушьёр будан физояд ҳаме.

Гарам маст бинӣ, накӯҳиш макун,
Ки ҳар ҳушьёр ин ситояд ҳаме.
Натобам сар аз роҳи ишқу шароб,
Ки ақлам чунин раҳ намояд ҳаме.

* * *

Гар маро савдои он ёри камонкаш нестӣ,
Дил зи тири ғамзагони ӯ чу тиркаш нестӣ.
Шодӣ аз дидори ман пинҳон нагаштӣ чун парӣ,
Гар дилам дар банди он хури париваш нестӣ.
Гар на хор аз ишқи ӯ чун хоки пояш будаме,
Мар-маро дар дидаву дил обу оташ нестӣ.
Гар набудӣ сурати ӯ офати наққоши Чин,
Сурати ишқаш маро дар дил мунаққаш нестӣ.
В-аз зи рӯи ӯ висол инсофи ман бистонадӣ,
Рӯзгори ман чу зулфи ӯ мушавваш нестӣ.
Сахт нохуш айш дорам,
к-аз ҷамолаш ғоибам,
Гар ҷамолаш ҳозирастӣ, айш нох(в)аш нестӣ.
Ранҷаам аз чашму дил в-аз ҷону тан в-аз айшу умр.
Гар набудӣ фурқати ӯ,
ранҷи ҳар шаш нестӣ.

* * *

Ба ҷону дил туро бошам, чӣ бошад, ғар маро бошӣ,
Зи ҷону дил ҷудо бошам, чу аз чашмам ҷудо бошӣ.
Заволи подшоҳиро ситам кардан сабаб бошад,
Макун бар дил ситам ҳаргиз, чу бар дил подшо бошӣ.
Тамоми доди дил бошад ба дилбар дил ато додан,
Зи дил чун доди ту додам, ситамкора чаро бошӣ?
Надонам, то чӣ дилдорӣ, ки то дилдори ман гаштӣ,
На бо дил меҳрубон гардӣ, на бо аҳд ошно бошӣ?
Чӣ бадаҳдист, к-овардӣ, зи аҳди ишқ баргаштан,
На бо ман аҳдҳо кардӣ, ки бо аҳду вафо бошӣ?
Маро гӯӣ, ки «як соат насозӣ бо ғами ишқам»,
Чу аз ишқи ту месӯзам, ту он соат куҷо бошӣ?
Ҷамоли ҷумлаи олам ту дорӣ аз ҳама хубон,
Ҳама олам маро бошад, ки як соат маро бошӣ.

* * *

Эй боди субҳдам, дами Исои Марьямӣ,
Қ-андар дилам зи бӯи ту шуд зинда беғамӣ.
Исо наию ошиқи майхораро ба субҳ
Ҷон ояд аз ту дар тани шодию хуррамӣ.

Ҳар субҳдам насими туам ҷони нав диҳад,
Гӯй,
ки бар танам дами Исо ҳаме дамӣ.
Чашми умеди ман зи дамат нури нав гирифт,
Гӯй, ки ноиби дами Исои Марьямӣ.
Исо ба осмон шуду наздики ошиқон
Исои дигар аст насими ту бар замӣ.

* * *

Нигоро,
садҳазора гар дил астӣ,
Нишони ишқи ту бар ҳар дил астӣ.
Се бӯса з-он ду лаб додӣ ба як дил,
Дареғо,
гар танам яксар дил астӣ.
Кунун аз бедилӣ бебӯса мондам,
Хуш астӣ,
гар маро дигар дил астӣ.
Бигирандӣ маро дар тӯҳмати дил,
Хироҷи ошиқӣ гар бар дил астӣ.
Манам пайваста хушнуд аз забонат,
Дареғо, гар забонат дар дил астӣ.

* * *

Гар на зи рақиб нохуш астӣ,
Бо хилвати ӯ маро хуш астӣ.
Гар ҷумла бало зи ишқ будӣ,
Ҳаққо, ки ҳама бало хуш астӣ,
Гар на зи ҷафо ҷудой афтад,
Аз дӯст маро ҷафо хуш астӣ.
Мардум зи вафо расад ба мақсуд,
В-ар на чӣ сабаб вафо хуш астӣ.
Гар бода на ёди дӯст дорӣ,
Бо бода маро чаро хуш астӣ?
Гар дидани дӯстон набудӣ,
Ин умр чӣ гуна нохуш астӣ!
В-ар дӯст зи мо ҷудо нагаштӣ,
Наврӯзу баҳори мо хуш астӣ.

* * *

Эй пайки хуҷиста, насими саҳаргаҳӣ,
Лутфе кун аз барои дили хастаи раҳӣ.
Фархунда тоҷи давлату дин, аҳли фазлро
Даврони ӯст мавсими осоишу беҳӣ,

Аввал бибӯс хоки дараш, в-он гаҳе сухан
Баргӯю бигзар аз сари эҷоди кӯтаҳӣ.
Гӯ: Бо вуҷуди ҷуди ту, к-он кас муроди дил
Бар остони ғайри ту ҷӯяд зи аблаҳӣ.
Акнун, ки рӯзгор пурошӯбу фитна гашт,
Офоқ шуд зи мардию аз мардумӣ тиҳӣ.



# ҚИТЪАҲО

Зи бахшандагон саҳни олам тиҳӣ шуд,
Қазо марг бахшид бахшандагонро.
Чунон наҳс шуд даври гетӣ, ки гӯӣ
Саодат намондаст рахшандагонро.

* * *

Аҳли ато кист, ки фазле бувад дар ӯ?
Набвад бад-он ато, ки бад-ин кас диҳӣ хато.
Нокас бувад касе, ки дар ӯ ҳеҷ фазл нест,
Нокас бувад касе, ки ба нокас диҳад ато.

* * *

Ҳама аз ишқи зиндагонии хеш
Дӯст медоштам ҷавониро.
Пирӣ омад в-аз ӯ батар ба ҷаҳон
Душмане нест зиндагониро.

* * *

Мӯям сапеду нома сияҳ монд аз гуноҳ.
Ҷуз узри тавба чора надорам гуноҳро.
Хоҳам, ки авфу раҳмату лутфи ту, эй худой,
Дар кори ин сапед кунад он сиёҳро.

* * *

Хаёли ту як соат аз чашми ман
Нагардад чу меҳри ту аз дил ҷудо.
Нагаштӣ маро чун хаёлат тамом,
Гарам чун хаёли ту будӣ вафо.

* * *

Чун иштиёқи ман ба ту афзун зи шарҳ бувад,
Мумкин нашуд,
ки шарҳ диҳам иштиёқро.
Аз ваҳшати фироқи ту талх аст коми ман,
Андоза ҷуз худой надонад фироқро.

* * *

Ҳар кӣ саъи бад кунад дар ҳақи халқ,
Ҳамчу саъи хеш бад бинад дуо.
Ҳамчунин фармуд эзид дар нубӣ:
«Лайса лилинсони илла мосаъо»[91]

* * *

Ҷаҳоне манам бе насиби ҷаҳон
Зи рӯи мусобат,
зи рӯи мусиб.
Қиро дорӣ андар ҷаҳон ҷуз маро
Ҷаҳоне зи моли ҷаҳон бенасиб?

* * *

Нанависӣ ҷавоби номаи ман,
Номаи ман наярзадат ба ҷавоб.
Эй аҷаб, фазли ту раво дорад,
Қ-аз лаби ташна боз гирад об.

* * *

Чаро тафохур ҷӯй бар ину он ба лақаб?
Чаро такаббур варзӣ бар ину он ба хитоб?
Гар аз хитобу лақаб ҳеҷ кас бузург нашуд,
Рабуд гӯи бузургӣ ҷаридан алқоб.

* * *

Соқиё, дар ҷоми ман кун оби раз,
З-он бизоат деҳ, ки ишрат суди ӯст.
Дар ҷаҳон чун оби раз маълум нест
Оташе, к-аз зулфи соқӣ дуди ӯст.

* * *

Зи рӯзгор маро хор ҳасту хурмо нест,
Масал хатост, ки гӯянд: «хор бо хурмост».
Зи хок назди фалак камтарам, ки аз хуршед
Насиби ӯ ҳама ганҷу насиби ман гармост.

* * *

Ғами имрӯз ҷони ман фарсуд,
Ғами фардо тани маро бигудохт.
Қори имрӯзи ман чу сохта нест,
Қори фардо чӣ гуна хоҳам сохт?

* * *

Пеши пире дилам ҳикоят кард,
«Қ-аз ҷавонӣ маро чӣ буд»? Бигуфт:
«Чун маро дар раҳи гуноҳ кашид,
Номаи ман сиёҳ карду бируфт».

* * *

Ҳакими мост ба ҳикмат зи ҷумлаи ҳукамо
Муҳаддисе,
ки ҳадисаш баробари ҳадас аст.
Чу ту харе чӣ кунад дар миёни аҳли хирад,
Агар на кори ҷаҳон ҳазлу заҳкае абас аст?!

* * *

Ҳақ бубину бигӯ ба чашму забон,
То ба водии ҳақ расӣ зи нуҳуфт.
Кӯри нодон,
ки ҳақ нахоҳад дид,
Гунги нодон, ки ҳақ наёрад гуфт.

* * *

Мадор баста дари хешу тангбор мабош,
Ки ин ду айби бузург аз бузургворӣ нест.
Бар он кушодакафӣ шарт нест дар бастан,
Бар он фарохдилӣ ҷон тангборӣ нест.

* * *

Ҳеҷ шараф чун шарафи илм нест,
Бадрақаи илм беҳ аз ҳилм нест.
Гарчи басе беҳ бувад аз нест ҳаст,
Нест беҳ он кас,
ки дар дар ӯ илм нест.

* * *

Акнун, ки хусумоти ҳама аҳли замона
Бар роҳи ту мақсур шуд аз роҳи ҳукумат,
Як роҳ:
ҳакам бош миёни ману гетӣ,
Бошад, ки зи ман қатъ кунад даст хусумат.

* * *

Қадри мардум сафар падид кунад,
Хонаи хеш мардро банд аст.
То ба санг андарун бувад гавҳар,
Кас чӣ донад, ки қиматаш чанд аст.

* * *

Фалак бадаҳду бас ноустувор аст,
Ҳама кори ҷаҳон нопойдор аст.
Ҳавое дораду обе замона,
Ки бо табъи ҷаҳон носозгор аст.

* * *

Ҳама шароб ба ёди бунафша бояд хӯрд,
Ки мар-маро зи хати ёр ёдгор шудаст.
Чӣ кас бувад, ки дар ин рӯзгор май нахӯрад?
Бад-ин хушию латифӣ, ки рӯзгор шудаст.
Тараб зи бодаву маъшуқу боғу гул хезад,
Тараб гузин ту ки ҳангоми ҳар чаҳор шудаст.

* * *

Орзумандии ман хидмати дидори туро,
Чун ҷафои фалаку меҳнати ман бисьёр аст.
Гӯшам аз гавҳари алфози ту то маҳрум аст,
Ҳамчу алфози ту чашмам ҳама гавҳарбор аст.
Тани ман, к-аз ту ҷудо монда ба назди ҳама кас,
Чун ҷаҳон пеши дилу дасти ту бемиқдор аст.
Дилам аз фурқати ту танг чу чашми мӯр аст,
Айшам аз дурии ту талх чу заҳри мор аст.
Бадали хобу хур андар дилу дар дидаи ман
Шабу рӯз аз ғами дидори ту хуну хор аст.
Гарчи ёдам накунӣ, ҳеҷ фаромӯш наӣ,
Ки маро бо туву ёди ту фаровон кор аст.

Рӯзгорат ҳама хуш бод, ки бе дидани ту
Рӯзгору сару корам ҳама ноҳамвор аст.

• • •

Назми равон зи оби равон сиаро беҳ аст,
Шеъри равон зи ҷону равон гудохтаст.
Нодон чӣ донад он, ки сухандон ба гоҳи назм
Ҷонро гудохтасту аз он шеър сохтаст.
Дар гӯши ошиқон сухани нағзи шоирон
Хуштар зи бонги булбулу овози фохтаст.
Мубҳал, ки ҳаққи назм надонад шинохтан,
Миқдори шеъру ҳаққи сано кай шинохтаст?
Ман донам аз тариқи ҳиҷо кина охтан,
Шоир дар ин тариқ басе кина охтаст!

• • •

Ӯ шуд ҷавону оҳ, ҷавонии ман бирафт,
Ёқути ман зи рафтани ӯ каҳрабо шудаст.
То дар ҳавои олами пирӣ фитодаам,
Шахсам заъиф гашту дилам дар ҳаво шудаст.

Ғам шуд ҷавон,

чу рӯзи ҷавонии ман бирафт,

Шодем пир гашту нишотам ҳабо шудаст.

Обе, ки рӯи ман зи ҷавонӣ гирифта буд,

Дар чашм омадасту зи рӯям ҷудо шудаст.

З-ин пеш ишқи зулфи дуто буд дар дилам,

Он ишқ ҳеҷ гуна надонам куҷо шудаст?

Бар гарди[92] осиёст сари ман зи рӯзгор

Ин гашти рӯзгор магар осиё шудаст?

Он дилбаре, ки дам назадӣ бе вафои ман,

Акнун вафои ӯ ҳама бар ман ҷафо шудаст.

Пирӣ паёмгӯи ман омад,

ки беш аз ин

Зулфи дуто маҷӯй, ки пуштам дуто шудаст.

Бар ман ҷавонии ман чун худ вафо накард,

Ӯ низ чун ҷавонии ман бевафо шудаст.

* * *

Зери дунон нашин, ки шери фалак

Баста манзил фуруди говбар аст.

Зиракон зери говришонанд,

Оли Имрон фурудулбақар аст[93].

* * *

Бигардон рӯн дил аз фикрати бад,
Ки бад кардан на кори бихрадон аст.
Бадӣ андеша кардан дар ҳақи халқ
Бадии кори ту дар вай ниҳон аст.
Қасе, к-ӯ некӣ андешад ба ҳар кас,
Ба некӣ дар ҷаҳон соҳибқирон аст.
Бирав, некӣ куну аз бад бупарҳез,
Қи бад кардан на кори зиракон аст.
Агар некӣ кунӣ пинҳон, на зоҳир,
Ба назди некмардон некӣ он аст.
Қи бадгӯро сухан бо некандеш
Ба ҳарза чун дарои корвон аст.

* * *

Гуфтанд, ки «кардай накӯҳиш
Онро, ки хулосаи ҷаҳон аст».
Ин феъл на феъли ин замир аст,
В-ин қавл на қавли ин забон аст.
Ин қасди кадом зан ба мард аст?
В-ин феъли кадом қалтабон аст?!

* * *

Зиҳӣ ёфта дину давлат зи ту
Сафое, ки гардун зи ахтар наёфт.
Зи авлоди одам ду кас монду бас,
Ки аз кони ҷуди ту гавҳар наёфт:
Яке он, ки модар ҳанӯзашназод,
Дигар он, ки аҳди туро дарнаёфт.

* * *

Ҳеҷ неъмат чу зиндагонӣ нест,
Ба хушӣ бурд, ҳар кӣ ҷонвар аст.
Манам он кас, ки зиндагонии ман
Бе ту аз рӯзи марг талхтар аст.

* * *

Ҳурмати ту ҳасабию насабист,
Ҳурмати неъматию молӣ нест.
Дар ду сад шаҳр яке нест чу ман,
Як деҳ аз баст чу ӯ олӣ нест.

* * *

Туро, ки фазлу ҳунар асту бахту давлат нест,
Дуруст шуд,
ки гунаҳ мар замонаро, на туроcт.
Агарчи ҳусни адаб дорию ҷамоли ҳунар,
Чӣ фоида, ки ду чашми замона нобиност!

* * *

...Шоҳо, манам, ки бандаи деринаи туам,
В-акнун шудаст нӯши ман аз ранҷи дил кабаст.
Шаст аст соли умраму пеши ту будаам
Баста камар ба хидмати ту нимае зи шаст.
Имрӯз масти домаму махмури меҳнатам,
Ҳаргиз бад-ин шароб чу ман кас мабод маст.
Оби маро мазаллати ҳар фомхоҳ рехт,
Ҷони маро малолати ҳар фомдор хаст.
Айём бар танам дари ҳар андӯҳе кушод,
Афлок бар дилам дари ҳар шодие бубаст.
Эй шоҳ, даст гир маро,
к-аз балои фом
Аз пой дарфитодаму шуд кори ман зи даст!

* * *

Ёраб, дарахти умри маро бору барг деҳ,
Гарчи дарахти умри маро бору барг нест.
Дахлам тамом кун,
ки маро вачҳи харч ҳаст,
Умрам дароз деҳ, ки маро барги марг нест.

* * *

То бад-он дӯст, ки гӯям ғами хеш,
Ғами ӯ аз ғами ман бештар аст.
Он, ки зи ӯ марҳами дил металабам,
Дили ӯ аз дили ман рештар аст.

* * *

Агарчи ҳаст чон андар тани мо,
Намедонанд доноён,
ки чон чист.
Чу кас бар осмон аз мо набудаст,
Чӣ донад, к-аз бари ҳафт осмон чист?

* * *

Раису саййиди шарқу Хуросон,
Ҷамоли ту саодатро саодат.
Чу хоҳӣ, к-ат саодат беш гардад,
Ҳамекун мар саодатро иодат.
Ҳама шуғли ту дар илм асту дар адл,
Ду бинам боизофат боифодат...
Агар феъл аз иродат ҳосил омад,
Ҳунар феъл асту қилки ту иродат.
Зи лафзи бикри ту зояд маонӣ,
Аҷаб бошад зи дӯшиза валодат.
Ту дорӣ дар улув мадҳи муалло,
Маониро чӣ бошад з-ин зиёдат.
Бад-ин зикру бад-ин назму бад-ин нутқ
Чу ман н-оянд аҳли истифодат.

* * *

...Муддате шуд, то маро дар ҳодисоти рӯзгор
Бар дилу ҷон касрати ҳар меҳнате аз қиллат аст.
Гарчи бо ғафлат наям дар боби назму кони наср,
Хотири айёмро дар ҳаққи мо сад ғафлат аст.

Гарчи ҳаргиз дар масофе савлате н-омад зи ман,
Ҳар замон бо ман ҳаводисро масофи савлат аст.
Айши ширин талх гардад, ҳар кучо утлат бувад,
Айши ман гар талх шуд, худ айби он аз утлат аст.
Ҳар ки дар узлат бувад, аз вай начӯянд интиқом,
Интиқоми чарх бо ман сарбасар дар узлат аст.
Аз ачал мӯҳлат намехоҳам, ки н-ояд назди ман,
Бо чунин ғамҳо, ки ман дорам, чӣ чои мӯҳлат аст?!

* * *

Бар вафоти ту моли ту бубаранд,
Ворисони ту аз зукуру инос.
Ту ба миннат бидеҳ, ки бе миннат
Бурд хоҳанд ворисон мерос.

* * *

Ба чарху Қарх расидам зи лафзи номаи ту,
Ҳуруфу маънии ӯро зи дурҷ диҷаму бурҷ.
Зи дурчи ӯ ба тааччуб назора мекардам
Гаҳе зи чарх ба Қарху гаҳе зи бурҷ ба дурҷ.

* * *

Фурӯ борид тӯфон бар сари ман,
Чу аз пирӣ маро маҷрӯҳ шуд рӯҳ.
Бимондам аз қадам то фарқ дар ғарқ,
Қ-аз ин тӯфон на киштӣ монд, на Нӯҳ.

* * *

Рӯзе ҳазор бор сари зулф бишканад,
Тарсам, ба аҳди дӯстии ман ҳамон кунад.
Доим ҳамекунам лаби ширин-шро сифат,
Охир ба бӯсае дили ман шодмон кунад.

* * *

Гирад қадар инонашу бӯсад қазо рикоб,
Гар пою даст қасди рикобу инон кунад.
Ҳаргиз ба солҳо накунад абри навбаҳор
Он макрамат, ки дасти ту дар як замон кунад.
Шеър асту бас, ки хондани ӯ номи мардро
Машҳури шаҳру шӯҳраи халқи ҷаҳон кунад.

* * *

Суханварон,
ки туро дар сахо саҳоб ниҳанд,
Ҳаме санои сахои ту бар саҳоб кунанд.
Замона ғарқаи тӯфони симу зар гардад,
Гар ахтарон зи сахои ту фатҳбоб кунанд.

* * *

Сухан баланду гаронмоя аз санои ту шуд,
Сухан баланду гаронмоя бе сахо нашавад.
Маҳалли неъмати ту гар ба ҳиммати ту расад,
Қасе ба меҳнати ифлос мубтало нашавад.

* * *

Кеҳтару меҳтару вазеъу шариф—
Ҳама аз рӯзгор ранҷуранд.
Дӯстон гар ба дӯстон нарасанд,
Андар ин рӯзгор маъзуранд.

* * *

Расид навбати пириву рафт барной,
Дил аз нишоту тараб ноумед бояд кард.
Сарам сапед шуду нома аз гунаҳ сияҳ аст,
Ба оби тавба сияҳро сапед бояд кард.

* * *

Олим, ки хӯрдан-ш ҳама ғам бошад аз ҷаҳон,
Беҳтар зи ҷоҳиле,
ки наими ҷаҳон хӯрад.
Гарчи ғизои боз бувад синаи тазарв,
Беҳ з-он ҳумой, гарчи ҳама устухон хӯрад.

* * *

Фарри ҷавониям ба ҳазимат ниҳод рӯй,
То рӯзи пирӣ омаду бар ман сипаҳ кашид.
Пирӣ,
ки сӯи тавбаву тоат кашад маро,
Беҳ з-он ҷавоние, ки маро дар гунаҳ кашид.

* * *

Қурби як моҳ шуд,
ки дар шабу рӯз
Чашми ман моҳу офтоб иадид.
Андар он хонаам,
ки дар ҳама умр
Ҳеҷ чуғзе чунон хароб надид.
З-оташи дил кабоб шуд ҷигарам.
З-оташи дил касе кабоб надид.
То дар ин хонаам,
зи бедорӣ
Дидаи ман хаёли хоб надид.
Кас суоли маро ҷавоб надод,
Қас халоси маро савоб надид.
Ҳеҷ мӯъмин чунон итоб наёфт,
Ҳеҷ кофар чунин азоб надид.
Ҳамчунон мехӯрам таому
шароб,
Ки касе хоб диду об надид.
Ҳеҷ муслеҳ чунин таом нахӯрд,
Ҳеҷ муфсид чунон шароб надид.
Бе хато бар ман ин хитоб чарост?
Бе хато кас чунин хитоб надид!

* * *

Зи рӯзгор ҳазар кун, зи кирдигор битарс,
Гарат, ки дар ҳама офоқ дастрас бошад.
Чу рӯзгор барошуфту кирдигор гирифт,
Заволи давлати ту дар яке нафас бошад.
На кирдигор ба тадбири халқ кор кунад,
На рӯзгор ба фармони ҳеҷ кас бошад.

* * *

Чун ҳама рӯи замона сӯи ҷафо бувад,
Мӯҳташамон одати замона гирифтанд.
Гар хирад аз корҳо миёна гузинад,
Чун зи ҳама фазлҳо карона гирифтанд.

* * *

Ҷавонӣ бурун рафту пирӣ даромад,
Даду дом агар бо ман ором гирад.
Натарсидаме гар бимурдӣ ҷавоне,
Кунун мебитарсам, ки пире бимирад.

* * *

Аз аҳли ин замона парешон шудаст табъ,
Назми накӯ ба табъи парешон намерасад.
Симурғ гаштанд каримон магар, ки низ
Чашми тамаъ ба талъати эшон намерасад.

* * *

Дӯстоне,
ки мар-маро буданд,
Ҳама дар зери хок хок шуданд.
Дасти ман бе ато аз он мондаст,
Ки ҳама мӯътиён ҳалок шуданд.

* * *

Хоҷаро бо ҳама зуфтӣ ҳаваси мадҳи худ аст,
Бар лаби хук чӣ ҷои ҳаваси бӯса бувад?
Ин ҳамоқат чӣ аҷаб бошад аз он риши бузург,
Ҳар киро риш бузург аст,
хирад кӯса бувад!

* * *

Одамӣ аз барои лаззати хеш
Зиндагонии дароз мехоҳад.
Лекин он кас,
ки зиндагонӣ дод,
Додаи хеш боз мехоҳад.

* * *

Туркони туву вишоқи хуршед
Шамшерзану фалаксаворанд.
Дар базм чу лола
дил кушоянд,
Дар разм чу шер пойдоранд.
Дар маҷлиси лаҳв ҷонфизоянд,
Дар ҳолати ҳарб ҷоннисоранд.
Аз пардаи лаъб гар ба ногоҳ
Бар моҳи фалак назар гуморанд.
Сад тир ба як камон ниҳода
Дар домани осмон гузоранд.

* * *

Нест мумкин ба висоли ту расад дил ба шитоб,
Чӣ кунам, сабр кунам, то ба мадоро бирасад.
Бӯсаеро лабат аз ман ба диле қонеъ нест,
Қасди ҷон кард, ба мақсуд расад ё нарасад.
Инчунин ишқ, ки ман дорам аз он лаб, ки туроcт,
Ҳеҷ шак нест, ки ин кор бад-он ҷо бирасад.
Ваъдаи бӯса зи имрӯз ба фардо фиканӣ,
Вои ман, гар нарасад бӯсаю фардо бирасад.

* * *

Чу роҳи ҷавонӣ супурдам ба фиск,
Ба пирӣ раҳи тавба бояд супурд.
Маханд аз ҷавоне, ки бо фиск зист,
Бар он пир бигрӣ, ки бе тавба мурд.

* * *

Ба мотам нишинӣ ба марги занат,
Аз ин пас ба марги ту мотам бувад.

Занат мурд, чун ту намирӣ ҳаме,
Чӣ мардӣ бувад, к-аз зане кам бувад?!

* * *

Эй Шамолӣ, гарам ту настой,[94]
Чун мане носутуда кай монад?
Гар ту оҳанги Сайқалӣ накунӣ,
Теғи ман нозудуда кай монад?
Гар аҷал ҷони зиракон бибарад,
Қишти ман нодуруда кай монад?
Абр агар пеши офтоб ояд,
Нури ӯ носутуда кай монад?
Баду неки ту-ҳар ду мешунавам,
Неку бад ношунуда кай монад?

* * *

Рӯзи май хӯрдан ба дӯзах рафтӣ, эй Ахтӣ, зи базм,
Сад хазорон офарин бар рӯзи май хӯрдан-т бод!
То ту рафтӣ, оламе аз рафтани ту зинда шуд,
Гарчи аҳли неъматӣ, раҳмат бар ин мурдан-т бод!

* * *

Ба барной чунин бурдам гумоне,
Ки гар дилбар наёяд, дил бимирад.
Кунун чун рӯзи пирӣ рӯй бинмуд,
Ҳаме аз рӯи дилбар дил бигирад.

* * *

Гуфт бо пур дашнасоз падар,
Ки «дигар дашна бар камар назанад.
Нагузорад зи хона по берун
Субҳ, то офтоб сар назанад.
Наравад назди зоҳидон ба суол,
Яъне оташ ба хушку тар назанад.
Шона холӣ кунад зи боди сипар
Пари аблақ дигар ба сар назанад».
Гуфтамаш: «Ин чаҳор донистам,
Пар чаро гуфтаӣ дигар назанад»?
Гуфт: «Ин гуфтаам, валек ба ту
Зараре мерасад, агар назанад»?
Гуфтам: «Оре, наметавонам дид,
Мурғи рӯҳи ман аст, пар назанад!»

* * *

Ҳар замон ин замонаи тавсан
Айш бар ман ба нохушӣ дорад.
То фалак баркашида ҳар нафасе
Мар-маро дар кашокашӣ дорад.
Он саворе, ки зери зин ҳар шаб
Шуббаи куни асп абрашӣ дорад.
Хастаи тири ӯст ҳар ҷигаре,
Сахт пуртир тиркаше дорад.
Бар ман аз рӯзгори урташвиш,
Ақлро чун мушаввашӣ дорад,
Чанд ояд маро зи об, ки об
Охир аз хок мафраше дорад.
Аз ғами боди сарду ҳасрати ман
Санг дар сина оташе дорад.

* * *

Эй дареғо, ки аҳди барноӣ
Аҳд бишкасту ҷовидона намонд.
Аз замона ғараз ҷавонӣ буд.
Лекин аз гардиши замона намонд.

Оби маъшуқро замона бирехт,
Қ-оташи ишқро забона намонд.
З-он ҳама айшҳо, ки мо кардем,
Баҳраи мо ба ҷуз фасона намонд.
З-он ҳама комҳо, ки мо рондем,
Ҷуз вубол андар он миёна намонд.
То камонӣ гирифт қомати мо,
Тири уммедро нишона намонд.
Бар сар аз бими тозиёнаи марг
Тамаи аспу тозиёна намонд.
Дар сар аз саҳми гӯрхонаи танг
Ҳаваси бӯстону хона намонд.
Чун ба пирӣ расид навбати умр,
Навбати тавбаро баҳона намонд.
Чанд хоҳӣ шунид аз ину аз он,
Ки фалон рафту фалона намонд,
Ҳам яке рӯз они ту шунаванд,
Ки фалон хоҷаи ягона намонд.
Эй басо, саркашон, ки дар сари шон
Неъмату нози хисравона намонд.
Хона пурдонаҳои дур карданд,
З-он ҳама дона нимдона намонд.
Қасри шоҳон хароб гашт ҳама,
Дару даргоҳу остона намонд.

Дар чаҳон ҳеҷ дил набанд, ки он, к
Дил дар ӯ баст, шодмона намонд.

* * *

Номаи маҷлиси ту то нарасад,
Нарасад дасти ман ба ҳеҷ мурод.
Қ-аз саводу баёзи номаи туст
Чашму айши маро баёзу савод.

* * *

Ба ҳунар фахр кун, макун ба гуҳар,
На ҳама фахр аз обу гил бошад.
Зиндае, к-ӯ ба мурда фахр кунад,
На ҳамоно, ки зиндадил бошад.

* * *

Равшан шавад ду дида, чу бинам хитоби ту,
Ман дар хитобу хатти ту з-он дорам эътиқод.

То аз саводи хатти туам нур ёфт чашм,
Бовар шуд он ҳадис, ки «аланнур фиссавод»[95].

* * *

Биёр, эй соқии хуршедчеҳра,
Мае, к-ӯ сафват аз хуршед дорад.
Чӣ хуршеде, к-аз ӯ чун хӯрд маҷлис,
Ту гӯй неъмати Ҷамшед дорад.

* * *

Сиришке, к-аз ғами маъшуқ борам,
Ҳама ранги лаби маъшуқ дорад.
Шунидастӣ ба гетӣ ҳеҷ ошиқ,
Ки аз дида лаби маъшуқ борад?

* * *

Эй каримони Балху мамдӯҳшон,
Ҷудашон зуфтӣ аз замона бибурд.

Матҳашон гуфтаму ато доданд,
Ба ҳамӣ родӣ аз миёна бибурд.

* * *

Бад-ин замона, ки мо андар ӯ гирифторем,
Бузургу хурд ҳаме зулли якдигар ҷӯянд,
Агар ба марг гаҳе розҳо ариза кунанд,
Ба ҷои марсия шояд, ки таҳният гӯянд.

* * *

Мардуми ҷоҳил маҳалли илм надонад,
Мардуми беасл номи нек наҷӯяд.
Ҳар ки дилаш нек нест, ҷуз ба зарурат,
Ҳеҷ касеро забон-ш шукр нагӯяд.

* * *

Онҳо, ки битарсанду бибахшанд маро чиз,
Аз ман ба забону қаламу шеър битарсанд.

Бас, чун ки битарсанд зи шеъру қалами ман,
Онҳо, ки маро чиз бибахшанду битарсанд.

* * *

Надорам умеди беҳӣ з-ин замона,
Қи умрам ҳама дар умеди беҳӣ шуд.
Ҷаҳон аз лаъимон тиҳӣ беҳ, валекин
Ба нокоми мо аз каримон тиҳӣ шуд.

* * *

На толее, ки амонам диҳад зи чашм худо,
На неъмате, ки бад-ӯ халқро кунам хушнуд.
Шудаст маъсияту муфлисӣ бизоати ман,
Маро бад-ин ду бизоат чӣ суд хоҳад буд?!

* * *

То мол набахшӣ, зи ҳунар баҳра наёбӣ,
Чун нам набувад, сабза ба ҷуз хушк нагардад.

Ин хурда нигаҳ дор, ки то оҳуи Тиббит
Сунбул начарад, хун-ш ҳаме мушк нагардад.

* * *

Хор шавад тан ба марг, агарчи азиз аст,
Иззи тани мурдаи азиз намирад.
Хору азиз аз замона зинда намонад,
В-он ки зи мо зинда монд, низ бимирад.

* * *

Агар беҳ зи пирист мирӣ, нахоҳам,
Ки ҳаргиз бути ман маро мир хонад.
Дилам тоза гаштӣ, чу хондӣ ҷавонам,
Кунун чун шавад, чун маро пир хонад.

* * *

Ба ҳеҷ вақт агар номи кеҳтарон шуморӣ,
Марову номи маро андар он шумор мабар.

Дар он табор,
ки як тан мухолифи ту бувад,
Зи рӯзгор биборад дар он табор табар.
Қимор кард қамар бо мунозеи ту ба ғам,
Бибурд умри мунозеъ дар он қимор қамар.
Бухори ғам зи сарам дар дамад зи оби ду чашм,
Яке маро ба бузургӣ аз ин
бухор бихар.
Агар зи чашми ту хушнудие шикор кунам,
Зи ҷоми Зӯҳра бувад мар-маро шикор шакар.
Чаро ҳамеша ба ҷурму хатои
ман нигарӣ?
Ба фазли хеш бар-ин узр чун нигор нигар!
Дарида пардаи ман бештар мадори фалак,
Ту низ боқии парда бад-ин мадор мадар.

* * *

Банда дар мастӣ агар гуфт фузул
Ҷурми ӯро ба тафаззул бигузор.
Он киро нест ба ҳушьёрӣ ақл,
З-ӯ ба мастӣ тамаи ақл мадор.

* * *

Зи ҷумла неъмати дуньё чу тандурустӣ нест,
Дуруст гардадат ин, гар бипурсӣ аз бемор.
Ба корат андар ар нодурустие бинӣ,
Чу тан дуруст бувад, ҳеҷ дил шикаста мадор.

* * *

Ба майдону девон бадандешро,
Ба теғу қалам кардай корзор!
Зи бими қалам кардани теғи туст,
Ки ларзон бувад найза дар корзор[96].

* * *

Эй вазири шоҳи олам, эй насири дини ҳақ,
Ақлро килкат насиру ҳилмро роят вазир...
Сахт маҳрумам дар ин давлат-ағисно ё муғис[97],
Саъб ранҷурам дар ин уммат-аҷирно ё муҷир[98].
Ҳоҷате дорам, ки ёд орию фармоӣ маро,
Андар ин ҳоҷат маро вақти иҷобат дастгир!

* * *

Зи ман ба қаҳр ҷудо кард рӯзгор се чиз,
Чунон се чиз, ки монанди он надонам низ:
Яке либоси ҷавонӣ, дуюм умеди амал,
Сеюм ҳаловати дидори дӯстони азиз.

* * *

Шигифт нест чу бо теғ дар масоф ояд,
Ки теғи кӯҳ биларзад зи дасти тегзанаш.
Лаби мулук ҳаме бӯса бар бисоташ дод,
Ҳанӯз ношуда оби таровати куҳанаш.

* * *

Бе дӯст мондаам, чу туро дӯст хондаам,
Қ-аз дӯст дӯстона надидам ҷазои хеш.
Гар ошиқӣ хатост ба наздики оқилон,
Он ошиқам, ки хуш бувадам бо хатои хеш.
В-ар бедиле ҳавои туро кардааст хуш,
Хуррам диле бувад, ки гузинад ҳавои хеш.

Онам, ки то аҷал нарасад дар кафои ман,
Ё бе дуои хайри ман андар қафои хеш,
Таҳсин кунад фалак,
чу бихонам санои ту,
Бар ман сано кунӣ, чу бубинӣ санои хеш.

* * *

Пайваста аз худои ҷаҳони ваҷибалвуҷуд
Дидори хур хоҳаму бас дар суҷуди хеш.
Гӯӣ, ки ҷуд боз адам шуд, ки кас намонд,
К-ӯ тарбият кунад чу манеро ба ҷуди хеш.
Чун аз вуҷуди ҳеҷ касам нест роҳате,
Дар ранҷ мондаам ҳама рӯз аз вуҷуди хеш.

* * *

Тааммул кун аз рафтани рафтагон,
Ки буданд чун ту ба нафсу нафас.
Манеҳ дил ба мондан бад-ин мондагон
К-аз ин мондагон монданӣ нест кас.

* * *

...Шунидай, ки чӣ аъҷубае сохтанд аз ман
Ситора гоҳи масиру замона вақти суруф?
Чу дар суфуфи маонӣ маро набуд назир,
Аз он расид маро аз бало суфуфи суфуф.
Ба ман расад хама чавр аз замона, пиндорӣ,
Ки чаври ӯ ҳама аз баҳри ман бувад мавқуф.
Ҳамеша ранчу ано аз сифоти ҳоли ман аст,
Чунон ки аз сифати эзидӣ раҳиму рууф.
Агар асири ҳаводис шудам, шигифт мадор,
Ба меҳру моҳ расад накбати хусуфу кусуф.
Зи хавфи бедирамӣ чун зиям дар ин айём,
Ки ҳоли фазл табоҳ асту роҳи ҷуд махуф?!
Бихон дуои маро, пас бихар санои маро,
Ки номи мӯҳташамонро сано кунад маъруф.

* * *

Он муханнас Рашидаки Ватвот
Ҷаҳлро ҳамчу ақлро Букрот.
Гар ба дӯзах ҳадиси ...р кунанд,
Хештанро дарафканад зи сурот[89].

* * *

Зи ҳад гузашту ба ғоят расиду бемаза шуд
Ҷафои ахтару ҷаври ҷаҳону қасди фалак.
Ҷафову ҷаври ҷаҳонро якест миру малик,
Анову қасди фалакро якест деву малак.
Қадом табъ, ки аз ман дар ӯ нахост ҳасад?
Қадом дида, ки аз ман дар ӯ нарафт хасак?
Фасона шуд ҳама аҳволи ман ба буду набуд,
Фасод гашт ҳама умри ман ба ливу ба лак.
Замона аз ҳама кас бар ман аст муставлӣ,
Ки назди ӯ ҳама ҳаққи ман аст мустаҳлак.
Зи хайри хеш ба шоистагӣ падид оям,
Ба вақти таҷриба чун зар,
ки барзанӣ ба маҳак.
Чу об аз оташу рӯз аз шабу ҳақ аз ботил,
Чу шодӣ аз ғаму нек аз баду яқин аз шак.
Аз он, ки мӯътақиди Муртазову Фотимаам,
Бад-ин сухан зи ҳақиқат гуноҳ дорам ҳақ.
Зи рӯзгор ба ранҷам,
зи дӯстон маҳрум,
Чу Муртазо зи хилофат, чу Фотима зи фадак.
Зи баски бенамакӣ кард бо ман ин айём,
Дар оби дидан гирьён гудохтам чу намак.

Сипеҳри пир ҳаме он кунад, ки аҳли хирад
Ҳазор айб кунанд, ар чунон кунад кӯдак.
Фиғон аз ӯ, ки ба сад сол гуфт натвонам
Ба сад ҳазор забон аз ҷафои ӯ садьяк.
Хушам ба дӯстии Муртазову фарзандон-ш,
Қ-аз ин ҳусул дараҷ бошаду халос дарак.

* * *

Басе беҳ бувад мурдан аз зистан,
Қиро зиндагонӣ набошад ба барг.
Зи бас ранҷу офат,
ки дар зиндагист,
Ҳасад мебарам мурдагонро ба марг.

* * *

Гарам мидҳат омад ба таърифи ту,
Туро ҳаст фахру маро нест нанг.
Набинӣ,
ки мар зарри покизаро
Ҳаме мидҳат ояд ба таърифи санг.

* * *

Чун наёбад кеҳтар аз меҳтар ато,
Пас миёни кеҳтару меҳтар чӣ фарқ?
Шарти меҳтар чист?—
Бирру фазлу базл,
Шарти борон чист?—Абру раъду барқ!

* * *

Сано ба номи ту рағбат ҳаме кунад ҳама вақт,
Ҷаҳон ба рӯи ту хуррам ҳаме бувад ҳама сол.
Чу ғамкашон ба шаробу чу муфлисон ба дирам,
Чу дӯстон ба висолу чу бӯстон ба ниҳол.

* * *

На ваъдаю на паёму на номаю на расул,
Бад-ин далел набошад маро умеди вусул.
Умеди васли ту дорам ҳамею ҳосил нест
Зи фурқати ту умеди маро умеди ҳусул.

* * *

Зи аҳли ҷуду саховат замона холӣ монд,
Чӣ ҷурми муфлисии хеш бар замона ниҳам?
Замонае, ки худ аз муфлисӣ ҳаме нараҳад,
Дар ин замона ман аз муфлисӣ чӣ гуна раҳам?

* * *

Эй хоҷа, бид-он ки мар занатро
Аз лутфи ҳаво сиришта дидам.
Полизи миёни пои ӯро
Пайваста хиёр кишта дидам.
Ҳарфе ду-се, к-он работи вақф аст,
Бар тоқи к...ш набишта дидам[100].

* * *

Ҳар замон бе ту сабурӣ суҳбат аз ман бигсалад,
Он манам, к-аз суҳбати меҳри ту ҳаргиз нагсалам.
Орзуманди туам, в-ар шарҳи он хоҳӣ зи ман,
Дил ба назди туст, бингар, то чӣ бинӣ дар дилам.

* * *

Чу шамшерам андар наёми ҳунар
Ба қимат баланду ба гавҳар тамом.
Сазад,
гар назирам наёбад сипеҳр,
Нагунҷад ду шамшер дар як наём.

* * *

Футӯҳӣ[101], зи дидори ҷонпарварат
Фузун шуд яке ҷони нав дар танам.
Агар на Футӯҳӣ туй дар ҷаҳон,
Чу рӯи ту дидам, Футӯҳӣ манам,

* * *

Ба рӯз аз бими душман шод гаштан
Ғами дил пешу пас гуфтан наёрам.
Зи бими хоби бад дидан ба шабҳо,
Агар хобам бувад, хуфтан наёрам.

* * *

Хуш аст бода, ки бошад яке ҳарифи зариф,
Зариф нест ҳарифе,
ки бишмарад нафасам.
Чунин ҳариф талаб кардаему ёфт нашуд,
Биёр бода, ки ман худ ҳарифи хеш басам.

* * *

Қувватам бо номи барної бирафт,
Бори заъф аз доми пирӣ мекашам.
Нестам як лаҳза бе ранҷи хумор,
То шароб аз ҷоми пирӣ мекашам.

* * *

Будам аз рӯзи ҷавонӣ ҳар нафас дар лаззате,
З-он чунин дар ҳасрати рӯзи ҷавонӣ мондаам.
Лаззате аз зиндагонӣ нест дар пирӣ маро,
З-он ки дар бими заволи зиндагонӣ мондаам.

* * *

Гар кафи пои туро зи ишқ бибӯсам,
То накунад буссадин лаби ту фусӯсам.
Рӯзе сад раҳ ду зулфи ғолиаборат
Пои ту бӯсанд, ман киям, ки набӯсам?!

* * *

То намудӣ орази чун лоларо
Ҳамчу булбул бо хурӯшу нолаам.
Лекин андар гуфтани асрори хеш
Хомӯшам, гӯӣ забони лолаам.

* * *

Агар ба шеър раво бошаде нубуввати шеър,
Чу мояи шеър фахл омадӣ зи умматн ман.
Ҳарими ҳурмати ту гар ҳарам шудаст, чаро
Дар ин ҳарам ҳама ҳирмон насиби хурмати ман?
Маро валинииамӣ ҷуз кафи ҷаводи ту нест,
Зи давлату караму ҷуди туст неъмати ман.

Наузубиллаҳ, агар ман ба ҷои неъмати ту
Ҳамон кунам, ки ту кардӣ ба ҷои хидмати ман!

* * *

Дили ман меҳри ӯ гузид, ки ӯ
Баста дорад миён ба кинаи ман.
Ман зи душман чӣ гуна парҳезам?
Душмани ман миёни синаи ман!

* * *

Зи душманони куҳан дӯстони нав созӣ,
Ба дасти дев бувад ақлро гарав кардан.
Зи мурда зинда шудан мумкин асту мумкин нест
Зи душманони куҳан дӯстони нав кардан.

* * *

Агар пирӣ маро дар хона биншонд,
Хушо он ҷо, к-аз он осудам акнун.

Набинам, ҳар киро табъам нахоҳад,
Чу неку бингарӣ, пурсудам акнун.

* * *

Дар ҷаҳон як карим агар будӣ,
Аз мадеҳам тиҳӣ набуд забон.
Домани ман тиҳӣ аз он мондаст,
К-аз каримон тиҳӣ шудаст ҷаҳон.

* * *

Се чиз аст он, ки наздики хирадманд
Шавад з-он ҳар се ҳосил унси эшон:
Яке бода-сту дигар дафтари илм,
Се дигар суҳбати ёрону хешон.

* * *

Дилбар бад-он ҷаҳон шуд, то бингарад, ки ҳаст
Ҳуро бар ӯ ба ҳусн баробар дар он ҷаҳон.

Ризвон-ш боздошт,
азеро набуд ҳур
Чун ӯ бунафшазулфу суманбар дар он ҷаҳон.
Ранҷу азоби ҳар ду ҷаҳон бар дили ман аст,
То ман бад-ин ҷаҳонаму дилбар бад-он ҷаҳон.

* * *

Ба моҳ монӣ бо ҷоми бода дар маҷлис,
Ба шер монӣ бо теғу найза дар майдон.
На дар ҳазор сахо бошадат яке ваъда,
На дар ҳазор сухан бошадат яке бӯҳтон.

* * *

Қирдигоро,
кисае дорам зи симу зар тиҳӣ,
Ҳар сабукборе маро бар дил бад-ин дорад гарон.
Дигаронро кисаҳо додӣ гарон аз симу зар,
Дигаронро ҳамчу ман кун,
ё маро чун дигарон!

* * *

Он теғи обдор нигар, гӯй аз худой
Бар фарқи душманон-т балоест ногаҳон.
Азбаски дил шикофт, рабудаст нури дил,
Азбаски ҷон гудохт, гирифтаст лутфи ҷон.

* * *

Ҳисомашро лақаб додаст нусрат,
Барояд обрангу оташафшон.
Ки ранги об дорад дар намоиш
Валекин оташ афшонад ба майдон.

* * *

Давот, эй писар, олати давлат аст,
Бад-ӯ давлати тундро ром кун.
Чу хоҳӣ, ки давлат кунӣ аз давот,
Алифро зи пайванд бо лом кун.
Давот аз қалам номдорӣ гирифт,
Қалам гиру ном аз қалам вом кун.

* * *

Сиккатуддин,

дароз бодат умр,

Кӯтаҳиро ба ранҷи ман раҳ кун.

Умри шукр ар дароз меҳоҳӣ,

Ба ато умри ваъда кӯтаҳ кун.

* * *

Чу ту ҳаргиз набудасту набошад

Ҷавонбахту сухантабъу сухандон.

Ҳаме эҳсон кунӣ бо халқ доим,

Аз он кардаст эзид

бо ту эҳсон.

Ҳамедорӣ азиз озодагонро,

Зи баҳри ин азизат карда яздон.

Худовандо,

агарчи пеш аз ин аҳд

Зи ман номе набуд андар Хуросон.

Ба қавли ту маро бинвохт хусрав,

Ба саъи ту маро бинвохт султон.

* * *

Бузург оли паямбар, бузург ҳодисае,
Ки чун туе бувад андар кафи замона забун.
Мақарри иззи ту Тирмиз зи дарди рафтани ту
Ҳаме бигирьяду он, ки сиришки ӯ Ҷайҳун.
Агар ду дидаи ман аз ғамат на хун гирьяд,
Ҳаром бод маро нону неъмати ту чу хун.

* * *

Эй дил, машав аз ҳол, ки аз ҳол нагардад
Дар гардиши аҳволи замона дили мардон.
Ҳоле, ки ҳаме аз фалаки гардон зояд,
Сокин набувад, бал чу фалак бошад гардон.

* * *

Эй, саъд карда фоли маро номаҳои ту,
Асмои рӯзгорию ман банда саъди ту.
Бар номаи ту ошиқи зорам бад-он, ки ҳаст
Лафзаш чу бӯсаи туву хатташ чу ҷаъди ту[102].

* * *

Мӯи сиёҳи ман зи замона сапед шуд,
В-ин номаи сапед шуд аз маъсият сиёҳ.
З-он тира гашт ҳамчу гунаҳ чашми равшанам,
То низ чашми ман накунад бар гунаҳ нигоҳ.

* * *

Дилам ба вақти ҷавонӣ амири золим буд,
Ба ҳаққи ҳақ,
ки асирӣ аз он амирӣ беҳ.
Амири золимро подшоҳи одил кард
Ҷамоли пириву охир ҷамоли пирӣ беҳ.

* * *

Бо мӯи сияҳ дилам қавӣ буд,
Андеша накардам аз заъифӣ.
То мӯи сапед дид чашмам,
Чун мӯй шудам зи бас наҳифӣ.

Пирӣ зи вуҷуди ман бурун бурд
Он лутфу сафою он зарифӣ.
Пирию ҷавонӣ ин ду дар ман:
Ин кард баҳорӣ,
он харифӣ.

* * *

Имодӣ[103] дӣ ба наздики ман омад,
Нишастам соате дӣ бо Имодӣ.
Зи дидори Имодӣ дӣ бидидам
Муроди дил ба вақти номуродӣ.
Чӣ гӯӣ дида хоҳад дидаи ман,
Имодӣ карда имрӯзам муродӣ.

* * *

Ҳама нохонда равӣ назди касон,
Кас надидаст чу ту ҳеҷ касе.
Чун биронандат,
зуд ой боз,
Чӣ касӣ? Одамӣ ё магасӣ?!

* * *

Ҷӯям туро, валекин ку роҳ сӯи васлат?
Боному боншонӣ,
симурғу кимиёӣ.
Бегонавор моро аз дур-дур пурсӣ,
Наздики худ нахонӣ,
меҳмони мо наёӣ.
Дар сулҳ ҷанг ҷӯйӣ, дар меҳр кина варзӣ,
Бе ҳеҷ хашм гирӣ, охир чунин чарой?
Бахтӣ ба дилкушоӣ, чархӣ ба бевафоӣ,
Ҷонӣ, ки менаёӣ, умрӣ,
ки менапоӣ.
Моро саги ту аз мо бегона мешуморад,
Бо ӯ бигӯ, ки моро бо туст ошноӣ.

* * *

Ман нагӯям ба абр монандӣ,
Ки накӯ н-ояд аз хирадмандӣ.
Ӯ ҳамебораду ҳамегирьяд,
Ту ҳамебахшию ҳамехандӣ.

* * *

Нест бо бору барг шохи бақо,
Шохро бору барг боистӣ,
То бирастӣ зи марг умри азиз,
Маргро низ марг боистӣ.

* * *

Пирӣ омад, ҷавонӣ аз ман шуд,
Сол бешӣ гирифту мол камӣ.
Бадтарин вақт мар-марост, ки шуд
Вақти пирию рӯзи бедирамӣ.

* * *

Нодонӣ бар ду гуна бинам,
Эй, он, ки ту нодони хонадонӣ.
Нодонтарӣ,
аз ҳар кӣ ҳаст нодон,
В-онгоҳ надонӣ, ки менадонӣ.

* * *

Гар аз мушки ҷавонӣ дур мондам,
Дилам хӯ кард бо кофури пирӣ.
Ситоиш бар ҷавонӣ дорам акнун,
Қ-аз ӯ шуд оразам пурнури пирӣ.

* * *

То бишнидам, ки нотавонӣ,
Дилтанг шудам, чунон ки донӣ,
Гуфтам: «Шахсе бад-он латифӣ
Афсӯс бувад ба нотавонӣ».
Афтод зи ҳотифе ба гӯшам
Ногоҳ нидои осмонӣ,
К-«он нест ба нотавонӣ афсӯс,
К-афсӯс ба дӯсти зиндагонӣ».

* * *

Эй, ёфта аз рӯи тую рои ту дуньё
Ҳуснею ҷамолею шукӯҳею баҳое.

Аз фаҳми тую фикрати ту бар фалаки табъ
Нурею шноъею фурӯғею зиёе.
Аҳволи маро назди ту донӣ,
ки набошад
Шарҳею баёнею далелею гувое.
Будаст маро аз ту на ҳар сол,
ки ҳар моҳ
Икромею инъомею биррею атое.
Ту низ зи ман ёфтай дар ҳама авқот
Шукрею мадеҳею дуоею саное.
Дар ҳаққи ту донӣ, ки накардам ба ҳама умр
Ҷурмею гуноҳею хилофею хатое.
Ҷандон-т бақо бод,
ки боқист дар олам
Обею заминею наботею гиёе.

* * *

Раҳнамо аз паи кӣ боистӣ?
Агар ин ҳамраҳон набудандӣ.
Зираконро кӣ рост кардӣ кор?
Агар ин аблаҳон набудандӣ.

* * *

Чун туро хону коса набувад,
Беҳуда кӯси меҳтарӣ чӣ занӣ?
Бе мурувват туро манӣ нарасад,
Эй манӣ, чанд аз ин манию манӣ?!

* * *

Эй, чу абру баҳр дар ҳар неку бад дастат сахӣ,
Ҳар суоле,
к-аз саховат бошад онро посахӣ.
Аз сахои маҷлиси ту в-аз атои дасти ту
Он ҳамехоҳам, ки гардонад бахилонро сахӣ.

* * *

Гар туро нисбат асту дониш нест,
Назди доно кам аз хасе бошӣ.
Ҳеҷ нисбат варои дониш нест,
Дониш омӯз, то касе бошӣ.



# РУБОИХО

Бо боғу гулу бодаи гулгун моро,
Чун дид, ҳасад намуд гардун моро.
Гармош зи боғ кард берун моро,
Сардоба гузид бояд акнун моро.

* * *

Соқӣ чу ба ман диҳад май гулгунро,
Гулгун кунам аз фироқи ӯ Ҷайҳунро.
Ҷандон ба ҷазаъ бода диҳам ҳомунро,
То маст кунам зери замин Қорунро.

* * *

Охир бирасад ба субҳи содиқ шаби мо,
Дар бурҷи шараф нур диҳад кавкаби мо.
Пуршаккар шавад пас аз шикоят лаби мо,
То зини зафар ниҳанд бар маркаби мо.

* * *

Эй, рӯи туро висоқ дар манзили шаб,
Бе зулфи ту маъзул бувад омили шаб.
То рӯзи маро ҳал накунад мушкили шаб,
Нолам зи дили ту ҳар шабе дар дили шаб.

* * *

Эй мояи ҳар латофат, эй дурри хушоб,
Аз ҳар сухане чу оташи тез матоб.
Гар оташу об хонамат,
ҳаст савоб,
Покиза чу оташию боиста чу об.

* * *

Аз ғамза туро тири бало пайкон ёфт,
В-аз номи ту номаи ҷафо унвон ёфт.
Дар ту зи ҷафо ҳарчи фалак ҷуст, он ёфт,
Аз дасти ҳинобаста вафо натвон ёфт.

* * *

Дорам сари он, ки имшаб оям ба барат,
То лаб ба лабат барниҳаму бар ба барат.
Ту пой ниҳӣ зи ноз бар чашми тарам,
Ман сар ниҳам аз ниёз бар хоки дарат.

* * *

То наргиси чашми ту забунам кардаст,
Аз боғи муроди дил бурунам кардаст.
Чун пушти бунафша сарнагунам кардаст,
Чун рӯи гул оғушта ба хунам кардаст.

* * *

Аз фурқати дилбар дили ношодам ҳаст,
Ёдам накунад,
гарчи аз ӯ ёдам ҳаст.
Аз як дили ӯ ҳазор бедодам ҳаст,
Фарьёд кунам, ки ҷои фарьёдам ҳаст.

* * *

Дил дар ғами он лаъли шакарбор бирафт,
З-андешаи ман қуввати такрор бирафт.
Илме, ки ба умри хеш ҳосил кардам.
Бар ёди лабаш ҷумла ба якбор бирафт.

* * *

Ҷоно, лабу ғамзаи ту нӯшу неш аст,
З-он рӯҳ ба роҳат асту з-ин дил реш аст.
З-он ғамзаву лаб,
ки дилбаристонкеш аст,
Ҳарчанд ки ранҷ ҳаст, роҳат беш аст.

* * *

Дилбар, ки ба коми дил сафар карду бирафт,
Моро лабу дида хушку тар карду бирафт.
Дидори азизро ба як азми сафар
Аз дидаву ҷон азизтар карду бирафт.

* * *

Чун гардиши осмон накӯхоҳи ман аст,
Дидам рухи он, ки бар замин моҳи ман аст.
Васлаш, ки ба роҳи ишқ ҳамроҳи ман аст,
Таъсири дуоҳои саҳаргоҳи ман аст.

* * *

Гирам, ки туро неъмати сад Парвез аст,
Бар охури ту дувист чун Шабдез[105] аст.
Тезӣ макун,
арчи давлати ту тез аст,
Қ-ин гардиши рӯзгор шӯрангез аст.

* * *

Рӯз аз рухи ту ба рӯшноӣ пайваст,
Шаб тирагӣ аз зулфи ту овард ба даст.
З-он кард маро ишқи шабу рӯзи ту паст,
Қ-аз лашкари рӯз худ намедонам раст.

* * *

Эй, бе ту нахуфта ман шабе хоби дуруст,
Бехобии чашми ман зи хушхобии туст.
Дар чашми ман аз ишқи ту бехобӣ руст,
То оби ду дида хобам аз дида бишуст.

* * *

Бархост дилам,
чу дӯст аҳдаш бишкаст,
Гуфтам: «Нашавам ошиқу биншинам паст».
Ногаҳ бирасид ишқи он наргиси маст,
Андар дили бархостаи ман биншаст.

* * *

Дилтангам аз он, ки ҳар чӣ хоҳам, он нест,
Дарьёи дили танги маро поён нест.
Берун шудан аз тангдилӣ осон нест,
Дармон-ш зи сабр асту маро дармон нест.

* * *

Хуршед, ки ёқутгарӣ кард нахуст,
Он пеша зи ёқути лабат кард дуруст.
Он кас, ки лаби ту ёфт,
ёқут начуст,
Ёқут яке зи чокарони лаби туст.

* * *

Аз ҷуд ҳадиси Ҳотами Тай мондаст,
В-аз фазл каломи соҳиби Рай мондаст.
Ҷоми тамаъ аз замона бе май мондаст,
Имрӯз ҷаҳон ба одамӣ кай мондаст?

* * *

Аз феъли бади душману аҳди бади дӯст,
Ҳар рӯз, ки нав шавад, маро ранҷе нӯст,
Ҷонро халале нест, ки тан зинда бад-ӯст,
То мағз бувад, нахӯрд бояд ғами пӯст.

* * *

Эй бе ту нахуфта ошиқон хоби дуруст,
Гӯй, ки магар дидаи ман толеи туст.
Хоби ману аҳди ту ба сар бошад суст,
Ёбист, ки нақши ин ду з-айём бишуст.

* * *

Чун бо дили ту нест вафо дар як пӯст,
Дар чашми ту якранг бувад душману дӯст.
Бас-бас, ки шикояти ту нокарда бех аст,
Рав-рав, ки ҳикояти туногуфта накӯст.

* * *

Гуфтам, ки «ба ошиқӣ нашояд пайваст»,
Чун рӯи ту дидам, дилам аз гуфта биҷаст.
Бар гуфтани худ гар наравам,
узрам ҳаст,
Рафтаст маро инони тадбир аз даст.

* * *

Чун ишқи ту ақлро гиребон бигрифт,
Ҷоду зи ту ангушт ба дандон бигрифт.
Савдои ту чун мулки дилу ҷон бигрифт,
Чандон ки дилаш хост, дучандон бигрифт.

* * *

Чун нест дар ин замона суде зи хирад,
Ҷуз бехирад аз замона бар менахӯрад.
Эй дӯст, биёр, он чӣ хирадро бибарад,
Бошад, ки замона сӯи мо беҳ нигарад.

* * *

Дар ту нигарам, ки ҳар кӣ дар ту нигарад,
Гар дил бибарад,
занги ғам аз дил бибарад.
Май бо ту хӯрам, ки ҳар кӣ май бо ту хӯрад,
Аз роҳи маломат ба саломат гузарад.

* * *

То бар сари ман қиёмати ишқ расид,
Чашмам асари саломати ишқ надид.
Азбаски дилам ғароматн ишқ кашид,
Шуд бар ду рухам аломати ишқ падид.

* * *

Ҳаҷри ту вабост,
хар куҷо баргузарад,
З-ӯ пардаи умру зиндагонӣ бидарад.
Чашмам ба лабат ҳамеша з-он менигарад,
Гӯянд, ки «ёқут вaборо бибарад».

* * *

То боди итоби ту ба ман рӯй ниҳод,
Бе ҷурм маро чу хок бар бод бидод.
То кард дилам з-оташи ишқат фарьёд,
Аз ҳар мижаем ҷӯи обе бикшод.

* * *

Рӯи ту ривоят ҳама аз нур кунад,
Ҳусни ту ҳикоят ҳама аз ҳур кунад.
Васли ту маро зи хештан дур кунад,
То мушки маро ба ранги кофур кунад.

* * *

Гар ҳеҷ дилам ба дилбаре нагрояд,
Гар дар бари ман диле набошад, шояд.
Аз додани дил маро намебахшояд,
Дилдори писандидаи дил мебояд.

* * *

Рӯи ту ба чашм оташи бедуд намуд,
Дил гуфт,
ки «бедуд кадом оташ буд»?
Хатти ту бурун расид чун з-оташ дуд,
Дуде, ки аз ӯ оташи ишқам бифзуд.

* * *

Эй, ҳаққи рухат фариза дар гардани вард,
Бошад дили ғунча бе даҳони ту ба дард.
Ҳусни ту зи дилбарӣ ба ошиқ он кард,
К-ӯ бо дили зор гашту бо чеҳраи зард.

* * *

Он бут,
ки ба рухсор баҳор орояд,
Чун раъд ҳаменоламу раҳмаш н-ояд.
Чун барқ ба ханда то лабе бикшояд,
Чун абр маро гиристан фармояд.

* * *

То аз хати мушкини туам ҳаҷр афтод,
Сад чашмаи кофур зи чашмам бикшод.
Гар зулфи чу анбари туам надҳад дод,
Чун уд ба сӯхтан ризо бояд дод.

* * *

Гул ранг зи рӯи лоларанги ту барад,
Дар чанг маро наволачанги ту барад.
Тангӣ дилам аз даҳони танги ту барад,
Бедил зияд он, ки дил зи чанги ту барад.

* * *

Пурнур шавад дида, чу дар май нигарад,
То май нахӯрӣ, дил аз тараб барнахӯрад.
Гӯй, ки «май аз дил бибарад ҳушу хирад»,
Бархезу биёр, чун наёяд, чӣ барад?

* * *

Гарчи ғами ту рухам ба хун мешӯяд,
Ишқи ту дар ин дилам фузун мерӯяд.
Он аст,
ки ишқи ту забун мечӯяд,
В-ар на, шакари ту талх чун мегӯяд?

* * *

Он бут, ки ҳама ваъда маҷозӣ дорад,
Бурдан дилу ҷони ман ба бозӣ дорад.
Шабҳои маро дароз кардаст зи ишқ,
Оре, шаби ошиқон дарозӣ дорад.

* * *

Сабзию чӣ сабзи обдор, эй дилбар!
Ман бе ту чу гул миёни хор, эй дилбар!
Ҳастӣ ба ду рухсор баҳор,
эй дилбар!
З-он сабзу хушӣ баҳорвор, эй дилбар!

* * *

Бо ҳодисаи даҳр—чӣ рӯбоҳу чӣ шер
Қасро чу бақо нест—чӣ буздил, чӣ далер,
Имрӯз чу дӣ бирафту бар н-омад дер,
Фардо, ки биёяд, биравад ҳамчу парер.

* * *

Он маркаби хокмодару обпадар
Дорад гаҳи кор аз падари хеш ҳазар,
Бе модари худ ном нагирад беҳтар,
Ҳаргиз наравад бо падари худ ба сафар.

* * *

Афтодани дандони ту,
эй бадри мунир,
Додаст ду гулбарги туро ранги зарир.
Чандин чӣ кашӣ зи баҳри дандон ташвир?
Аз як садаф, эй нигор, як дур кам гир!

* * *

Гар чанги ту нест, булбул, эй чангнавоз,
Чун бо гули рухсори ту гӯяд ҳама роз?
Он булбулу гул чаро ҳамедорад боз
Аз дидаи ман ҷамолу аз гӯш овоз?

* * *

Эй, ҳаққи рухат фариза дар гардани рӯз,
Шабҳон ту хайма зада бар домани рӯз,
Хатти чу шабат гирифта пиромани рӯз,
Барбод мадеҳ ба қавли шаб хирмани рӯз.

* * *

Эй, рӯзу шаб аз зулфу хатат ёфта соз,
Чун рӯзу шабам зи ишқи ту ботагу тоз.
Тарсам, чу гусистам аз шабу рӯзи ту роз,
Чун рӯзу шаби рафта ба ман н-ой боз.

* * *

Эй, рӯзи сапедро ба рӯи ту ниёз,
Зулфат чу шаби ошиқи бесим дароз.
То нест шабам бо шабу рӯзи ту ба роз,
Онам,
ки шаб аз рӯз намедонам боз.

* * *

Ҳар шаб, ки дароз гардад, эй мояи ноз,
Танро ба фиғон ораду дилро ба гудоз.
Чун нест диламро ба ду зулфи ту ниёз,
Гар ноиби зулфи туст шабҳои дароз.

* * *

Мурғе,
ки чу моҳиш ба об аст ниёз,
Аз нисбати бат нею чун бат синафароз.
Дар об ҳамеравад ҳама рӯзи дароз,
Чун тӯдаи хокдида баргардад боз.

* * *

Аз дидани халқ дида бедӯст бидӯз,
В-аз суҳбати бедиле ба дил кина матуз.
Монандаи абру шамъ аз ин пас шабу рӯз
Бе дида ҳамегирию бе дил месӯз.

* * *

Гуфтам, ки як имрӯз дили ман бифрӯз,
Доме, ки маро бар ду лаби туст, матуз.
Садбор маро бисӯхт он ошиқсӯз
Аз баҳри се бӯсае аз он ду лаби рӯз.

* * *

Чандон зи фироқ дар зиёнам, ки мапурс,
Чандон зи ғамат бисӯхт ҷонам, ки мапурс.
Чандон бигирист дидагонам, ки мапурс,
Гуфтӣ, ки чӣ гунаӣ? Чунонам, ки мапурс!

* * *

Рои тарабам нест зи рои сафараш,
Хобам сафарӣ шуд аз балои сафараш,
Ёраб,
ба кӣ нолам аз анои сафараш?
Ёраб, чӣ ҷафо кунам ба ҷои сафараш?

* * *

Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш,
Охир бувад аз тавонгарон нодон беш.
Онро набувад ҷоҳ, чу молаш шуд беш,
В-ин шоҳ бувад ҳамеша аз дониши хеш.

* * *

То кард маро гузар самоъи ту ба самъ,
Монандаи шамъи оташинам даму дамъ.
Аз тобу тапиш, ки аз ту ман дорам ҷамъ,
Аз ҷумлаи садьяке яке дорад шамъ.

* * *

Бе рӯи ту, эй рашки гулу тираи боғ,
Аз лолаву гул на айш бинам,
на фароғ.
Чашмам зи ту гар нагирьяд аз ҳасрату доғ,
Пас чашми кӣ гирьяд, эй маро чашму чароғ?

* * *

Он бода ки ман кашидам аз ҷоми фироқ,
Инак зи фироқи дӯст айёми фироқ.
То чанд танам чу мурғ дар доми фироқ?
Сер омадам аз шунидани номи фироқ!

* * *

Эй, таъбияи ҳусни ту ҷавқ аз паси ҷавқ,
В-аз шаҳду шакар бурда лабат лаззату шавқ.
Доим зи сари кӯи ту гардад аз шавқ
Дар гардани ман чу қумрӣ аз зулфи ту тавқ.

* * *

Эй, хоби шабам бурда ба зулфи шабранг,
Бо чашми чу оҳу чӣ кунӣ кибри паланг?
Пушту дилам,
азбаски ҷафо кардию ҷанг,
Чун зулфи ту кӯж гашту чун чашми ту танг.



# АШЪОРИ МУТАФАРРИҚА

Агар муруввату ҷуд аст дар ҷаҳон мавҷуд,
Чаро зи ҳар ду ба ҳосил намешавад мақсуд?
Гумон барам, ки дар ин рӯзгори тира чу шаб,
Бихуфт чашми муруввat,
бимурд модари ҷуд!
Зи сайри ҳафт ситора дар ин дувозда(ҳ) бурҷ
Ба даҳ дувозда(ҳ) сол андарин диёру ҳудуд
Ҳазор шахси карим аз вуҷуд шуд ба адам,
Ки як карим намеояд аз адам ба вуҷуд.
Дар ин замона ба ҷуз мубхалу ҳасуд намоид,
Бурида бод сари мубхалу забони ҳасуд!
Агар ба дасти ман астӣ амуди субҳи мунир,
Бикӯбаме сари аҳли замонаро ба амуд!
В-агар ҳикояти Масъуди Саъду қалъаи Ной[106]
Шунидаӣ, ки дар ӯ монд муддате матруд,
Яқин бидон,
ки зи бадҳолию шикастадилӣ
Замона қалъаи Ной асту мо дар ӯ Масъуд!

* * *

Фазле, ки зи ӯ закот бошад,
Фазли шарафулкузот бошад.
Ҳар фазл ба фазли ӯ намонад,
Ҳар об на бо ҳаёт бошад.
Ҳар рӯз на рӯзи ид бошад,
Ҳар шаб на шаби барот[107] бошад.
Қилкаш ҳама бар хирад хиромад,
Борон зи паи набот бошад.
Лафзе, ки забони ӯ гузорад,
Ҳалли ҳама мушкилот бошад.
Гар дар лаби ман ҳадиси ӯ нест,
Он айб зи ҳодисот бошад.
Ман бар дили поки ӯ фаромӯш,
Ин ҷумла зи нодирот бошад.
Еди чу мане ба шеъру нома
Аз ҷумлаи воҷибот бошад.
Имрӯз манам, ки бе нубувват
Лафзам ҳама мӯъҷизот бошад.
Саргаштаи ноибот гаштам,
Охир зи ғамам наҷот бошад?
Ҳар ҷо, ки сарест, бо хирад ҷуфт,
Саргаштаи ноибот бошад.

* * *

Ба муоличат тани ман зи ту чуз алам надорад,
Ба сарат, ки чуз бар оташ дили ман қадам надорад.
Дили худ мадор гуфтӣ ба ғам, эй ба хусн хуррам,
Бинамой он диле, к-ӯ ба ғами ту ғам надорад!

* * *

Гар маро савдои ишқи он даҳан камтар шавад,
Чони ман кам ранч бинад, дарди ман камтар шавад.
Бо чунон ҳусну латофат, бо чунон болову лаб
Сахт нодир бошад, ар савдои ман камтар шавад.

* * *

Ба қамар фуруғ бахшад рухи ҳамчу гулситонаш,
Зи шакар фарох хоҳад лаби лаъли дилситонаш.
Ачаб ин, ки дида ҳардам диҳадам нишони дилҳо
Ба ҳаволии даҳоне,
ки надод кас нишонаш.

* * *

Боди саҳар, ки сӯи ман орад паёми ӯ,
Аввал ғуломи бодаму онгаҳ ғуломи ӯ.
Шодам зи дил, ки бастаи зулфи дутои ӯст,
Дил бандаи ду силсилаи мушкфоми ӯ.

* * *

Н-аз халқ ҳеҷ кори маро истиқомате,
Н-аз ҳеҷ дӯст шарти вафоро иқомате.
Аз чархи бесуботу зи хуршеди бенавол
Дорам чу зарра шахсеву чун чарх қомате.
На ашки меҳро чу банонам узубатест,
На ҳадди теғро чу забонам саромате.
Бо зулми даҳр фоида надҳад кифояте,
Бо ҷаври чарх суд надорад шаҳомате.
Ҳар соате қарини бари ман мазаллате,
Ҳар лаҳзае надими дили ман надомате.
Гуӣ зи ман мизоҷи фалакро малолатест,
В-аз лафзи ман димоғи ҷаҳонро саомате.
Гар з-оташи ситора наёбам саодате
В-аз сӯҳбати замона набинам саломате,

## ТАВЗЕҲОТ

[1] Вомиқу Узро номи қаҳрамонони достони лиро-эпикианд. Чунин достонро ба исми ин ду дилдода аввалин бор дар нимаи аввали асри XI маликушшуаро Унсурии Балхӣ таълиф карда буд.

[2] Ин тағаззули дилнишин аз аввал то охир дар санъати ҷамъу тақсим таълиф шудааст ва бинои он асосан ба ҳамин санъат бунъёд гаштааст. Чунин тарзи суханронӣ бо истифодаи санъати мазкур, чунон ки пастар мебинем, дар осори Адиб Собир боз пайдо мешавад.

[3] Тирозу Халлуху Яғмо номи шаҳрҳои қадимӣ дар Туркистони шарқианд, ки назар ба ривоятҳо гӯё зебарухони зиёде доштанд.

[4] Дар байт ба ҳикояи Искандари Македонӣ ва ҷустуҷӯи оби бақо кардани ӯ ишора шудааст. Ин ҳикоят дар байт ҳамчун талмеҳ истифода гардидааст.

[5] Дар ин тағаззул, ки радифаш «офтоб» аст, зимнан ҷо-ҷо калимаи «моҳ» истифода гардида, ин тариқа дар он як навъ илтизоми калимаҳои «моҳу офтоб» гузориш ёфтааст.

[6] Дар байт бо зикр ва истифодаи номи қаҳрамонони машҳури лирикӣ Хусрав ва Ширин мазмуни муқоисавие офарида шуда ва ин тарз як навъ талмеҳи қиссаи қадимии романтикӣ ба амал омадааст.

[7] Оли Таксин ё мувофиқи матни дастнависҳо «Оли Те-

гин» ишора ба сулолаҳои туркнаҷот аст, ки баъди Сомониён ба тахт омада буданд ва дар замони Адиб Собир дар Ғазнин шоҳони сулолаи ғазнавӣ ва дар Хуросон султонҳои салҷуқӣ ҳокимият доштанд. Асосгузорони давлати Ғазнавӣ, ки бевосита ба ҷои Сомониён омадаанд, Алптегин ва баъди ӯ Субуктегин буданд, ки ба исмашон, чунон ки мебинем, калимаи «тегин» ҳамроҳ аст. Вале дар сарчашмаҳои қадимтар Ғазнавиён бо исми «оли Носир» ва Салҷуқиён «оли Салҷуқ» зикр шудаанд. Адиб Собир бо таъбири «оли Тегин» ё «оли Таксин» ҳамонро ба назар гирифтааст, ки ба исми шоҳони аввалини ғазнавӣ ва бисьёр номҳои Ғазнавиёну Салҷуқиён ва туркони Мовароуннаҳр калимаи «тегин» ҳамроҳ шудааст.

8 Дар байт ба ривояти Яъқуби пайғамбар ва писари ӯ — Юсуф ишора шуда ва он талмеҳ гардидааст.

9 Айюб пайғамбарест, ки дар умри худ бисьёр азоб кашида будааст ва ба ҳамаи азобҳо сабру тоқат ва бардошт намудааст. Адиб Собир дар байт ҳамин қиссаи азобу сабри Айюбро ёдоварӣ карда, ишора намудааст, ки агар Айюб мисли шаби пуразобу бетоқати ӯ шабе мегузаронд, рӯи сабрро ҳаргиз намедид.

10 Шаби одина — шаби ҷумъа, ки аз рӯи ақидаи дини шаби бахосият ҳисоб мешуд. Дар ин шаб тоату ибодати бештар одат буд. Дар чунин шаб, дар он замоне, ки дину диёнат истеҳкоми қавӣ дошт, аз ошиқӣ, мастию харобӣ ва майнӯшии бепарвоёнаи худ баланд сухан рондани Адиб Собир нописандии ӯро ба фармудаҳои динӣ ва расму одатҳои он нишон до-

да, аз оптимизми равшан, зиндадилӣ ва рафторҳои озодфикронааш шаҳодат медиҳад.

11 Дар ин байт ба воқеаи обхезие дар Ҷайҳун ишора шудааст, ки аз он аз рӯи гапи Адиб Собир ба заминҳои Хоразм зиён расида будааст. Ин тағаззул дар аввали қасидае омадааст, ки ба Отсизи Хоразмшоҳ унвон аст. Аз рӯи нишондоди мазкури таърихии шоир ва унвони қасида нағз равшан аст, ки он дар Хоразм эҷод шудааст.

12 Озару Монӣ номҳои шахсианд. Назар ба ривоятҳо Озар падари Иброҳими пайғамбар буда, касби бутгарӣ, ҳайкалтарошӣ ва суратгарӣ доштааст. Монӣ бошад шахсе буд, ки соли 242 дар замони Шопури I даъвои пайғамбарӣ кард ва аз ақидаҳои зардуштӣ, яҳудӣ ва насронӣ омехта оине ба майдон овард. Дар замони Баҳроми I бо иғвои рӯҳониёни зардуштӣ кушта шуд. Пайравони ӯ монавӣ номида мешаванд. Монӣ аз илмҳои гуногун бохабар ва шахси доное буд. Дар наққошӣ шӯҳрат дошт ва нақшу суратҳои зебо тартиб медод.

13 Ҳоҷиб шахси дарбон ё пардадори шоҳонро мегуфтанд. Онҳо ҳангоми хизмат бештар либоси сиёҳ мепӯшиданд ва ин аломати шинохта шуданашон буд. Адиб Собир дар байт ба аломати сиёҳпӯшии онҳо ишора кардааст.

14 Ин тағаззули шевои Адиб Собир дар луғзи хома аст ва дар он то охир бо сухантирозии то андозае пӯшида васфу сифати қалам—ба қавли шоир ин лӯъбати сарбуридаи хуб» омадааст.

[15] Хархиру Аскар номи шаҳрҳои қадимианд. Хархир дар замини Хитой будааст ва аз он ҷо ба Хуросону Форс мушк ва ҷомаи абрешим меовардаанд. Аскар номи пештараи шаҳри Сурраманрой, ки дар наздикии Бағдод будааст.

[16] Чашмаи ҳайвон ё чашмаи Хизр чашмаи афсонавиест, ки гӯё Хизри пайғамбар аз оби он нӯшида умри абадӣ ёфтааст. Оби чашмаи мазкур аз рӯи ривоят гӯё ба кас умри абадӣ мебахшидааст.

[17] Озари Барзин номи оташкадаи шашум аст. Дар Эрони қадим ҳафт оташкадаи машҳур будааст, ки дар болои оташи муқаддас сохта будаанд. Ҳар кадоми онҳо ба яке аз ҳафт сайёра нисбат дода шуда ва ҳар як номи махсус доштаанд.

[18] «Позанд» номи китобе дар забони паҳлавист, ки оид ба шарҳу тафсири китоби «Занд» аст. Худи китоби «Занд» бошад тафсири китоби «Авесто» дар паҳлавӣ буд.

[19] Адиб Собир дар ин тағаззули шевои тӯлонӣ дар ҳар байт илтизоми калимаҳои «ёқуту сарв» карда ва онро то охир нигоҳ доштааст. Мазмуни тағаззул асосан бо ширкат ва ёрии ин ду калима фароҳам омадааст.

[20] Бинои ин тағаззули зебо ба санъати ҷамъу тақсим устувор гардидааст. Шоир дар он дар мисраъҳои аввали ҳар байт се чизро ҷамъ карда, ё номбар намуда баъд дар мисраи дуюм онҳоро тақсим сохтааст.

[21] Ҳорут номи фариштаест, ки аз рӯи ривоят барои ба Зӯҳраи осмонӣ ошиқ шуданаш дар чоҳи Бобул

сарнагун овехта шуда буд ва аз он ҷо гӯё ба мардум ҷодугарӣ меомӯхт.

[22] Бӯтаммом яъне Абӯтаммом ва Бӯфирос яъне Абӯфирос аз шоирони машҳури гузаштаи арабанд. Абӯтаммом (805—846) дар Димишқ таваллуд шудааст. Ӯ дар эҷодиёти худ анъанаи адабиёти даврахои кадимтари арабро давом додааст ва аксари қасидахояш тантанавӣ буда, дар мадҳи шахсони номдору олимақом гуфта шудаанд. Абӯфирос (932—968) дар Мосул ба дунё омадааст. Ӯ низ дар қасида анъанаи гузаштагонашро давом додааст.

[23] «Раҳовӣ» номи оҳанги қадимист, ки ғолибан дар давраи Адиб Собир зинда ва маъмул будааст.

[24] «Мавсими кулӯхандоз», ки Адиб Собир зикр карда, дар ин вақт ташвиқи хурсандию нишот ва ҷоми маю базму рақс намуда, шикастани ҳодисаю ғаму алам, яъне аз онҳо дур буданро фармудааст, ишора ба ҷашнест, ки асосан дар байни мардуми лоуболу беғам ва майпарастон машҳур буд. Ин табақа ин ҷашни ба ном «кулӯхандоз»-и худро дар охири моҳи шаъбон, дар арафаи моҳи рамазон барпо намуда, майхӯрӣ ва нишот мекарданд, зеро дар вақти рӯзадорӣ онҳо аз маю нишот ва чангу чағона бебахра мемонданд ва майнӯшии доимии фориғболона барояшон кам мегардид. Байт ақидаҳои риндию оптимистии Адиб Собирро барҷаста нишон дода ва инчунин аз одату анъанаҳои халқӣ ва табақаҳои гуногунаҳолӣ низ бохабар будан ва онҳоро писанд кардани ӯро равшан месозад.

[25] Руму Рус ишора ба ду мамолик аст. Рум номи қадимии империяи Рим буда, Рус кишвари Россия мебошад.

[26] Дар байт ба ҳикояти Қайковус ва гирифтории ӯ дар Мозандарон ишора шуда ва он талмеҳ гардидааст. Қайковус аз рӯи тасвири «Шоҳнома» ба ҷои Қайқубод ба тахти шоҳӣ меояд. Ӯ ба Мозандарон — макони девҳо лашкар мекашад, вале бо лашкараш ба банди деви сафед меафтад. Бо мададу ёрии Рустам, ки воқеаро шунида бо роҳҳои махуф ба Мозандарон меояд. Ковус аз банду гирифторӣ озод мешавад. Рустам деви сафедро мекушад ва Қовус Мозандаронро ба ихтиёр медарорад.

[27] Қовус ишора ба шоҳи мазкури эронӣ Қайковус аст, ки зикраш дар «Шоҳнома» омадааст ва яке аз лавҳаҳои онро мухтасар дар боло ба муносибати талмеҳи шоир зикр кардем.

[28] Масҷиди килисё ибодатхонаи исавиён, ибодатхонаи аҳли насорост. Зангӯлаи ин ибодатхонаро ноқус мегуфтанд.

[29] Батлимус — олими Юнони қадим Птоломей аст. Ӯ бештари умри худро дар Искандария гузаронидааст. Дар илмҳои гуногуни асраш хусусан астрономия, математика, география, геометрия шӯҳрат дошт. Китоби «Алмаҷастӣ»-и ӯ дар астрономия маълуму машҳур аст,

[30] Ин мисраъ аз Дақиқӣ — шоири намоёни асри X аст, ки дар тағаззули шоир тазмин шудааст. Адиб Собир зоҳиран ин тағаззул ва қасидаи онро ба равияи яке аз қасидаҳои Дақиқӣ гуфтааст ва дар он

қасида мисраи тазминкардаи ӯ ҷой доштааст, ки бомуносиб онро дар шеъраш интиқол кардааст.

31 Дар ин мисраъҳо Адиб Собир аз Фаррухӣ—шоири нимаи аввали асри XI (вафоташ 1037) зикре оварда, аз Систон ва соҳиби лафзи азб будани ӯро ишора кардааст. Адиб Собир мӯътақиди ин шоири ширинсухан будааст ва малоҳату зебоии тағаззулоти ӯро хеле хуш ва гуворо дидааст.

32 «Садри аҷал» сифати мамдӯхи машҳури Адиб Собир Абулқосими Алӣ бинни Ҷаъфар аст, ки аз бузургони Нишопур (зоҳиран қозии он ҷо) буда ва шоир бо ин таъбир дар ин байт ва абьёти дигар ба ӯ ишора кардааст.

33 Дар ин байт ҳикояи Юсуф: қисмати аз чоҳ берун оварда, харида ба Миср бурда шудани ӯ аз тарафи корвон ишора ва талмеҳ шудааст. Дар байт инчунин ташбеҳи маҳбуба ба зебоии Юсуф мавқеъ дорад. Дар байти баъд шоир худро ба падари Юсуф Яъқуб монанд кардааст. Ташбеҳҳо дар ҳар ду байт ҳам ба тарзи пӯшида бе зикри номи Юсуфу Яъқуб гузориш ёфтаанд.

34 Муқаннаъ исми таърихӣ буда Ҳошим бинни Ҳаким ном дошт. Вай роҳбари исьёни халқии зидди истилогарони араб дар Нахшабу Кеш буд. Бинобар ин ки эътиқоди мардумро ба худ ба вуҷуд орад, дар ҳисори кӯҳи Сом бо ҳунаре равшание падид овард, ки ба фазо нур медод. Инро мардум мӯъҷиза гумон карданд ва ба ӯ эътиқод варзиданд. Ин чиз минбаъд дар адабиёт ба образ табдил ёфт ва таъбири «моҳи Нахшаб» ва ишораи «аз чоҳ моҳ баровардани

Муқаннаъ» машҳур гашт, ки Адиб Собир ҳам онро зикр карда, тавассути он образи зиндаи воқеӣ офаридааст.

35 Урдувон-лақаби чанд нафар аз шоҳзодагони қадими форсҳо буд.

36 Ардашер—лақаби якчанд нафар подшоҳони қадими Эрон буд чун Ардашери Бобакон, Ардашери пури (бинии) Шируя ва ғайра.

37 Хазонаи Қорун ишора ба хазинаи пурҷавоҳири Қорун — шахси бадавлати бисёр хасиси ривоятист, ки гӯё бо тамоми ҷавоҳиру тилло ва хазинаю сарваташ ба зери замин фурӯ рафтааст.

38 «Хоҷаи имоми-аҷал» ишора ба шоир Абдулвосеи Ҷабалист, ки муосири Адиб Собир буд. Адиб Собир дар байтҳои минбаъдаи ташбиб Ҷабалиро ситоиш карда, аз лафзи зебои ӯ, аз назму насри хуб ва хоса тароватн ғазалу таронаҳояш сухан рондааст. Ин ташбиб ва қасидаи он умуман ба Ҷабалӣ ва сифатҳои каломи ӯ бахшида шудааст. Чунон ки мебинем, шоири дигари муосири Адиб—Анварӣ дар пайравии ин қасидаи ӯ қасидае навишта, дар он мисраи аввали қасидаи Адиб Собирро тазмин кардааст.

39 «Ирам» номи боғи бисёр зебои афсонавист, ки гӯё Шаддод ном подшоҳ дар Яман сохта будааст.

40 Марьям — номи модари Исои пайғамбар, ки уро бе падар зоида буд. Афсуни Марьям он буд, ки Исоро худодод ва хости илоҳӣ эълон кард.

41 Калимаи «Халил» шакли кӯтоҳи Халилуллоҳ аст, ки лақаби Иброҳими пайғамбар буд. Оташе ки Ним-

руд ӯро партофта буд, ба боғи зебое табдил ёфт ва таъбири «боғи Халил» дар шеъри шоир ишора ба ҳамин боғ мебошад.

[42] Ишора аз «чӯби Калим» ишора ба асои Калимулло аст, ки ин ном лақаби Мӯсои пайғамбар буд. Асои ӯ мӯъҷизавӣ будааст ва агар ба замин партояд, гӯё ба шакли аждаҳо медаромадааст.

[43] Сом писари Нӯҳи пайғамбар аст. Дар байт зикри Сом, бо овози ёр зинда шудан ва ташбеҳи лаби маъшуқа ба Исои Марьям бе муносиб наёмадааст. Ин ҷо ривояти зерин талмеҳ шудааст: Вақте яҳудиён аз Исо хоҳиш карда буданд, ки бо овоз додан Сомӣ мурдаро зинда созад. Исо аз рӯи ривоятҳо дами (нафаси) ҳаётбахш доштааст ва бо куфу суф мурдаро зинда мекардааст.

[44] Намруд аз подшоҳони Мисри қадим аст, ки дӯзах сохта буд.

[45] Иброҳим номи пайғамбарест, ки назар ба ривояте Намруд ӯро чунон ки зикр шуд, дар оташ партофта буд ва бо қувваи мӯъҷиза он оташ ба гулистон ва боғи зебои ботаровате табдил шуду ӯ аз ҳалокат наҷот ёфт.

[46] Урва ва Афро исмҳои қаҳрамонони лирикии арабанд, ки қиссаи ишқу муҳаббати онҳо машҳур будааст. Урва ошиқи зор ва Афро номи маъшуқи соҳибҷамоли ӯ буд.

[47] Ишораи Адиб Собир аз Бесутун ва Фарҳод ба талмеҳи ҷои зерини қиссаи Фарҳоду Ширин асос ёфтааст: Фарҳод аз байни кӯҳ ва сангҳои хоро ба қас-

ри Ширин ҷӯи шир ҷорӣ месозад ва дар ин байн муҳаббати ӯ ба Ширин ба гӯши Хусрав мерасад. Хусрав бошад аз рашк Фарҳодро ба кори хеле вазнин ба гузаронидани роҳ аз байни кӯҳи серсангу душворгузари Бесутун мефармояд.

48 Дар байти Адиб Собир ишораҳо аз хазинаи Баҳман ва абри баҳман маъниҳои гуногун доранд. Баҳмани аввалӣ ишора ба подшоҳи қадимии Эрон аст, ки писари Исфандиёр буд ва хазинаи бисьёр гаронбаҳои лӯълӯю ҷавоҳирот дошт. Баҳмани дуюм номи моҳи ёздаҳуми шамсӣ, ки мутобиқи 22 январь—22 февраль буд.

49 Манижа ва Бежан, ки шоир дар байт зикр кардааст, қаҳрамонони дилдодаи асари Фирдавсӣ «Шоҳнома» буданд. Нақли ҳикояти онҳо дар «Шоҳнома» ҳаст.

50 Дар байт ба рафторҳои нолоиқи хунрезонаи Алӣ ба муқобили мардуми ғайримусулмон хусусан бутпарастон ишора шудааст. Алӣ ба бутпарастон бисьёр бераҳм буд ва онҳоро беибо қатл месохт. Адиб Собир рафтори сахти маҳбубаро нисбат ба худ ба кирдори теғи Алӣ бар зидди бутпарастон монанд кардааст, ки талмеҳи факти воқеии таърихист.

51 Дар ин мисраъ ишора ба умри Нӯҳ бемуносиб нест. Нӯҳ яке аз пайғамбарони қадимист, ки аз рӯи ривоят гӯё 2000 (ду ҳазор) сол умр дидааст.

52 Дар ин мисраъ ёдоварии Маҳмуди Зовулӣ ва Унсурӣ бесабаб нест. Маҳмуди Зовулӣ султон Маҳмуди Ғазнавист, ки ҳукуматдори мақомдори Ғазнавиёни

нимаи аввали асри XI аст (солҳои ҳокимияташ 998—1030). Унсурӣ солҳо маликушшуарои дарбори ӯ буд ва дар ҳаққи вай қасоиди бисьёре дорад.

53 Ишораи вазир Аҳмади Ҳасан ва Асҷадӣ дар ин мисраъ низ бомуносибат аст. Хоҷа Аҳмад бинни Ҳасани Маймандӣ солҳо дар вазорати Ғазнавиёни нимаи аввали асри XI буд. Асҷадӣ, ки шоири нимаи аввали асри XI буда, дар дарбори ин хонадон хизмат кардааст, дар қатори Султон Маҳмуду дигарон ба ин вазир ҳам хеле мадҳияҳо бахшидааст.

54 «Садри анҷуман» ишора ба мамдӯҳи шоир Абулқосими Алӣ бинни Ҷаъфар аст, ки дар Нишопур истиқомат дошт ва Адиб Собир, чунон ки мебинем, дар ин муқаддимаи тӯлонии қасидаи ба ӯ бахшидааш сафари ноҳоҳам ва хеле озурдахотиронаи худро ба дарбори шахси мазкур муфассал тасвир намудааст.

55 Адиб Собир дар ин тағаззул дар ҳар байт калимаҳои «сарву маҳ»-ро илтизом карда, бо муносибату ширкат ва ёрии онҳо мазмун офаридааст. Тағаззул ба дараҷае зебо, равон, образнок ва дилнишину самимӣ гуфта шудааст, ки такрори калимаҳои мазкур дар хар байт кариб ҳис намешавад.

56 Фарвардин моҳи якуми соли шамсист, ки баробари 21-уми март то 21-уми апрель аст. Урдибиҳишт бошад номи моҳи дуюми шамсист, ки мутобиқи 21-уми апрель то 21-уми май мебошад.

57 Дар байт зикри теғи Алӣ ва сафи Сиффин талмеҳи он воқеаи ҷангии хунин аст, ки соли 657 дар бай-

ни Алӣ ва тарафдорони Муавия ба вуқӯъ омада буд. Ғайр аз талмеҳ байт санъати ҳусни таълил дорад. Шоир суханро аз раъду барқи баҳорӣ ва дашти лолазор бо воқеаи таърихӣ ҳамроҳ оварда, онро бо санъати баланд, образҳои серпаҳлу ва мазмуни бақувват офариндааст.

58 Ин тағаззул ҳамроҳи қасидааш бо каме дигаргунии матнӣ ва тағйироти ҷузъӣ дар девони шоири муосири Адиб Собир—Рашиди Ватвот ҳам дарҷ шудааст. Онро девони чопии Адиб Собир (Теҳрон, 1334) дорад, аз дастнависҳои дастрасшуда қасида дар дастнависи дар музеи Британия ва дастнависи дар фонди дастхатҳои институти Шарқшиносии АФ Тоҷикистон маҳфузбудаи ӯ боздид мешавад.

59 Калимаи «Нӯшинравон» ишора ба исми «Нушервон» аст, ки дар байти шоир бо тағйирот зикр шудааст. Хусрави I Анушервон яке аз шоҳони номдори сулолаи сосонӣ буд ва солҳои ҳукуматаш байни 531—579 мебошад. Образи он шоҳ ва вазири ӯ Бузурҷмеҳр дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамчун шахсони одилу оқил ва баландҳиммату меҳрубон шуҳрат ёфтааст. Дар асри XI китобе ба номи шоҳи мазкур бо исми «Пандномаи Анӯшервон» таълиф ва таъсис гардидааст.

Маънии луғавии калимаи «шодирвон», ки дар байт омадааст, «пардаи бузург» мебошад. Шодирвон-соябон, фарши мунаққаш ва бисоти бузурги гаронмояро низ гӯянд; инчунин саропардаеро гӯянд, ки дар пеши дари хона ва айвони умаро ва бузургону салотин кашанд.

60 Дар ин байт низ ривояте ёдоварӣ шудааст. Мӯсо пайғамбари яҳудиён ва Имрон номи падари ӯст. Аз рӯи ривоят ӯ вақте аз дарёи пурталотуми сероб — Нил гузашта будааст.

61 «Он ки» яъне «акнун ки» гуфтан аст.

62 Дар се байти ин тағаззул Адиб Собир илтизоми калимаҳои «сарву моҳ» карда, тавассути онҳо мазмун офаридааст. Илтизоми ин калимаҳо, чунон ки дар боло дидем, дар як тағаззули шоир пурра нигоҳ дошта шуда буд. Ин ҷо такрори он зимнан дар чанд байт шудааст.

63 Адиб Собир дар чандин байти аввали ин тағаззули зебои тӯлониаш илтизоми калимаи «зиреҳ» намуда, бо такрору бозии ҳатто чандинкаратаи он дар баъзе байтҳо як эҷоди устодонаи дилкашу хушоҳанг ба вуҷуд овардааст.

64 Довуд, ки дар ин байт зикраш рафтааст, пайғамбари бани Исроил аст. Аз кайфияти ҳолоти ӯ чанд ҳикоят нақл кардаанд; Яке ҷанги Довуд бо Ҷолут ном шахс аст, ки ӯро ба як тири фалохун куштааст; дуюмӣ Довуд асбобӣ мусиқии чангро хеле хуш менавохтааст; сеюмӣ Довуд дар ҷилави тобут рақси хуши риққатоваре мекардааст. Ишора ба зиреҳгарии Довуд дар байт шояд ба он аст, ки ӯ устоди тиргару мергани моҳир ва аз ин ҷо зиреҳгаре ҳам будааст. Зиреҳ ҷомаеро мегӯянд, ки аз ҳалқаҳои оҳан сохта шуда, дар рӯзҳои ҷангу набард мепӯшидаанд.

65 Салмову Виса ҳар ду номҳои хосанд. Салмо номи зани зебою ҷамилае дар араб будааст ва ошиқи навҳагаре доштааст. Вис ё Виса номи яке аз қаҳра-

монони достони Фахриддини Гургонӣ «Вис ва Ромин» аст, ки дар солҳои чилуми асри XI навишта шудааст. Вис дӯстдор ва маъшуқи Ромин буд.

66 Пайғав номи шаҳрест дар шарқии Ҳиндустон. Ин шаҳрро инчунин дар хоки Хитой низ гуфтаанд. Назар ба ривоятҳо зану духтарони ин мавзеъ аксар зебо мешудаанд ва ин маънӣ мувофиқи шӯҳраташ дар адабиёт ҳамчун образ дохил шудааст. Аз ин ҷо таъбири «некӯвони пайғавӣ» машҳур гардидааст.

67 Балъом яке аз уламои машҳуру номдори замони Мӯсои пайғамбар будааст. Ӯ дар аввали ҳол обрӯю эътиборе доштааст, вале пастар аз обрӯ фуромада, ноҳақу ботил гардидааст.

68 Қанбар, ки дар байт ишора шудааст, исми хос мебошад ва зикри ӯ якҷоя бо номи Алӣ бемуносиб нест. Қанбар мавлои (ғуломи) Алӣ бинни Абетолиб будааст.

69 Адиб Собир ин тағаззули тӯлониро бо қасидаи пуррааш дар равияи яке аз қасидаҳои Манучеҳрии Домғонӣ гуфтааст, ки матлааш ин аст:

Бихондам чу имрӯз дар дафтаре,
Ки зиндаст Ҷамшедро духтаре.

Дар ин қасида Манучеҳрӣ асосан васфи кӯзаи шароб карда, васфашро ба ривояти бостон оид ба зинда будани духтари Ҷамшед асос гардондааст. Адиб Собир дар қасидааш мисраи аввали байти мазкури қасидаи Манучеҳриро тазмин кардааст ва бо ин дар пайравии он будани қасидаи худро бештар ҳуҷҷат сохтааст. Дар шеърҳои Манучеҳрӣ васфи мева-

ҳои гуногун ва ангуру бода мавқеи асосӣ дорад. Дар ташбиби мазкури Адиб Собир ҳам васфи баъзе меваҳо аз ҷумлаи биҳию анор, ангур ва мазмуни модари бода номида шудани он мушоҳида мешавад. Ин мазмунҳо низ бо оҳангҳои эҷодиёти Манучеҳрӣ созгоранд ва гузашта аз ӯ бо эҷодиёти Рӯдакӣ собиқа доранд. Ташбиби Адиб Собир, чунон ки мебинем, бо мазмунҳои ҳаётдустонаи ишқӣ, васфи хазон, меваҳо ва афкори тарҷумаиҳолии шикоятомез сероб аст.

70 Сулаймон яке аз пайғамбарони бани Исроил ва писари Довуди пайғамбар аст. Ӯ шахси беозор ва ёрирасони дигарон будааст. Хотами мӯъҷизавие доштааст, ки тамоми инсу ҷинс зери итоати он будаанд.

71 Ин ташбиби Адиб Собир дар вазну қофия ба шеъри машҳури Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» монанд аст ва зоҳиран дар равияи он гуфта шудааст. Азбаски Адиб Собир мухлис ва мӯътақиди устод Рӯдакӣ буд ва анъанаи ӯро дар сабку услуб давом медод, дар пайравии асарҳои ин қофиласолори назми дарӣ шеърҳо доштааст, ки ташбиби мазкур намунаи беҳтарини онҳост.

72 «Шамолӣ» тахаллуси шоири муосири Адиб Собир Шамолии Деҳистонӣ аст, ки ин ҷо бо суханбозӣ зикр шудааст. Адиб дар ин ташбиб аз ошиқии Шамолӣ ва бесабрию беқарории ӯ ҳикоя кардааст. Шеъри ӯ ба Шамолӣ ва шаҳри рафтори вай бахшида шудааст.

73 Мӯсо ва хашми ӯ аз Қорун низ талмеҳи ривояти қадимист. Қорун номи шахси сермолу серпули ни-

хоят хасису бахиле, ки гуё дар замони Мӯсои пайғамбар мезистааст. Мӯсо бухлу хиссат ва рафтори ночони Қорунро наменисандад ва ба ӯ хашм мегирад. Қорун бо тамоми молу асбоб ва чизу чорааш ба замин фурӯ меравад.

74 Дар байт зикр шудани Сомирӣ ва сеҳри ӯ ба ривояти қадимие асос гирифтааст. Сомирӣ шахси соҳире будааст, ки дар замони Мӯсои пайғамбар мезистааст. Ӯ маслаке пеш гирифт ва гусоларо парастиш кард. Гурӯҳе аз бани Исроил ӯро пайравӣ карданд ва онҳоро минбаъд сомират гуфтанд.

75 Даъду Рабоб, ки дар байти Адиб зикр шудаанд, номи ду қаҳрамони лирикии арабанд. Даъд маъшуқа ва Рабоб ошиқи ӯст ва ишқу ошиқии байни онҳо дар гузаштан дур шуҳрате доштааст.

76 Дар ин байт як ривояти қадимии халқӣ талмеҳ шудааст. Гуё ба чашми мори афъӣ зумуррадро доранд, кӯр мешудааст. Адиб Собир дар байт ишора кардааст, ки агар афъӣ бо дидани зумуррад бе чашми бино монад, ман бо мушоҳидаи лабони ту бесабр мегардам. Ин муқоиса бозьёфти хеле зебо ва пурмаънист.

77 «Қайсар» лақаби подшоҳони сарзамини Рум дар замони пешина буд.

78 Дар байт зикри Алӣ ва ишораи ин, ки ӯ Хайбарро ғорат кардааст, ба воқеаи таърихӣ асос ёфтааст. Хайбар номи як қалъае дар наздикии шаҳри Мадина мебошад. Алӣ вақте дар ҷангҳояш ин қалъаро

ишғол карда, куштору ғорати бемисл ба амал овардааст.

79 Борбад яке аз мутрибони номдори Хусрави Парвез буд, ки дар барбатнавозӣ ва умуман мусиқӣ устод буд ва «суруди мусаҷҷъ» ё «суруди хусравонӣ» ном навои дилхарош аз эҷодҳои ӯ будааст. Қатирбал номи мавзеест, ки бо истеҳсоли маи софу дилкашаш шӯҳрат доштааст.

80 Маҷдиддин лақаби мамдӯҳи шоир аст ва дар ин байт ва абьёти дигар зикри он ишора ба ӯст.

81 «Ҷабалӣ» тахаллуси шоири муосири номии Адиб Собир Абдулвосеи Ҷабалист, ки дар боло зикраш рафт. Ин қасидаи Адиб ба ҷавоби яке аз қасидаҳои Ҷабалӣ эҷод шудааст ва ӯ дар байти охир зикре аз қасидаи Ҷабалӣ низ кардааст. Чунон ки дар боло дар мавриде дидем, Адиб Собир дар ташбибе Ҷабалиро ситоиш карда, ба ӯ қасида бахшида буд. Дар ин маврид вай ба як қасидаи Ҷабалӣ ҷавобия навиштааст. Маълум, ки Адиб Собирро чун бисьёр шоирони дигари муосираш бо Ҷабалӣ дӯстӣ ва рафоқат будааст. Онҳо ба ҷавоби якдигар шеърҳо навиштаанд ва ҳамдигарро ситоишҳо кардаанд.

82 «Садри мӯсавиён» ишора ба мамдӯҳи шоир Абулқосими Алӣ бинни Ҷаъфар аст, ки худро аз имом Ҷаъфари Содиқ насаб мегирифт ва содоти ин силсила ба содоти мӯсавӣ маъруф буданд.

83 Сайиди машриқ, садри шарқ, раиси Хуросон, тоҷи маолӣ, садри замона, сайиди содот ва амсоли инҳо ишораҳо ба мамдӯҳи шоир Абулқосими Алӣ бинни Ҷаъфаранд.

84 Дар ин байт ишора ба Оли Ғассон ва шеъри Ҳассон шудааст, ки аввалӣ номи яке аз хонадонҳои машҳури араб буда, сонавӣ исми шоири машҳур Ҳассон ибни Собит мебошад. Ҳассон (563—674) баъд аз шӯҳрати шоирӣ дар қабилаи худ ба дарбори Ғассониён меояд ва ҳамчун шоири қасиданависи дарбор хизмат мекунад. Ӯ дар пиронсолӣ исломро қабул менамояд ва саногари бевоситаи Муҳаммад ва халифаҳои ӯ мегардад.

85 Молик бинни Ҳорис маъруф ба Уштур, ки дар ин байт ишора шудааст, яке аз фузало ва шуарои араб ва аз наздикону хосони амиралмӯъминин Алӣ бинни Абӯтолиб буд.

86 Панҷ байти ин ғазалро дар баъзе баёзҳо ба шоираи асри Х Робиаи Қаздорӣ низ нисбат додаанд. Ин абьёт ба исми Робиа дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958, саҳ. 108—109) низ ба табъ расидааст. Ин ғазал дар девони чопии Адиб Собир ҷой дорад. Инчунин вай дар қадимтарин дастнависи дастрасбудаи ӯ, ки дар китобхонаи «Индиа Офис»-и Англия маҳфуз аст ва дар девони дастнависи дар фонди дастнависҳои АФ Тоҷикистон маҳфуз будаи вай боздид мешавад.

87 «Аржанг» номи китоби Монист, ки ба нақшу тасвирҳои гуногун оро ёфта будааст.

88 Дар таҳти ифодаи «Дашти Карбало» саҳрои хушку беоби шаҳри Карбало ба назар дошта шудааст. Дар байти сонавӣ зикри «Шаҳиди Карбало» ишора ба фарзанди Алӣ—Ҳусайн аст, ки ӯ аз тарафи мухолифонаш дар дашти Карбало қатл шуда буд.

89 Дар ин ғазал Адиб Собир илтизоми калимаи «ақиқ» кардааст ва онро дар ҳар байт нигоҳ доштааст. Мазмуни ишқии ғазал бо ёрию ширкати ин калима барқарор ва тартибу танзим гардидааст.

90 Дар ин мисраъ таносуби мантиқии калимаҳои «зулфу шамшод» то андозае ачиб менамояд. Одатан қадро шамшод номида, зулфро бештар ба сиёҳи ташбеҳ медиҳанд. Дарозии зулфро расани зулф низ реноманд. Аз шеъри Адиб Собир ҳувайдост, ки дарозии онро шамшод ҳам гуфтан мумкин будааст. Мисраи мазкур дар нусхаҳои девони шоир бо ғазали пурраащ ба ҳамин шаклаш боздид мешавад.

91 Лайса лил-инсони илла мосаъо—ҷумлаи арабӣ буда, маъниаш «инсон ҳамеша дар саъю кӯшиш ва меҳнат бошад» гуфтан аст.

92 Ин калимаро «гирд» хондан ҳам мумкин аст, зеро гашти рӯзгор, даври осиё ва гирд гаштани сар таносуб доранд ва шоир гӯё чархзании сарро аз даври рӯзгор ба гирдгардонии осиё монанд кардааст. Аммо агар абьёти қитъаи шоирро пурра мутолиа намоем, калимаи мазкурро «гард» хондан беҳтар менамояд. Чаро ки шоир дар қитъа тасвири пирӣ карда ва аз рӯзҳои ошуфтаҳоли ин айём ва ғамнокию заъифӣ шикоят намудааст. Ба ин асос ӯ дар байташ сафедии мӯи сари худро аз гашти рӯзгор ба гарди сафеди осиё шабеҳ додааст.

93 Ёдовари аз оли Имрон ишора ба авлоди мӯсавиён аст. Имрон номи падари Мӯсои пайғамбар буд. Дар шеъри шоир ибораҳои «оли Имрон» ва «фурудулбақар» бе муносибат зикр нашудаанд. Ин ҷо ба ха-

мон маслаки гӯсолапарастии Сомирии соҳир ва пайравони вай ишора шудааст, ки дар асри Мусои пайғамбар буньёд ниҳодаанд.

94 Адиб Собир ин қитъаро ба Шамолии Деҳистонӣ-шоири муосираш мурочиат гуфтааст. Чунон ки дар боло дидем, вай ташбиберо низ ба Шамолӣ бахшида, аз рафтори ошиқонаи ӯ ва бесабриаш дар ин роҳ ҳикоя карда буд. Дар ин қитъа бошад, Адиб ба Шамолӣ хитоб кардааст, ки чаро уро ситоиш наменамояд, ҳол он ки бе ситоиши вай ҳам қадру қиматаш афзал аст. Адиб Собирро бисьёр шоирони муосираш махсусан машҳурони онҳо чун Анварӣ, Ватвот, Ҷабалӣ ва дигарон ситоишҳо кардаанд. Адиб бо Шамолӣ дӯст буд ва аз рӯи гапаш аз баду неки ӯ огоҳӣ дошт ва ба ӯ бахшида шеър ҳам навиштааст. Ба ин чиҳатҳо ӯ аз забони ин шоир низ дар ҳаққаш сухани нек шунидан хостааст.

Дар байти дуюми қитъаи мазкур бошад калимаи «Сайқалӣ» ба тахаллуси шоир далолат дорад. Сайқалӣ дар қатори дигарон аз ситоишгарони Адиб Собир будааст ва ба ӯ ихлосмандӣ доштааст.

95 Аланнур фиссавод, ки шоир ба ҳадиси он ишора кардааст, фикраи арабӣ буда, маънинаш «нур дар торикӣ» ё «равшанӣ дар торикӣ» мебошад.

96 Қофияҳои ҳар ду мисраи чуфти ин китъаи хурд якхела яъне калимаи «корзор» шудааст. Вале ин калима шаклан якранг буда, мазмунан гуногун аст. «Корзор»-и аввалӣ ба маънии «торумор», «несту нобуд» буда, «корзор»-и сонавӣ ба ифодаи «майдони масоф», «чанггоҳ» омадааст.

97 «Ағисно ё муғис» ифодаи арабӣ буда, маъноаш «ба фарьёди мо рас, эй фарьёдрас» мебошад.

98 «Аҷирно ё муҷир» низ фикраи арабист ва тарҷумаш «ба ҳимояи мо рас, эй ҳимоятгар» мебошад.

99 Адиб Собир ин қитъаро ба ҳаҷви шоири муосираш Рашиди Ватвот бахшидааст. Рашиди Ватвот низ ба ӯ ҷавоб додааст. Вале аз ҳама муҳиммаш ин аст, ки Ватвот ба Адиб Собир ихлосмандии тамом доштааст ва дар шеъри бисьёре ӯро сифату мадҳ кардааст.

100 Адиб Собир ин қитъаро дар ҳаҷви хоҷа—шахси бадавлату мансабдор ва соҳиби дину шариат гуфта, хоҷаи пасту лаин ва зани қабоҳаткору бемазаи ӯро масхара намудааст ва ин тарз фисқу фасоди оилавӣ ва ҳамоқати баъзе соҳибмансабону диндорони асрашро сахт накӯҳиш ва танқид кардааст.

101 Футӯҳии Марвазӣ шоири ҳамасри Адиб Собир аст, ки онҳо борҳо бо ҳамдигар вохӯрда, сӯҳбатҳо кардаанд. Байни онҳо робитаи дӯстӣ будааст. Қитъаи мазкур ҳангоми бо Футӯҳӣ вохӯрдани шоир дар истиқболи ӯ гуфта шудааст ва Адиб аз вохӯрии худ бо Футӯҳӣ хеле мамнун ва масрур гардидааст.

102 Ин қитъа ба дӯсте бахшида шудааст, ки Адиб Собир вақт-вақт аз ӯ номаҳои хурсандибахш мегирифтааст. Дар мисраи аввал калимаи «номаҳо»-ро «номҳо» ҳам хондан мумкин аст, зеро дар мисраи сонавӣ маҷмӯи исмҳон (номҳои) рӯзгор номида шудани он шахс ба он далолат мекунад. Вале азбаски дар қитъа бештар аз номаҳои дӯст ва лафзу

хати зебои онҳо сухан рафтааст, хубтар аст, ки калимаи мазкур ба шакли «номаҳо» гузориш ёбад.

103 Имодии Марвазӣ шоири ҳамасри Адиб Собир аст, ки чун бисьёр муосирони дигар ӯ бо вай ҳам дӯстӣ ва рафоқат доштааст. Ин қитъа дар вақти мулоқоти Имодӣ, ки махсус ба назди Адиб Собир омадааст, гуфта шудааст. Аз мазмуни он равшан аст, ки Адиб Собир бо Имодӣ он даму соат нишаста, суҳбати ширин кардааст ва аз рӯи дуст муроди дил ҳосил намуда, хурсанду шод ғардидааст.

104 «Қулҳуаллоҳу оятулкурсӣ» исми ду ояти қуръонанд. «Қулҳуаллоҳ» аз сураи «тавҳид» ва «оятулкурсӣ» аз сураи «бақара» мебошанд. Маънии «қулҳуаллоҳ» «гӯй худо ягона аст» буда, «оятулкурсӣ» ояти арши илоҳист.

105 Шабдез ишора ба аспи Хусрави Парвез аст, ки ба ҳамин ном машҳур буд.

106 Масъуди Саъди Салмон шоири машҳури нимаи дуюми асри XI ва чорьяки аввали асри XII буда, бо Адиб Собир муосир аст. Ӯ аз дасти ҳукуматдорони аҳдаш дар ҳабсхонаҳои гуногуни пурхавфу хатари ба ном Даҳак, Су, Ной ва Маранҷ солҳо банду баст ва гирифтор мондааст. Адиб Собир дар ин қитъаи шикоятии худ ба яке аз ҳабсҳои ӯ дар зиндони Ной, ки хеле шӯҳрат дорад, ишора карда, аз бадҳолию шикастадилӣ худро ба Масъуд ва замонаро ба қалъаи Ной монанд намудааст. Ба ин тарз ӯ аз замонаи бемурувввату ғампарвар, аз бухлу ҳасади беохир ва дунии аҳли чоҳ сахт шикоят намуда, бо тасвири бадҳолии худу шикастадилии

муосири номдораш Масъуди Саъд ба замонаи фитнаангезу ташвишовар ва чоҳдорони сангиндилу бемурувввати он лаънат хондааст.

107 «Шаби барот» шаби понздаҳуми моҳи шаъбонро мегуфтанд, ки дар он шаб аз рӯи ривоят гӯё малоика ҳисоби умр ва тақсими ризқ мекардаанд. Дар байти Адиб Собир ин ривоят ёдовари ва талмеҳ гардида, тавассути он мазмун офарида шудааст.

108 Ин калимаро ба шакли «гирд» ҳам хондан мумкин аст. Зеро шоир товони азоби худро аз он донистааст, ки хитбаи амал гирди хотираш гаштааст. Яъне ба ивази хизмату амал ҳабс шудааст, чунон ки Масъуди Саъд—шоири муосирашро ин ҳол даст дода буд. Вале таносубати «хитбаи амал»-ро бо «гарди хотир» ҳам дидан мумкин аст, ҳатто аз рӯи мантику маънӣ шояд ин шаклаш беҳтар бошад. Аз ин рӯ дар матн гузориши «гард» ба ҷои «гирд» салоҳ дида шуд.

109 Адиб Собир дар шеъри болотар омада аз замонаи сифлапарвару бемурувват шикоят намуда аз бадаҳволию парешонӣ худро ба шоири маҳбуси ҳамасраш Масъуди Саъд ва замонаро аз тангию номувофиқӣ ба ҳабсхонаи Ноӣ монанд карда буд. Дар ин китъа ӯ боз аз Масъуд ва азобу ҳабси ӯ ёдоварӣ карда, зимнан аз маҳбусияти худ ошкоро сухан рондааст, ки назар ба гуфташ аз гуноҳи амалу хизмат даст додааст. Маълум ки Адиб Собир чун Масъуди Саъд азобу ранҷи маҳбусӣ кашида будааст.

*Тавсан* — саркаш, якрав.
*Тадорук* — тадбир, чорабинӣ, илоҷ, тайёрӣ.
*Тазвир* — фиреб, макр, ҳила.
*Тазҳиб* — зарандӯзӣ.
*Тайласон* — як навъ ҷомаи васеи дароз, ки руҳониён, имому қозиён мепӯшанд.
*Такзиб* — инкор.
*Таъбия* — маҳкам, ороиш; нишондан, ҷойгирӣ.
*Таъхир* — дермонӣ, даранг.
*Тал(л)* — шабнам.
*Талал* — вайрона, хароба; мавзеъ, макон, ҷой.
*Танз* — тамасхур, истеҳзо, таъна.
*Таназзӯҳ* — покизагӣ, покӣ, хушӣ.
*Тановул* — хӯрдан, ошомидан.
*Танаққул* —нукл, покӣ, гуворой.
*Тароиф* — ҷамъи турфа, аҷоибот, наводирот; ба маънии чизҳои хушбӯ, писандида, меояд.
*Тарьёк* — доруи зидди заҳр, позаҳр.
*Татовул* — ҷавр кардан, тааруз намудан.
*Тафаззул* — лутфу марҳамат.
*Тафоул* — фол дидан, фол гирифтан.
*Ташаввуқ* — шавқмандӣ, иштиёқ.
*Ташвир* — шармсорӣ.
*Ташаффӣ* —шифо ёфтан, шифоҷӯӣ.
*Таюр* — ҷамъи тайр, парранда, мурғ.
*Тақсир* —нуқсон, хато.
*Темор* — ғаму надомат, андӯх.
*Тиҳ* — биёбон, бодия.
*Толеъ* — тулӯъкунанда, бароянда (онд ба офтобу моҳ).
*Туғро* — гулхат, навъе аз хати насх.

## У

*Уд* — чӯби хушбӯи сиёҳранг, ки бӯ сӯзонидан дар миҷмар хушбӯй медиҳад.
*Узл* — бекоркунӣ, бекорӣ.
*Узлат* — хилватгузинӣ, гӯшанишинӣ.
*Узубат* — фасоҳат.
*Утлат* — бекорӣ.
*Уҷб* — ғурур, худписандӣ.

## Ф

*Фазаъ* — тарс, бим, даҳшат.
*Фазиҳат* — беобрӯӣ.
*Фан(н)* — фиреб, макр, найранг.
*Фарвардин* — моҳи якуми соли шамсӣ, ки ба 22 март—22 апрель рост меояд, моҳи аввали баҳор.
*Фаръ* — ғайри аслӣ, дуюмдараҷа.
*Фариза* — фарз, ҳатмӣ, воҷиб.
*Фариқ* — тоифа, гурӯҳ, тӯда.
*Фарқ* — тори сар.
*Фарқат* — номи яке аз ду ситора дар галаситораи Дубби Асғар, ки ҳар ду ситора якҷоя Фарқадон ё Фарқадайн номида мешавад.
*Фарҷом* — анҷом, натиҷаи кор.
*Фаҳл* — нар, мард; мӯътабар, барҷаста.
*Физоидан* — афзудан, афзоиш.

Шаб шунидастӣ зи рӯз овехта . . . . . . . . 259
Моҳро монад рухаш нокоста . . . . . . . . . 260
Эй, шаби торӣ ғуломи мӯи ту . . . . . . . . —
Чун зулфи ту беқарорам аз ту . . . . . . . . 261
Хилъати чашми ман аст роҳати дидори ту . . . 262
Гашт аз ҳавои ӯ тани ман чун миёни ӯ . . . 263
Гар ба ду рух фитнаи наззорай . . . . . . . —
Эй, турраҳои хубон аз нофаи ту бӯе . . . . . . 264
Сипеҳри некӯиро меҳру моҳӣ . . . . . . . . . 265
Танг аст маро дил зи гами тангдаҳоне . . . . . —
Аз мушки ноб силсила бар маҳ фикандай . . . 266
Эй, зулфи ту чун ваъдаи васлат ба дарозӣ . . . 267
Гаштам аз ҳаҷри ӯ низор чун най . . . . . . . —
Ба рӯи туам дил кушояд ҳаме . . . . . . . . . 268
Гар маро савдои он ёри камонкаш нестӣ . . . 269
Ба ҷону дил туро бошам, чӣ бошад, гар маро
бошӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 270
Эй боди субҳдам, дами Исои Марьямӣ . . . . . —
Нигоро, садҳазора гар дил астӣ . . . . . . . . 271
Гар на зи рақиб нохуш астӣ . . . . . . . . . 272
Эй пайки ҳуҷиста, насими саҳаргаҳӣ . . . . . —

**Қитъаҳо** 275

**Рубоиҳо** 335

**Ашъори мутафаррика** 357

Агар муруввату ҷуд аст дар ҷаҳон мавҷуд . . 358
Фазле, ки аз ӯ закот бошад . . . . . . . . . 359
Ба муолиҷат тани ман зи ту ҷуз алам надорад . 360

Гар маро савдои ишқи он даҳан камтар шавад . 360
Ба қамар фурӯғ бахшад рухи ҳамчу гулситонаш . —
Боди саҳар, ки сӯи ман орад паёми ӯ . . . . . 361
Н-аз халқ ҳеҷ кори маро истиқомате . . . . . . —

**Тавзеҳот** 362

**Луғат** 385

*Адиб Собири Тирмизӣ*

**ИЗБРАННОЕ**

(на таджикском языке)

Муҳаррир *Қ. Киромов*
Оронши *Г Красовский*
Муҳаррири оронш *Т. Королёва*
Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳон *М. Рақибов, Ш. Холниёзова*

БИ № 647

Ба матбаа 31.07.80 супурда шуд. Ба чопаш 17.08.81 имзо шуд. КЛ 04553. Формати 60×70$^{1}/_{16}$. Қоғази офсетӣ № 1. Гарнитурааш адабӣ Чопаш офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 20,28. Ҷузъи рангаи шартӣ 1561,750 ҳазор. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 13.53. Адади нашр 25000. Супориши № 2234. Нархаш 1с.70т..

Душанбе, нашриёти «Ирфон» кӯчаи Айнӣ 126.
Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, хиёбони Ленин, 37.

Амурова Джараво
група 1" А"